**Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва ояндангарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 2 (15), 2019**

Маҷалла 17 декабри соли 2015 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва таррох:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

## ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

### ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ДАВЛАТДОРИИ ДУНЯВӢ

**С. Ятимов.** *Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ*.......................... 4
**Нозим Нурзода.** *Биниши миллӣ – бозтоби тафаккури дунявӣ*............ 45

### МАОРИФПАРВАРӢ ВА РАВАНДҲОИ МУОСИРИ СИЁСӢ

**Ҳабибулло Раҷабов**. *Нақши забони форсӣ –тоҷикӣ дар ташкилёбии забони урду*.......................................................................................... 52
**Ғаффор Мирзоев.** *Масъалаи ҳақ ва ҳуқуқи занони аморати Бухоро аз назари Аҳмади Дониш*.................................................................... 59
**М.С. Мирвайсов.** *Политика противодействия Таджикистана угрозе использования информационных технологий в процессе вовлечения молодежи в ряды радикальных организаций*....................... 69
**Б. Раҳимов.** *Ифротишавии муҳоҷирони меҳнатӣ: омилҳои таъсиррасон*............................................................................................ 79
**Фирдавс Мирзоёров., Комил Латифов.** *Хусусиятҳои сарфии вожаҳои марбути ҳуҷҷатгузорӣ дар «Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»*............................................................... 89
**Қобилҷон Урунбоев.** *Ақидаҳои иҷтимоӣ - ахлоқии Сайидои Насафӣ.* 95
**Меҳрдод Қурбониён.** *Шоҳмот-бозии зеҳнии тоҷикон*........................ 99
**Маҳноза Тӯхтаева.** *Маҷаллаҳои илмии тоҷикӣ дар фазои маҷозӣ*...... 102

### ФАРҲАНГИ НАВРӮЗӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Тоҷинисо Муродова.** *Гули лола - рамзи ишқу муҳаббат ва ягонагӣ*.... 109
**Нозим Нурзода.** *Ҷойгоҳи Наврӯзи бостонӣ дар таҳкими раванди худшиносии миллӣ*........................................................................... 113
**Комил Бекзода.** *Наврӯзи зиндагӣ (Шеърҳои Наврӯзӣ)*...................... 120

### ИҚТИСОДИ ВАТАНӢ ВА РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГӢ

**Т.Х.Турсунов., Турсунова Н.Р.** *Рушди туризм дар Ҳиндустон*.......... 124
**Номвар Қурбон.** *Иқтисоди «сабз» - заминаи бунёдии рушди устувор.* 135
**Ардамехр Ашӯров**. *Нигоҳе ба таърихи ташаккул ва рушди робитаҳои илмиву адабӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса*.............................................................................................. 144
**Мирзоёр Мирзоёров.** *Робитаҳои фарҳангӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Олмон*........................................................................ 156

### АЗ СИЛСИЛАИ РАВШАНФИКРОНИ МУОСИР

***Вил Дюрант.*** *Эдмунд Ҳуссерл ва Мартин Ҳайдеггер−бунёдгузорони фалсафаи вуҷудӣ. Таҳияи* **Комил Бекзода ва Дидавар Бекзода**........... 162

# ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ДАВЛАТДОРИИ ДУНЯВӢ

**С. Ятимов**
*доктори илмҳои сиёсӣ,*
*узви вобастаи Академияи илмҳои*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ХИРАДСОЛОРӢ ВА ОИНИ ДАВЛАТДОРӢ

### Муқаддима

Давлат муҳимтарин ниҳод дар системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Он масъули аслии амалкарди низоми ягонаи фаъолияти дастаҷамъонаи одамон, гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ дониста мешавад.

Ин ташкилот, захираҳои муайяни моддӣ ва маънавиро дар ихтиёри худ мегирад, то рисолати вогузоршударо тибқи меъёрҳои муайянкардаи қонун иҷро, назорат намояд ва ниёзҳои мардумро таъмин карда тавонад.

Давлат дар қаламрави худ ва дар муносибати беруна субъекти комилан мустақил аст. Ин хусусият дар риояи ҳатмии меъёрҳои муайяншудаи ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон ифода меёбад. Пешбурди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, тартибу низом, ҳаллу фасли масъалаҳои амниятӣ, мудофиавӣ аз вазифаҳои муҳимтарини давлат маҳсуб мегарданд.

Ҳамзамон, амалисозии муваффақонаи уҳдадориҳои давлат ва андешидани тадбирҳои таъсиррасонӣ, тарбиявию фаҳмондадиҳӣ дар ҷомеа нақши калидиро мебозанд.

Қаламрави кишвар, миллат, системаи сиёсӣ, таъмини тартиботи конститутсионӣ ҳамчун аломатҳои асосии давлат эътироф гардидаанд.

Мафҳумҳое, ки хотиррасон шуданд, характери типологӣ, умумӣ ва назариявӣ доранд. Аз нигоҳи принсипиалӣ барои назария ва амалияи тамоми давлатҳо ҷузъи ҳатмӣ мебошанд.

Аз нигоҳи антропологӣ, мисли як фард, ҳар давлат хусусиятҳои алоҳидаи худро дороcт. Тақдири он бо таърих ва

таҷрибаи давлатдорӣ, сифат – маърифатнокӣ, хислат, характер, ҳувият, ҷаҳонбинӣ, самтгирии ақидатӣ ва маданияти сиёсии сокинони он, урфу одатҳои миллӣ, захираҳои табиӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, вазъ ва таносуби геополитикии мамлакат дар вобастагии системавӣ қарор дорад.

Тавре хотирнишон гардид, яке аз муҳимтарин масъалаҳои давлатдорӣ сифати миллат мебошад. Муҳтавои онро мушаххасан муаррифӣ кардани миллат дар дохил ва беруни кишвар бо маҷмӯи нишонаҳои ҳамешагӣ – ваҳдат, нангу номус, шарафи миллӣ, ифтихор аз мансубият ба Ватани аҷдодӣ, истодагарӣ ва то охир ҳимоя кардани манфиатҳои миллӣ, ҷаҳду талоши содиқона ҷиҳати расидан ба худкифоии моддӣ ва маънавӣ, ноил гаштан ба дастовардҳои бузург дар ростои таъмини истиқлолияти давлатӣ ташкил мекунад. Ин арзишҳо дар ҷаҳони нав – ҷаҳони рақобатҳои печида ва мураккаб, барои устуворӣ ва пойдории давлат нақши ҳалкунанда доранд. Зеро сифати миллат дар муносибати намояндагони он бо тамоми рӯйдодҳое, ки наметавонанд ба манфиатҳои сарзамини аҷдодии ӯ созгор бошанд, зуҳур меёбад. Амали инсон аз шуури ӯ бармеояд. **«Шуур, агар дақиқтар гӯем, муносибат ба воқеият аст. Фарқ надорад, дохилӣ аст ё берунӣ»** (Г. В. Ф. Гегель. Работы разных лет. Т. 2. – М.: Мысль, 1973. – С. 7).

Гузаштаи миллати тоҷик, ба истисноИ давраи муайяни ҳукмронии сулолаи Сомониён ва ду даҳсолаи ахири замони нав, фоҷиабор буд. **Агар ба таърих воқеъбинона назар андозем, дар ҳарду ҳолат, маҳз бо саҳву хатоҳои алоқаманд бо ҷоҳталабӣ, сабукфикрӣ ва ҳангомаҷӯии баъзе ҳамватанони тангназар, ки шароитро барои суиистифодаи аҷнабиён муҳайё гардонид, миллати тоҷик амалан аз давлат ва дар ҳолати дуюм аз ҳокимияти марказонидашуда маҳрум шуд. Тоҷикистон ҳамчун мафҳуми ҷуғрофӣ (*мамлакат*) боқӣ монд, на дар доираи истилоҳи ҳуқуқӣ (*давлат*).**

Ҳақиқати таърих шарҳ дода нашавад ҳам, мутаассифона, воқеияти замони сипаригашта ҳамчунон бетағйир мемонад. **Назария ва амалияи давлатдорӣ дар дунё ишора ба он мекунад, ки миллат бояд аз ҷиҳати маънавӣ устувор ва сазовори истиқлолияти давлатӣ бошад. Иқтидору тавони расидан ба арзишҳои онро дар худ инъикос намояд.** Дар ин маврид, Аристотел мефаҳмонад: **«мо давлат гуфта, маҷмӯи ҳамон шаҳрвандонро меномем, ки сифатҳои**

**ҳонеъкунанда, ба тарзи умумӣ гӯем, худкифоро доранд»** (Аристотель. Политика. – М.: РИПОЛ классик, 2000. – С. 165).

Агар дар бисёр ҳолат пайдошавии давлат маҳсули дараҷаи муайяни тараққиёт ва зиддиятҳои иҷтимоӣ, ҳамчун қонунияти таърихӣ бошад, **поядагӣ ва рушди** он чунин вазъиятро сарфи назар мекунад. Умри давлат, рушду нумӯи он аз **«сиёсат ва мавқеи сиёсии пешоҳангони миллат» (*the nation's leaders*), тавре хотирнишон гардид, «характери миллӣ, маънавиёти миллӣ»** (C. Jack, R.Plano. The international Relations dictionary. – New York: 1982. – P. 10) вобастагии пурра дорад**.**

Раҳбарии сиёсӣ аз мавзӯъҳои асосии илми шинохти давлат ба ҳисоб меравад. Ҳаёти ҷомеа маҷмӯи муносибатҳои ниҳоят мураккаби шахсиятҳо, гурӯҳҳо, синфҳо ва муассисаҳои сиёсӣ мебошад. Дар чунин вазъ нақши Раҳбар хамчун сарнавиштсози рисолати давлатдорӣ шинохта мешавад.

Ҳангоми таҳлили паҳлуҳои зуҳуроти раҳбарии сиёсӣ дар таҷрибаи давлатдории миллати тоҷик, ду намунаи барҷаста ва мондагори таърих, фалсафаи сиёсат маҳсуб мегарданд: корномаҳои шоҳ Исмоили Сомонӣ ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

**Боиси таваҷҷуҳи махсуси илмӣ аст, ки соҳиби қудрати давлатдорӣ ва давлатсозӣ шудани ду шахсияти бузург омил ва хосиятҳои фавқулода *(the situational factors)* дорад.**

Исмоили Сомонӣ вақте азми сохтани давлати мутамарказро пеша кард, ки халқи тоҷик дар вазъияти мураккаби кашмакашиҳои дохилӣ ба муқобили истилогарони бодиянишин талош меварзид. Ӯ **«аз мубoризаи оммаи халқ барои истиқлолият истифода бурда, нахустин бор пас аз истилои араб сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ парешонгаштаро ба ҳам муттаҳид намуд ва давлати бузурги мустақиле ба вуҷуд овард»** (Б. Ғафуров. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби якум: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С. 453-454).

Дар байни фаъолияти давлатсозии шоҳ Исмоили Сомонӣ ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон умумиятҳои таърихии қавӣ ва мушобеҳ вуҷуд доранд. Ин масъала мавзӯи алоҳидаи тадқиқот хоҳад буд. Айни замон, хотирнишон кардани баъзе

ҷузъиёти чунин монандӣ матлаби аслии рисолаи мавриди назарро равшантар мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вақте зимоми сиёсиро ба уҳда гирифт, ки қувваҳои худхоҳ, воқеан, низоми мутамарказонидашудаи давлати тоҷиконро, ки бо амри тақдир истиқлолият касб карда буд, пора-пора намуданд. Дар Тоҷикистон давлат ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ вуҷуд надошт.

Аллома Бобоҷон Ғафуров чараёни сарвари давлат гаштани Исмоили Сомониро чунин шарҳ медиҳад: **«Исмоил тахтро аз Наср кашида нагирифт, зеро ӯ ... чунин даъво надошт. Ӯ фақат барои истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсии Бухоро ва ба мулки хоса... табдил додани он мубориза мекард ва дар соли 888 ба ин нияти худ расид ва мулки хосаи ӯ Бухороро пойтахти давлати Сомонӣ эълон кард»** (Ҳамон ҷо. – С. 451).

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замоне раҳбари ҳокимияти сиёсӣ интихоб гардид, ки воқеан **(de facto)** пойтахти мамлакат имкони таъмини иҷрои вазифаҳои конститутсионии худро аз даст дода буд. Он бояд барқарор карда мешуд.

Исмоили Сомонӣ ба мардуми Бухоро сулҳ, оромӣ ва осоиштагӣ овард. **«Ин ғалаба ба Исмоил аз он сабаб муяссар гардид, ки ӯро оммаи халқ – мардуми авом ва пешаварон дастгирӣ карданд».** Ва ӯ эълон кард: **«То вақте ки зиндаам, қалъаи Бухоро ман ҳастам»** (Ҳамон ҷо. – С. 453). Замон ва вазъи сиёсии таълифи китоби «Тоҷикон»-ро Бобоҷон Ғафуров ба инобат гирифта, бо оҳанги эътимоду таъкид ва овардани далелҳои илмӣ нисбат ба ин изҳороти тақдирсоз, ки аз рӯҳи ҷавонмардӣ ва қавииродагии поягузори давлати аввалини тоҷикон шаҳодат медиҳад, менигорад: **«Инро Табарӣ, Ибни Мисковайҳ ва боз ҳам равшану возеҳтар Наршахӣ тасдиқ мекунанд»** (Ҳамон ҷо. – С. 453).

Фарзанди бузурги халқи тоҷик Эмомалӣ Раҳмон, ки он давра ҳамагӣ чил сол дошт, ба мардуми ранҷкашида, аз ҷангу кашмакашиҳо хаста ва ноумедгашта, чун Исмоили Сомонӣ эълон кард: **«Ё ман дар Тоҷикистон сулҳ барқарор мекунам, ё ман дар ин роҳ ҷони худро медиҳам»** (В. Ғаффорӣ. Эмомалӣ Раҳмонов: «Ман ба шумо сулҳ меоварам!». – Душанбе: 1998. – С. 6).

Ҳангоми тафсири шахсияти Исмоили Сомонӣ, Б. Ғафуров сифатҳои шуҷоатмандӣ, хирадсолорӣ, кордонӣ ва мантиқи бузурги истифода бурдани неруи суханро аз ҷониби асосгузори давлати тоҷикон тасвир мекунад.

Омӯзиши таърихи навтарини миллати тоҷик нишонгари он аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон маҳз тавассути Ақл, Хирад, Тадбир ва тавоноии Сухан, ки аз ҷавҳари маънавиёти бузурги ӯ сарчашма мегиранд, тавъам бо рафтори ҷавонмардонааш тавонист дар дилу дидаи мардум ҷо шавад, ба кишвар сулҳ биёрад, суботу амнияти Ватани азияткашидаи моро барқарор созад.

**Қудрати суханварӣ, маъниофаринӣ, ифодаи бурро ва шевои Пешвои миллати тоҷикон ниёз ба таҳлил, тадқиқ, омӯзиш, арзёбии дақиқ ва пайравии амикро дорад.** Ҳангоме ки Сарвари давлат дар боби муҳимтарин масъалаҳои давлатдорӣ, ватанпарварӣ, истиқлолият, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ҳарф мезанад, аз перояи нангу номус ва ҷавонмардӣ баҳс меорояд, аз маъниҳои барҷаста, калима ва таркибҳои суфтаву ҳамвор, дилчаспу форам ва муассиру ҷозибадор устодона истифода мекунад. Пешвои миллат ба тани сухан ҷон ва ба дили пурармони мардуми азиятдида ва меҳнатқарини кишвараш дармон мебахшад.

Ҳамин тариқ, мавзӯи баҳси мақола кӯшиши омӯзиши баъзе аз паҳлуҳои китоби **«Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон»** (– Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – 464 с.) мебошад.

**Оид ба истиқлолияти давлатӣ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат падидаи истиқлолияти давлатиро армуғони тақдир намешуморад. Ба рӯйдод аз чаҳорчӯбаи таърихи беш аз сеҳазорсолаи миллати тоҷик менигарад. Таъкид месозад, ки ормони истиқлолият аз нахустин лаҳзаҳои шаклгирии миллати тоҷик арзи ҳастӣ кардааст. Шароити мушаххаси таърихи пайдоиш ва рушди ҷаҳонбиние, ки мустақилияти сиёсии миллатро дар назар дошт, ёдрас мегардад. Дар таълифи асарҳои илмӣ ва ҳидоятномаҳои Раҳбари давлат тафсири воқеоти гузашта, шарҳи вазъи кунунии сохти давлатдорӣ ва дар ҳамин замина раванди инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон дар назар дошта мешавад. Мафҳумҳои **«ҳувияти устувор», «арзишҳои бузург ва созанда», «дарки масъулияти ватандорӣ», «мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ», «фарҳанг» ва «маданият»** аз истилоҳоти инъикоскунандаи фарҳанги сиёсии халқи тоҷик

мебошанд, ки қонунмандии ба мустақилият расиданро ҳамчун далели муътамад равшан месозанд: **«Дар ниҳоди миллати мо омилҳои бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлолият ҳамеша вуҷуд доштанд: асолат ва ҳувияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузург ва созандаи иҷтимоӣ, фарҳанг ва маданияти дурахшон, ки ҳамаи онҳо дар асл шаҳсутунҳои ҳаёти фаъол ва таърихии мо будаанд»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЧДММ «Контраст», 2017. – С. 8-9).

Дар ҷои дигар, Пешвои миллат ба ин масъала бори дигар ишора намуда, сарчашмаҳои истиқлолияти миллиро возеҳтар иброз медорад: **«Истиқлолияти мардуми тоҷик решаи қадимаву устувори маънавӣ дорад ва ибтидои давлатдории мо ба аҳди Каёниён рафта мерасад»** (Ҳамон ҷо. – С. 11).

Барои Пешвои миллат падидаи истиқлолият аз дастовардҳои нодиртарин дар таърихи халқи тоҷик аст. Онро бо маъниҳои наздик ба мафҳуми инқилоб (1. *Якбора баргаштан аз ҳоле ба ҳоли дигар, дигаргунии қатъӣ. 2. Тағйироти амиқи сифатӣ дар тараққии ягон ҳодисаи табиат ва ҷамъият ё маърифат.* (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 571) дар ҳаёти мардум мешуморад. Мефаҳмонад, ки чунин таҳаввулоти бузург бар дӯши миллат чӣ масъулиятро ба бор дорад: «Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардида, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошт» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЧДММ «Контраст», 2017. – С. **7).**

**Масъалаи соҳибихтиёрӣ барои Роҳбари давлат хусусияти танҳо хуқуқӣ, ифтихорӣ, декларативӣ, идеявӣ надорад. Чунин мафҳуми муқаддасро дар ҳамоҳангӣ бо алоқаи диалектикии моҳиятӣ мебинад. Ҳидоят менамояд, ки маънии онро бояд ҳамагон омӯзанд. Андеша кунанд. Ин падида ҳамчун «**неъмати бебаҳо ва ниҳоят пурарзиш, ки халқи тоҷикро соҳиби комилҳуқуқи сарнавишти хеш намуд ва ҷомеаи мо ҳамчун

давлати демократӣ ба раванди умумии таърихи аҳли башар ворид гардид» **(Ҳамон ҷо. – С. 14), миллатро ба андешаи амиқ, хулосабарории дақиқ ва рафтори шоистаи ватанхоҳона ҳидоят месозад.**

**Вақте афкори Раҳбари давлат мавриди омӯзиш қарор мегирад, дар он ифодаҳое, ки ишораи мутлақият дошта бошанд, ба назар намерасад. Зуҳуротро ҳамчун мазҳари моҳият дар ҳолати доимии диалектикӣ – тазод, ҳаракат, ҷунбиш, ивазшавӣ, баҳамхӯрии омилҳо, ки метавонад, сабабгори натиҷаҳо бошад, баррасӣ менамояд. Чунин хулосагирӣ касро ба андешаи амиқ водор месозад.**

**Мафҳуми** «**истиқлолият**» **дар фармудаҳои Пешвои миллат маънии фароҳамсозии** «**имконият**»**-ро дорад. Имконият ба давлат, ба ҳукумат, ба зиёиён, ба табақаҳои гуногуни ҷомеа – аз хурд то бузург, ба ҳар фарде, ки зарфият, қобилияти фикрронии комил ва тафаккури солим дорад, сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ, мансубият ба дину мазҳаб худро соҳибватан мешуморад:** «Истиқлолият ҳамон вақт маъниву моҳияти ҳақиқӣ пайдо мекунад, ки ҳар фарди ҷомеа, аз ҷумла аъзои ҳамаи аҳзоби сиёсӣ, ба қадри он расанд ва ин неъмати муқаддасу бебаҳоро ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ҳифз намоянд ва таҳким бахшанд» **(Ҳамон ҷо. – С. 9). Мантиқи синтаксисии ифода – шарти пойдории истиқлолиятро дар гиромӣ доштан, ҳифз кардани он медонад.**

**Сардари давлат мафҳуми мустақилиятро дар пешбурди манфиатҳои миллӣ ва рушди Тоҷикистон мебинад. Ноил гаштан ба чунин натиҷаро одӣ ва осон намешуморад. Вазъи** «ин дунёи пурталотумро» **ба инобат мегирад. Кӯшиш мекунад, дар заминаи мустақилият** «роҳи хосаи кишвар», **ки фарҳанг, анъана, урфу одат, маънавиёт ва ниёзхои миллии моро дар бар мегирад,** «мартабаву манзалати лоиқи худро пайдо кунем».

**Бо назокати олимона хотиррасон менамояд, ки ифтихор аз гузашта маънии дар он сатҳу савия нигоҳ доштани андеша ва вазъро надорад. Дар мантиқи баёни Пешвои миллат мазҳари омӯхтан, аз худ кардани арзишмандтарин дастовардҳои моддӣ ва маънавии таърихи беш аз сеҳазорсолаи миллат ҳамеша мадди назар аст. Он дар амалияи сиёсии давлатдории навин бо масъулияти бузург мавриди тарғиб ва истифода қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки дастовард ва мероси ниёгон бояд чун**

**сарчашмаи маънавии худшиносии миллӣ хизмат кунад. Дар ин ҳолат, сабк ва оҳанги нигориши Сарвари давлат ҷанбаи ифтихорӣ мегирад, бо сарафрозӣ моро вазифадор мекунад:** «сарзамини куҳанбунёди хешро ба шаклу тариқаҳои муосир ба оламиён муаррифӣ намоем» **(Ҳамон ҷо. – С. 9).**

**Яке аз қонуниятҳои муҳимми рушди табиат, ҷамъият ва тафаккур таҳаввулот, дигаргунӣ аст. Дар фармудаҳои Сарвари давлат аз замони вакили Маҷлиси Олӣ будан (солҳои 1990-1992) то ба имрӯз, ҳам дар қавл ва ҳам дар амал, мантиқи такя кардан ба илм, маориф, истифода аз роҳу усулҳое, ки дар таҷрибаи сиёсии давлатҳои мутамаддини олам санҷида шудаанд, барҷаста ба назар мерасад. Роҳи муборизаи ӯ – ба хотири пешравӣ, рӯз ба рӯз беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардуми одӣ аст. Раҳоӣ аз гузаштаи фақирона, нодорӣ, дастнигарӣ, ҷаҳолат, таассуб, ақидаҳои бепояи тавлидкунандаи рӯҳ ва андешаи ғуломӣ, тақдирпарастӣ, бегонасолорӣ – аз муҳтавоҳои аслии мафҳуми «истиқлолият» дар нигоштаҳои Сарвари давлат мебошанд.** «Андеша сари он аст, ки донистани рӯҳ ба фаҳми ҳама гуна ҳақиқат созгор меояд» **(Аристотель. Сочинения в четырех томах. Т. 1. – М.: Мысль, 1975. – С. 371). Оини раҳбариро ба мақсад мувофиқ мегардонад. Дар асоси маърифатнокӣ худкифоии шоиста – амалӣ гаштани орзуву омоли мардумро осон мекунад.**

**Истиқлолият дар ҳидоятномаҳои Пешвои миллати тоҷик чун волотарин арзиши миллӣ, гаштаву баргашта хотиррасон карда мешавад:** «Тамоми кӯшишу талошҳои мо бояд ба он сафарбар карда шаванд, ки истиқлолият дар радифи «миллат», «Ватан» ва «ваҳдат» ба мафҳуми ҷудонашавандаи ҳастиву шуур, ҷаҳонбинӣ ва арзиши бунёдии зиндагии ҳар як шаҳрванди кишвар мубаддал гардад» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **12).**

**Дар андешаи Сарвари давлат истиқлолият аз бузургтарин муқаддасоти моддӣ ва маънавии миллати тоҷик тафсир мегардад. Мантиқи структуравии ин истилоҳ посухгӯии ниёзҳои созгори манфиатҳои миллиро дар бар мегирад. Барои дарки амиқи масъала, Пешвои миллат арзишҳои умумимиллӣ ва умумибашарии «Ватан», «миллат» ва «ваҳдат»**-ро, **ки аз**

**ҷиҳати семантикӣ ҳамрадифи «истиқлолият» мебошанд, истифода менамояд. Чунин тарзи изҳори назар илман асоснок аст. Истиқлолияти давлатӣ баёнгари зуҳуроти системавӣ мебошад. Истилоҳоти номбурда ҷузъиёти асосии он махсуб мегарданд. Истиқлолият наметавонад аз лиҳози сохторӣ–функсионалӣ бидуни чунин маъниҳои ҳадафманд самаранок фаъолият кунад.**

**Истилоҳоти номбаршуда ба ҳайси амалкарди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҷанбаи дохилӣ ва берунӣ доранд: ҳангоми муайян кардани мавқеи давлат, самаранокии корбурд дар қаламрави кишвар ва муаррифии миллат дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун субъекти сиёсӣ. Дар ин сурат, суханҳои Пешвои миллат шакли мансури Суруди милии моро ифода мекунанд: Ватан модари ягона аст. Бақои он бақои хонадони мо мебошад. Ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, дар сурате, ки соҳибватан бошем. Ба ибораи шоири машҳур Ҳоқонӣ, «суварнигори ҳадис дар мантиқи сухан ҷон ниҳодан»-ро шарти муҳим мешуморад. Истиқлолият ҳам, дар вуҷуди Ватан ва миллат ҳамин нақшро иҷро мекунад.**

**Агар муҳимтарин офаридаҳои табиат обу ҳаво бошанд, ки бе онҳо дар рӯи замин ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад, дар суханҳои ҳикматомези Сарвари давлат истиқлолият барои миллат айнан ҳамин ҷойгоҳро касб кардааст.**

**Боиси таасссуф аст, ки барои баъзе ашхос мафҳуми истиқлолият хосияти ҳошиявӣ, номуайянӣ ва космополитикӣ дорад. Заминӣ, мантиқӣ нест. Аз панди «зи баҳри** бару буму фарзанди хеш, зану кӯдаки хурду пайванди хеш» **(Фирдавсӣ) сарчашма намегирад. Ин ашхос аз рӯи мантиқи** «он ҷо, ки ҳасиб аст, он ҷо насиб аст» **амал мекунанд. Вориди бозиҳое мегарданд, ки имкони эҷоди хатар ба истиқлолияти Ватан барояшон навъе аз «касби ифтихорӣ» қабул шудааст. Фаромӯш мекунанд, ки ҳадафи аслӣ – ҳамватанони одии онҳо, эҳёгар ва меъморони Ватанашон мебошанд, ки номи миллаташонро ба қимати ҷон ба ҷаҳониён муаррифӣ намудаанд.**

**Ҳамин тариқ, ба ҳама гуна арзишҳои олам, ки муқаддастарини онҳо «Ватан», «Миллат» «Истиқлолият» мебошанд, таҳдидҳои воқеӣ доимо вуҷуд дорад. Чунин вазъият чизи фавқулода, ғайриинтизор ва тааҷҷубовар нест. Одӣ, заминӣ ва фаҳмо аст. Таҳдид барои давлат ҳамчун**

«организми зинда дар фазо» **(Хаусхофер),** «майнаи замин, ки тибқи манфиати хеш амали бошуурона ***(дар доираи манфиати миллӣ – С. Я.)*** ба намоиш мегузорад» **(Аристотел), ғайричашмдошт буда наметавонад. Чунки** «давлат» **дар маҷмӯъ падидаи маҳсули хатарҳост – бо мақсади нишон додани қудрат ва тавоноӣ баҳри ҳимоя кардани миллати мустақил аз онҳо.**

**Мантиқи** «арзишмандтар будани тавони ҳимояи инқилоб дар рӯзи дуюми баъд аз пирӯзии инқилоб»**-ро Пешвои миллат бо услуб ва оини масъулияти давлатдорӣ дар мисоли ҳифзи истиқлолияти миллӣ бузургворона баён кардааст:** «Таърих собит намудааст, ки ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору заҳматталаб мебошад, вале ҳимояи пирӯзиҳо ва дастовардҳои истиқлолият кори аз он ҳам душвортар аст» **(Ҳамон ҷо. – С. 10).**

**Ҳимояи истиқлолияти миллӣ дар андешаҳои Пешвои миллат ҷанбаҳои мақсаднок, дар таҷриба санҷидашуда ва амалӣ дорад.**

**Сарвари давлат ҳимоя ва таъмини ҳадафҳои истиқлолияти миллиро аз вазифаҳои муштараки, пеш аз ҳама, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ тавассути ба инобат гирифтани воқеияти моддӣ, маънавӣ, амалкарди давлатдории миллӣ ва таҷрибаи фарҳанги сиёсии сатҳи байналмилалӣ мешуморад:** «Мо вазифадорем, ки ба хотири ҳифзи истиқлолияти давлатамон ва таъмин намудани рушди бонизоми иқтисодиву иҷтимоии кишварамон сиёсати давлати худро бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, имконияту захираҳои воқеӣ, таҷрибаи давлатдории миллӣ ва тибқи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ таҳия, роҳандозӣ ва таъмин намоем» **(Ҳамон ҷо. – С. 6).**

**Яке аз омилҳое, ки ба истиқлолияти давлатӣ дар замони ҳозира хатари воқеӣ эҷод мекунад, пешбурди манфиатҳои геополитикӣ мебошад. Воқеияти ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони солҳои 90-ум, ҳодисоти Ховари Миёна, ки ба фоҷиаи миллионҳо мардумони бегуноҳ сабаб гашт, далели ин гуфтаҳост. Чунин бадбахтиҳо на танҳо давлатҳои нав соҳиби истиқлолият гардида, балки даҳҳо кишварҳоеро, ки собиқаи давлатдории онон ба садсолаҳо мерасад, ба коми худ фурӯ бурданд. Мантиқи геополитикиро олимони немис Кчелен ва**

**Хаусхофер асоснок карданд. Онҳо ошкоро эълон доштаанд:** «Давлат мавҷуди зинда дар фазо аст. Он бояд ё васеъ гардад, ё нобуд шавад». **Давлатҳое, ки «иштиҳо»-и «васеъшавӣ» доранд, то ҳол зарар надидаанд.**

**Таҳдидҳои геополитикиро Сарвари давлат дақиқ, оммафаҳм** «рақобатҳои шадиди глобалӣ» **ном бурдааст. Фармудааст, чӣ бояд кард, ки миллатро аз** «бахти хобноки ғофил» **эмин нигаҳ дорем ва** «киштии муродро ба соҳили хеш» **(Ҳофиз) расонем:** «Дар ин ҷаҳони пур аз тазоду рақобатҳои шадиди глобалӣ мо бояд пеш аз ҳама ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва давлатдории миллиамонро таҳким бахшида, ҳамеша ба хотири суботи кишвар ва оромии ҷомеа саъю талош намоем» **(Ҳамон ҷо. – С. 11).**

Бозиҳои геополитикии муосир ҷанбаҳои гуногун доранд. Мақсадҳои асосии ин раванди фарогири муносиботи субъектҳои байналмилалӣ, ки ҳам дар шакли глобалӣ ва ҳам дар шакли минтақавӣ амал мекунанд, худро ба ҳайси иқтидори ҷаҳонӣ ва ё минтақавӣ муаррифӣ намудан ва дар қаламрави кишварҳои мавриди назар рӯҳияи бегонапарастиро талқин кардан мебошад. Кӯшиш менамоянд, ки мардум, махсусан ҷавонон ва наврасонро аз нангу номуси ватандорӣ, забони модарӣ, муҳаббат ба сарзамини авлодии худ дур созанд. Зери эҳсосоти дурӯғин, махсусан таҳти пӯшиш ва баҳонаи авомфиребонаи дину мазҳаб дар замири онҳо нисбат ба давлати худ, ки ном ва макони зисти миллати ӯро дорад, ҳисси бадбинӣ бедор кунанд. Дар воқеъ, миллат бе давлат вуҷуд дошта наметавонад. Ҳақиқати космополитикиро (ҳисси беватанӣ, сарфи назар кардани сарзамини мушаххас ҳамчун макони тавлид ва зист, бегонапарастӣ, ватангадоӣ таҳти шиору баҳонаҳои гуногун) маъруфтарин донишмандони дунё маҳкум кардаанд. Чунин ҳолатро то ба дараҷаи ваҳшигӣ арзёбӣ намудаанд: **«Халқҳо бе сохтори давлатдорӣ (*ҳамчун миллат*), воқеан, халқҳои бетаърих мебошанд. Онҳо баробаранд, ба миллатҳое, ки то ба ҳол ба манзалати давлатдорӣ нарасидаанд ё халқҳое, ки то ба имрӯз дар ҳолати ваҳшигӣ рӯзгор мебаранд»** (Г. В. Ф. Гегель. Энциклопедия философских наук. Т. 3. Философия духа. – М.: Мысль, 1977. – С. 316). Таваҷҷуҳи махсусро дар иқтибос аз асари **«Фалсафаи рӯҳ»**-и олими маъруфи немис, ибораи **«ба манзалати давлатдорӣ нарасидан»-и халқҳо ҷалб мекунад. Ҳамагонро ба андеша водор**

**месозад.**

Барои илми давлатшиносӣ таҳқиқи ҷараёнҳои дохилимиллӣ аз мавзӯъҳои аслӣ аст. Ин масъалаҳо арзёбии хислат, характер ва моҳияти миллӣ мебошанд. Онро олимони соҳаҳои гуногун – таърихшиносон, этнографҳо, миссияҳои (намояндагиҳои) дипломатӣ барои роҳнамоии кишварҳояшон меомӯзанд. Боиси тааҷҷуби махсус буда наметавонад, ки аксари «этнографҳо», «мутахассисони омӯзиши ҷанбаҳои хоси этникии маҳалҳо», «экспедитсияҳои таҳқиқотии «тафовути маҳаллии минтақаҳои як давлат», «коршиносони шинохти шеваю лаҳҷаҳои як забон дар қаламрави кишвар», анҷоми назарсанҷиҳо бо грантҳои хориҷӣ, мақсадҳои муайянро пайгирӣ мекунанд. Монография, рисолаҳо, гузоришҳои батафсили чунин «таҳқиқот» омода мегарданд. Ба марказҳои марбута пешниҳод мешаванд. Аз ҷумла, дар ҳамин асос мавқеъҳо мушаххас ва тасмимҳои сиёсӣ гирифта мешаванд. Ин хулосаи сирф одӣ, мушоҳидавӣ нест. Асоси таҷрибавӣ ва таҳкурсии илмӣ дорад. Ҳамин тариқ, характери миллӣ барои тақдири миллат ҳаётан муҳим мебошад. **«Он чизе, ки дар умқ, дар ҷавҳари ҳар миллат мегузарад, барои давлат ҷанбаи моҳиятӣ (муҳим, қонунмандӣ, асосӣ, муайянкунандагӣ – С. Я.) дорад»** (Г. В. Ф. Гегель Сочинения. Т. III. Энциклопедия философских наук. Часть 3. – М: Мысль, 1956. – С. 316).

Сарвари давлат дар масъалаҳои таҳким ва ҳифзи истиқлолият, пеш аз ҳама, ба ҷаҳонбинӣ, маърифати баланд, нангу номус ва масъулиятнокии мардуми бофарҳанги Тоҷикистон такя мекунад. Ҳидоят менамояд, ки миллат дар амал, марҳилаҳои ҳассосу мушкилофари хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро сарбаландона паси сар кунад. Ҳар фард дар алоҳидагӣ моҳияти Ватан ва масъулияти ватандориро эҳсос намояд. Фикру андешаи худро дар тарозуи ақл баркашад. Гузашта ва имрӯзаро воқеъбинона муқоиса ва таҳлил кунад. Хулосаи баробарвазн ба ҳақиқат барорад. Барои рушди миллӣ чӣ зарур ва чӣ зарар доштанашро мустақилона муайян кунад.

Дар асарҳои Пешвои миллат истилоҳоте мавриди истифода қарор мегиранд, ки ҷавҳари арзишмандиҳои миллиро таҷассум мекунанд: «Мардуми шарифи кишвар ва фарзандони бонангу номуси халқи сарбаландамон қадру қимати истиқлолиятро аз ҳарвақта бештар дарк намуда, барои татбиқи ҳадафҳои бузурги миллӣ, пешрафти босуботи Ватани азизамон, таҳкими

ваҳдати миллӣ ва тақвияти суботу оромии ҷомеа минбаъд низ саъю талош менамоянд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **10).**

**Истиқлолият моҳияти бузурги худкифоии миллиро инъикос мекунад. Бахши умдаи он, тавре зикр гардид, тавони ҳифзи сохти давлатдорӣ, фарҳанг ва маънавиёти миллӣ мебошад. Ҳангоми тазаккури муносибат ба чунин арзишмандиҳо, Сарвари давлат бо рӯинтании қотеона эълом медорад:** «Истиқлолияти мо як дастоварди воқеии халқи бошарафу заҳматкаши тоҷик буда, ягон кишвар ё давлати абарқудрати хориҷӣ ҳақ надорад, ки низоми сиёсӣ, идеология ва ғаразҳои геополитикиашро ба гардани мо бор кунад» **(Ҳамон ҷо. – С. 16).**

**Аз ҷиҳати назария ва амалияи сиёсӣ хатарҳое, ки ба ҳама гуна истиқлолияти давлатӣ таҳдид мекунанд, ҷанбаи умумӣ доранд. Танҳо марбути як давлат нестанд. Бозигарони геополитикӣ, сарфи назар аз имконоти касбӣ ва маънавиёташон аз гурӯҳҳо, ашхоси алоҳида суиистифода карданӣ мешаванд. Аз дигар тараф, як ҳақиқат наметавонад барои ҳама вуҷуд дошта бошад. Ихтилофи назар, агар дар чаҳорчӯбаи қонун ва манфиатҳои миллӣ инъикос ёбад, лоиқи пазириш аст. Дар масъалаҳои сиёсӣ мавқеи аслии Тоҷикистон мушаххасан эълом гаштааст: гуногунандеширо эътироф бояд кард ва эҳтиром гузошт. Ҳамзамон, Сарвари давлат дар суханронӣ ва навиштаҳояш такрор ба такрор таъкид месозад:** «Истиқлол ҳадафи бартару волотар нисбат ба ҳадафу манфиатҳои сиёсӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ дошта, барои ҳамагон арзиши муқаддас аст» **(Ҳамон ҷо. – С. 19).**

**Ҳамин тариқ, дар таълимоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлолияти давлатӣ хусусияти қонунмандӣ, меҳварӣ ва муайянкунандагӣ дорад. Ин истилоҳ қудрати бузурги ҳалқаофаринӣ, занҷирӣ-системавиро дар бар мегирад. Дигар аломатҳо ва зуҳуроти шинохти давлатро дар алоқамандии якдигарӣ ва вобастагии кулл бо ҳолати воқеӣ ва ҳуқуқии муқаддасоти истиқлолият медонад.**

### Худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ

**Пешвои миллат мантиқи худшиносии миллиро ҳамчун истилоҳи аз ҷиҳати структуравӣ мураккаб тафсир мекунад. Маъниҳое, ки дар семантикаи он истифода мешаванд, бо якдигар дар алоқамандии зич қарор доранд. Бо шинохти онҳо хонанда барои дарки афкори хирадмандона ва волои Сарвари давлат заминаи хубтар пайдо мекунад.**

**Дар баёни маъниҳои худшиносӣ ва ваҳдат Сарвари давлат андешаи миллиро дар мадди аввал мегузорад. Таъкид менамояд, чунин тасаввурот вақте зуҳур меёбад, аз худ қотеона дарак медиҳад, ки мафҳумҳои «замини аҷдодӣ», «Ватан», масъулияти шинохт ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба ҷузъиёти муҳимми ҷаҳонбинии шаҳрвандон мубаддал гардад. Дарки воқеияти маънавӣ бошад. Он вақт давлат устувор мемонад:** «Андешаи миллӣ барои таҳкими ваҳдати комил ва рушди устувори давлатдорӣ нақши басо муассир мебозад. Сулолаҳо, шоҳону лашкаркашон меоянду мераванд, низомҳои сиёсиву иҷтимоӣ дигаргун мешаванд, аммо андешаи миллӣ ҳамчун ганҷи бебаҳо дар масири ин таҳаввулот торафт сайқал ёфта, боз ҳам пурмазмун ва пурҷилову тобнок мешавад» **(Ҳамон ҷо. – С. 47).**

**Роҳбари давлат андешаи миллиро дар** «ифтихор кардан аз Ватани аҷдодӣ», «давлати соҳибистиқлол» **ба хотири** «таҳкими ваҳдати миллӣ ва сарҷамъии миллат», «ободиву имрӯзу фардои кишвар» **мебинад. Ҳамзамон, ба таҳдидҳои рӯзмарра, ки аз** «андешаҳои бегонапарастӣ, ифротгароиву тахрибкорӣ ва тундравию таассуб ба тафаккури мардуми мо, бахусус ҷавонон», **иборат мебошанд, ишора менамояд. Мусаллам аст, ки чунин аъмол тавассути роҳу воситаи пардапӯшона анҷом дода мешаванд. Ба воситаи муқоиса ва дарёфти тазоди моҳиятии маънӣ ва арзишҳои ифодагардида, мақсаднокии сухан равшану возеҳ тафсир мегардад. Ҳамчун мисол, хулосаи Жан Бартелеми (1716 – 1795), олим ва нависандаи маъруфи франсавиро ба хотир овардан ҷоиз аст, ки мефармояд:** «Хирад – ақли соҳибмаърифат мебошад, ки аз зуҳурот пардаи дурӯғин берун меоварад ва симои ҳақиқии онро дар намоиш мегузорад» **(С. Х. Карин. Мысли и изречения. – Алма-Ата: Казгосиздат, 1964. – С. 727).**

**Пешвои миллат ҷаҳонбинӣ ва андешаи миллиро бо далелҳои эътироф ва эҳтироми урфу одат ва анъанаҳои**

**оламшумули мардумӣ омили муҳим барои худшиносии миллӣ мешуморад. Дар ин лаҳза, на танҳо қудрати истодагарӣ карда тавонистани фарҳанги миллати тоҷик бар бегонагон, балки бар маънавиёти истилогарон таъсир расонидан, ба онон пирӯз гаштан ишора карда мешавад:** «Аҷнабиёне, ки дар давру замонҳои гуногун ба сарзамини ҳамешабаҳор ва ободи ниёгонамон ҳуҷум мекарданд, натавонистанд суннату оинҳои аҷдодии моро маҳв кунанд. Баръакс, фарҳанги қадимаву расму оинҳои инсонпарваронаи мо онҳоро бо гузашти айём асири хеш мегардонданд. Гузашта аз ин, бисёр аҷнабиён Наврӯзро, ҳамчун ҷашни бузургу бошукӯҳ, ба диёри худ бурдаанд ва аз арзишҳои маънавию фарҳангии халқи мо дарси ҳикмат омӯхтаанд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **48).**

**Чунин ибрози ақида дорои маънии бузург аст. Ғолибияти идеяҳо – ғолибияти маънавии халқ мебошад. Он на танҳо ҳувияти миллиро нигоҳ дошт ва ҳифз кард, балки дар набардҳои давлатсозӣ маҷбур сохт, то мавҷудият ва оқибат истиқлолияти ӯро эътироф кунанд.**

**Мустақилият дар тафсири Пешвои миллат танҳо мафҳуми ҳуқуқӣ нест. Аҳамияти бунёдӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва байналмилалӣ дорад. Таъкид мегардад, ки маҳз тавассути комилҳуқуқӣ даҳҳо барномаву нақшаҳои сарнавиштсози давлатии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар кишвар амалӣ гардид. Ва он** «мақому ҷойгоҳи сазовори Тоҷикистони азизамонро дар арсаи ҷаҳон таъмин кард» **(Ҳамон ҷо. – С. 50).**

**Сарвари давлат ба мафҳумҳои «Ваҳдат» ва «Истиқлолият» маънои низомофаринӣ медиҳад. Онҳоро дар алоқамандӣ, вобастагии зич бо якдигар медонад. Муътақид аст, ки ин арзишҳои муқаддас дӯстиву бародарии тамоми сокинони Ватани азизамонро таҳким мебахшанд.**

**Дар таълифи Сарвари давлат масъалаи меҳварӣ – хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар ҷои аввал меистад. Ӯ гаштаву баргашта хотиррасон мекунад, ки инсон бояд қувва ва имконоти худро дар вобастагии кулл дар доираи манфиатҳои миллӣ дарёбад. Таърихи миллатро донад. Нисбат ба тақдири Ватан худро масъул шуморад. Худкифо бошад.**

**Дар таълимоти Пешвои миллат таърихи халқ маҷмӯи**

**раванд ва натиҷаҳое мебошад, ки фарзандони худи миллат офаридаанд. Ҳамзамон, шахсиятҳои бузурги таърихӣ, ки ҳамчун қаҳрамон ва номбардорони миллат худро муаррифӣ кардаанд, ба некӣ ёдоварӣ карда мешаванд. Зарурати аз онҳо ибрат гирифтан, ба онҳо пайравӣ карданро таъкид месозад.**

**Дар баробари эътироф кардани арзишҳои умумибашарӣ эътиқодманд аст, ки** «ҳар халқ ба фарҳанг ва анъанаву суннатҳои миллӣ такя намуда бо роҳи худ инкишоф меёбад» **(Ҳамон ҷо. – С. 60).**

**Панду андарзҳои Сарвари давлат дар масъалаи эъмори ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ дар Тоҷикистон решаҳои боэътимоди илмӣ доранд. Муттаҳидии мардум, пойдории сулҳу субот, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ҳамчун кафили ҳифзи манфиатҳои кишвар, афзоиши неруи иқтисодии мамлакат аз қисматҳои муҳимми манзалати давлатдории миллӣ эътироф гардидаанд. Маҳз ба ҳамин хотир,** «ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ҷониву имонии тамоми халқи мамлакат» **(Ҳамон ҷо. – С. 67) ҳисобида мешавад.**

## Оид ба таърих

**Таълимоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат решаҳои амиқи гносеологӣ дорад. Ҳангоми асоснок кардани муҳимтарин масъалаҳои мавҷудияти халқи тоҷик мекӯшад, ки мардум, алалхусус ҷавонон қонунмандиҳои ба истиқлолияти давлатӣ расидани миллати тоҷикро фаҳманд. Донанд, ки чунин дастоварди бузург чӣ асоси таърихӣ дорад. Омилҳои аслии воқеоти таърихи навтарини миллати тоҷик – ҷанги шаҳрвандӣ, расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, рушди устувори иқтисодӣ аз чиҳо иборатанд. Дар ин робита, муҳиммияти чунин дарки таърихӣ махсус таъкид карда мешавад:** «Омӯзиши таърих ва таҷрибаи дар тӯли асрҳо андӯхтаи миллатамон ба мо барои бунёд кардани давлати пешрафта, тараққихоҳ ва сулҳдӯст, инчунин таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пеш аз ҳама ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи сиёсӣ ва дар қалби мардум баланд бардоштани эҳсоси гарми ватандориву ватандӯстӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ, мисли обу ҳаво, зарур аст» **(Ҳамон ҷо. – С. 94)**.

**Дар таълимоти Сардори давлат таърихи миллат аз ҷузъиёти сифатии эҳсоси ҳастӣ – забон, адабиёти пурғановат, хештаншиносиву худогоҳӣ, ваҳдат иборат мебошад. Дар ин истилоҳот кӯшиши ба тарзи амалӣ нишон додани таҷрибаи таърихӣ-дастовардҳои муайян ҳамчун далели раднопазирии воқеъияти миллати тамаддунофари мо тафсир карда мешавад. Онҳоро ҳамчун арзишҳои эътирофгардидаи сатҳи ҷаҳонӣ ёдоварӣ мекунад.**

**Ҳангоми таҳлил ва арзёбии суханҳои пандомези Пешвои миллат, оид ба аҳамияти омӯзиши илм, фарҳанг ва донишҳое, ки барои пешравии инсоният ҳам аз нигоҳи таърихӣ ва ҳам аз рӯи талаботи замони муосир заруранд, ҳидоятҳои олимони классики сатҳи ҷаҳонӣ ба хотир меоянд:** «Аз таърих мо хирадро меомӯзем; аз назм – хушзеҳнӣ ва фаросатро; аз математика - нуктасанҷиро; аз фалсафаи табиат – умқи ҳодисотро; аз фалсафаи ахлоқӣ ҷиддиятро; аз мантиқ ва риторика (илми маонӣ, баён ва суханпардозӣ – С. Я.) – санъати баҳс карданро». Машғулият ба хислати инсонӣ асар мегузорад («Abeunt studia in mores») **(Ф. Бекон. Сочинения в двух томах. Т. 2. – М.: Мысль, 1978. – С. 465)**.

**Дар асарҳои Пешвои миллат ҷаҳонбинии сиёсии ҷомеа мавқеи калидиро ишғол мекунад. Ба хотири он ки ин навъи шуур дар шароити муайяни иҷтимоӣ шакл мегирад ва нақши худро ҳамчун фарҳанги сиёсӣ ба намоиш мегузорад. Аз ин лиҳоз, ҷаҳонбинии сиёсӣ аҳамияти амалӣ ва рӯзмарра дорад.**

**Сарвари давлат, ки тамоми мушкилоти давлатсозии навини тоҷиконро бо чашми дил дида, бурду бохти дунёро санҷида, аз хокистари сӯзон мулки сарсабз сохтааст, дар пешгуфтор таҳти унвони** «Сарчашмаи худшиносии миллӣ» **ба китоби академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» равшан, возеҳ ва бо қотеият мефармояд:** «Агар кас гузаштаи аҷдоди худро надонад, инсони комил нест!». **Ва аз сатри нав андешаи худро идома медиҳад:** «Ин хитобаи сода ва дар айни замон ҷиддии бузургони илму адаби мо аз қаъри асрҳо ба гӯш мерасад ва ҳушдор медиҳад, ки аз таърихи миллату сарзамин, расму русум ва дину оини худ мудом воқиф бошем» **(**Б. Ғафуров. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби якум: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С. **1).**

**Нақди ганҷинаи идеяи Пешвои миллат сохтани давлати миллӣ аст. Ғарб маҳз тавассути фарзандони бонангу номусаш, ҳанӯз чорсад сол қабл, ба чунин хулоса омада буд. Ин шакли давлатдориро пазируфт. Онро бунёд кард. Афзалият ва самараи ин сохт дар олам маъруф гашт. Ба чунин муассисаи сиёсии дар таҷрибаи пешқадами инсоният санҷидашуда, бо заҳмат ва ҷонбозиҳои Сарвари давлат дар сарзамини тоҷикон асос гузошта шуд. Он аз лиҳози ҳуқуқӣ ва воқеӣ бунёд гардид.**

**Аммо** «зи бадаҳдии айём бовар нест», **чунки рақибони сохти давлатдории миллии тоҷикон борҳо** «озорҳо фармуданду ҷои оштӣ нагузоштанд» **(Ҳофиз). Дар таърихи асри миёна, нав ва навтарин чандин маротиб** «нигори ба мактаб нарафтаву хат нанавишта» **кӯшиши** «масъалагузори сад мударрис шудан»**-ро кард. Бо истифода аз** «илм бехабарону аз ақл ноқисшудагон» **(Ҳофиз) бо ҳар баҳона хостанд имкони охири давлатсозиро аз даст бубаранд.**

**Яқин аст, ки табиати воқеии шуури ҷамъиятӣ дар нақши муайянкунанда доштани вазъи иҷтимоӣ аст. Муддати ҳазор сол, муҳити умумии шаклгирии шуур ва фарҳанги сиёсӣ ба манфиати давлатдории миллӣ набуд. Гарчанде фарзандони баору номуси миллат дар ин ҷода ҷонбозиҳо карданд. Чунин омил беоқибат намонд.** Ононе, ки дар Шарқу Ғарб бар зидди манфиатҳои миллии сарзамини аҷдодӣ кӯшиши гардандарозӣ карданро доранд, инъикоси ҳолати субъективии ҷаҳонбинӣ аз вазъи ғуломии объективӣ аст. **На чизи дигар. Маломат дар ин маврид зуҳуроти истисноӣ хоҳад буд.**

**Ба ҳамин мақсад,** «дар давраи муосир ... густариш додани равандҳои ташаккул ва таҳкими худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеаи мо мебошанд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **95).**

**Сарвари давлат хотиррасон менамояд, яке аз камбудиҳои солҳои навадум ба фоҷиаи миллӣ сабабгоргашта, он буд, ки халқи тоҷик** «дар тӯли асрҳо аз омӯзиши таъриху фарҳанги бостонии хеш дар канор монда буд». **Роҳнамоӣ мекунад, ки дар давраи кунунӣ** «сарнавишти ибратомӯзи ниёгон ва донистани таърихи Меҳан, бигзор талху пурфоҷиа ҳам бошад, инчунин сабақ гирифтан аз иштибоҳоти гузашта миллати

моро бедору огоҳ, зираку ватандӯст ва пухтаву дурандеш месозанд» **(Ҳамон ҷо. – С. 96)**.

**Мусаллам аст, ки навиштани саргузашти воқеии миллат, фаҳмонидани ҳақиқати таърих, махсусан, дар давраи навин вазифаи олимон, зиёиён ва мутахассисони соҳа, нафароне аст, ки ҳамарӯза бо мардум, ҷаҳонбинии омма, пеш аз ҳама, наврасон ва ҷавонон сару кор доранд. Дар суханҳои пандомӯзи Сарвари давлат чунин амал аз вазифаҳои асоситарини ҷомеа тафсир карда мешавад. Айнан, оид ба ин масъала олим ва файласуфи машҳури англис Френсис Бекон (1561-1626 ) таъкид мекунад:** «Мо дар ақли инсонҳо ҳолати воқеии ҷаҳонро ворид месозем, чӣ тавре ки он ҳаст, на ба тавре, ки дар назари ҳар кас менамояд. Дар ин ҳолат воқеотро мисли шахсе, ки ба анатомия машғул аст, қисм–қисм ҷудо мекунем ва шарҳ медиҳем» **(Ф. Бекон. Сочинения в двух томах. Т. 2. – М.: Мысль, 1978. – С. 465).**

**Ҳақиқати донишҳои инсонӣ аз масъалаҳои аҳамиятноки назарияи донистан, дарк кардан иборат мебошад. Маҳз бо фаҳмидани хосият ва сабабҳои аслии зуҳурот инсон ба хулосаи дуруст меояд. Тасмими барои худ ва ҷамъият манфиатнок мегирад. Зеро барои афроди ҳушманд таърих назарияи дар амал санҷидашуда аст.** «Ҳамин тариқ, ҳақиқат ва фоиданокӣ моҳияти (*дар ин ҳолат*) яксон, ҳамвазн доранд. Худи таҷриба ҳам, чун замонати ҳақиқат бояд бештар аз он арзёбӣ гардад, новобаста аз дастовардҳои неки зиндагӣ» **(Ҳамон ҷо. – С. 74). Тавони ба мардум расонидани ҳақиқати воқеӣ масъалаи рӯзмарраи системаи давлатдорӣ барои пойдорӣ ва суботи он аст. Таҳлил ва истифодаи таҷрибаи таърихӣ, дар ин самт аз воситаҳои беҳтарин мебошад.**

**Донистани таърих ҷараёни мураккаби азхуд кардани воқеият тавассути дарки қонунмандӣ ва мантиқи пайдарҳамии ҳодисаҳо мебошад. Фаҳми ҷаҳони муосир, воқеоти имрӯза ниҳоят мушкил аст, агар алоқамандии онҳо бо рӯйдодҳои таърих, таҷрибаи таърихӣ сарфи назар карда шавад. Замонаро наметавон ҳамчун зуҳуроти фавқулода тасаввур кард. Воқеоти имрӯзаро дар чаҳорчӯба ва вобастагии гузашта омӯхтан, аз ҳар ҷиҳат, тасаввуроти воқеиро комил, нофаҳмиҳои беасос ва таҳмилиро ботил мегардонад. Дар ин росто, Пешвои миллат мефармояд:** «Огоҳии хуб аз таърихи фарҳанги куҳан на танҳо

ифтихори миллиро ба замона созгор месозад, балки ба таҳкими робитаи тамаддунҳо ва халқҳои гуногун дар шароити мураккаби дунёи муосир мусоидат карда, ба густариши сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ заминаи воқеӣ мегузорад» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **95).**

**Душманони давлати миллӣ бошуурона таърихро таҳриф мекунанд. Аз рӯи ғараз, мақсаднок ба фоидаи бегонагон тафсир менамоянд. Ашхоси зери таъсири онон содалавҳона, бе заҳмати муҳокима ва ҳавсалаи андеша ба ақидаи дар мағзашон таҳмилшуда бовар мекунанд. Ин гуна дурӯғ, тавъам бо эҳсосоти рӯҳӣ–маънавӣ, вориди ҷаҳонбинии қишрҳои муайян, махсусан ҷавонону наврасон мегардад. Маълум аст,** «на он дурӯғе, ки дар хотир намеистад, тез мегузарад, зараровар аст, балки оне, ки дар зеҳн ҷой мегирад, реша медавонад ва мустаҳкам мешавад, зиён меорад» **(Ф. Бекон. Сочинения в двух томах. Т. 2. – М: Мысль, 1978. – С. 355).**

**Раҳбари давлат дар тафсир ва муаррифии таърихи миллат эътиқодмандона ва бо ифтихор сухан мегӯяд. Дар роҳи расидан ба ормонҳои миллӣ ва истиқлолият, худкифо будани онро таъкид месозад. Сарчашмаи аслии рушд, аз як давра ба давраи дигар гузаштан, аз лиҳози сифат, маънавиёт ба мақоми таърихӣ расидани миллатро аз табиати ботинии худи ӯ медонад. Тақдири таърихии халқро аз лиҳози диалектикӣ шарҳ медиҳад. Инкишофи онро натиҷаи рақобат, зиддиятҳо, шикасту рехтҳо, эҳё ва дар набарди ҳастӣ пирӯз гаштанҳо мешуморад. Андешаи се даҳсолаи ахир, ба амри тақдир, ки ӯ раҳнамои халқ аст, барои таърих, имрӯз ва оянда далели кофии чунин натиҷагириҳо мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, бо итминони комил хотирнишон месозад:** «Мо, тоҷикон, ҳеҷ гуна ниёзе ба таҳрифи огоҳонаи таърих, таърихсозӣ, бузургтарошӣ ва падидаҳои дигари ғайриилмӣ ва зиддиилмӣ надорем. Мо ончунон таърихи дурахшон дорем, ки ҳатто шинохти нисбии он муҷассамаи гӯё ва возеҳи миллати мо хоҳад буд**»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 10**5).**

**Мантиқи қолиби таваҷҷуҳи истифодаи принсипи**

**таърихият дар таълимоти Пешвои миллат ноил гаштан ба дарки воқеият – сарнавишти миллӣ ва натиҷаи он – худшиносии миллӣ аст. Таҳқиқоти ӯ дар ин маврид халқӣ, огоҳона, дастрас ва барои ҳамагон фаҳмо мебошанд. Раҳбари муаззами нуктадон ва нуктасанҷ бо сеҳри сухан моил ба он аст, фаҳмонад, ки:** «Хирад пайвасти олии шуур ва худшиносӣ мебошад. Ба таври дигар, донистани мавзӯъ, донистани хеш аст... Дарки хирад маҳз барои ҳамин, на танҳо воқеияти субъективӣ, балки ҳақиқат мебошад. Барои он ки ҳақиқат иборат аст аз мувофиқат кардан ё гузашта аз ин дар ифода гардидани ягонагии воқеият ва ҳастӣ» **(Г. В. Ф. Гегель. Философская проподевтика. Работы разных лет. Т. 2. – М.: Мысль, 1973. – С. 91).**

**Роҷеъ ба аҳамияти донистани таърихи миллат, ки аз сухани Сарвари давлат бармеояд:** «Дили ман ба сидқи ин сухан гувоҳӣ медиҳад ва ҷуз ин натвон гуфтан» **(Саъдӣ):** «Калиди ганҷи саодат қабули аҳли дил аст» (**Ҳофиз).**

## Забони модарӣ

**Дар таълимоти Пешвои миллат забон ҳамчун падидаи нодири ҷамъиятӣ, натиҷаи ҷараёни таърихии шаклгирии миллати тоҷик тавсиф мегардад.**

**Воқеан, забони тоҷикӣ дар асоси забонҳои бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва хутану сакоӣ ташкил ёфта, онро ба ҳар тариқ ном мебаранд – забони дарӣ ё форсии дарӣ. Решаҳои аслии ин забони оламшумул дар Мовароуннаҳру Хуросон шакл гирифтаанд. Аллома Бобоҷон Ғафуров дар асоси таҳлилҳои сирф илмӣ тасдиқ мекунад:** «Мадракҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, саҳми Осиёи Миёна дар маданияти асри биринҷии Шарқ бағоят бузург аст, ба зами ин қабилаҳои эронизабону ҳиндузабон ба кишварҳои ҳамсояи Ҳиндустону Афғонистон ва Эрон маҳз аз Осиёи Миёна омадаанд. Ононе, ки аз ин қабилаҳо дар Осиёи Миёна монданд, як андоза тафовут пайдо карда, минбаъд аз ҳамқавмони ба Эрон ва Ҳиндустон рафтаи худ ҷудо шуданд» (Б. Ғафуров. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби якум: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С. **26-27).**

**Баъди шикасти давлати Сомониён, ки забони тоҷикӣ ба**

**сифати забони давлатӣ эълон гардида, давраи рушду нумӯъ ва авҷи камолоташ ба ҳамин марҳила рост меояд, бо он қудрату тавоноие, ки дошт, дар муддати ҳазор соли дигар забони расмии давлатдориҳои сарзаминҳои бузург ва қаламрави тахти тасарруфи ин давлатҳо маҳсуб мегардид. Дар ин маврид, Пешвои миллат хотиррасон мекунад:** «Ногуфта намонад, ки забони коргузорӣ ва илму адаби давлати Салҷуқиёни Рум забони тоҷикӣ буд ва ба шарофати чунин фазои мусоиди фарҳангӣ барои инкишофи илму ирфон, ҳикмату фалсафа ва шеъру адаби аҳли Хуросони Бузург ва сарзамини Эрон шароити созгор фароҳам омада буд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 137**).**

**Дар дунё зиёда аз ҳашт ҳазор забон мавҷуд аст. Аммо дар тӯли таърих қудрати на ҳамаи онҳо барои инъикос кардани рӯйдод ва воқеоти табиат, ҷамъият ва тафаккур басандагӣ кардааст. Нишонаи аслии забони комил танҳо таъмини муоширати байниҳамдигарии қабилавӣ, қавмӣ ё гурӯҳи муайяни мардум нест.**

**Таркиби луғавӣ, сохти грамматикӣ, системаи фонетикӣ, ба забони адабии хаттӣ мубаддал шудани забони тоҷикӣ, таълифи бузургтарин асарҳои илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ, тарҷумаи ҳамин қабил осор ва баръакс, тавассути ин забон ба роҳ мондани сиёсати муваффақонаи дохилӣ ва хориҷӣ чунин** «ифодагари воқеии шуур, шакли материалии фикр ва воситаи муомилоти инсонӣ»**-ро ба дараҷаи «шахсияти бузург» расонид.**

**Забон ба ғайр аз қудрати ифодаи ниёзҳои муомилаи як миллат бояд тавоноии берунаи эътирофгардида дошта бошад.** «Фақат ҳамин вақт он (забон – С. Я.) мавҷудияти мустақими дохилӣ мешавад. Ҳамчун ҳастии дохилӣ худро ба намоиш мегузорад. Мафҳуми дақиқ мегардад. Ва баръакс, хосияти дохилӣ, ҳамзамон, мартабаи берунӣ мегирад: ба ҳастӣ бозмегардад. Ана ҳамин аст, забоне, ки онро ҳамчун қудрат ном мебаранд (хотира, қувваи эҷодӣ)» **(*шарҳи калимаи «қудрат» аз ҷониби худи Гегел дар поёни саҳифа – С. Я.*) (Г. В. Ф. Гегель. Работы разных лет в двух томах. Т. 1. – М: Мысль, 1972. – С. 291).** Ба чунин талабот ҷавобгӯ будани забони тоҷикиро таърих исбот кард.

**Дар алоқамандӣ бо бузургӣ ва тавонмандиҳои забони тоҷикӣ Пешвои миллат решаҳои қадимии забони тоҷикиро хотиррасон карда, ҷанбаҳои амиқи таърихӣ доштан, воситаи асосии ба ин лафз нигоштани бузургтарин шоҳасарҳои ҷаҳониро аз ҷониби фарзандони барӯманди халқи мо ифтихормандона таъкид менамояд:** «Забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки бо он «Авасто»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки «Худойномак»-у «Таърихи мулуки Аҷам»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки бо такомулу таҳаввулаш дар даврони ислом «Шоҳнома»-ву «Маснавии маънавӣ»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки дар ҷомеаи шӯравӣ ба ҳар навъе аз бӯҳрони фарҳангӣ худро ба саломат то истиқлолияти фарҳангиву сиёсӣ расонд ва ҳатто тавонист давоми сарнавишти соҳибашро бо қалами Айниву Турсунзода ва аллома Ғафуров бинависад» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **140**).

**Боиси ифтихори бузург ва сарафрозӣ аст, ки Сарвари давлат бо такя ба далелҳои раднопазири илмӣ менигорад:** «Фаромӯш набояд кард, ки забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз қадимтарин забонҳои зиндаи ҷаҳон маҳз дар Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ёфта, ба эҳёи тафаккури миллии форсизабонон ва густариши адабиёти классикии тоҷику форс замина гузоштааст» **(Ҳамон ҷо. – С. 159).**

**Бузургии миллат дар эътирофи забон, фарҳанг, маданияти оламшумул ва фарзандони фарзонаи ӯ инъикос мегардад. Шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани Одам-уш-шуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун падари шеъри тоҷикӣ – форсӣ дар байни тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, Абӯалӣ Ибни Сино аз бузургтарин уламои Шарқу Ғарб, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ҳамчун донишмандон, адибони давру замон исботи мартабаи волои хирад, тафаккур ва фарҳанги миллии тоҷикон мебошад. Мантиқи бузурги суханони Сарвари давлат тариқи фалсафаи маъруфтарин олимони Аврупо бори дигар исботи хешро пайдо мекунад. Барои мисол Г. В. Ф. Гегел дар вобастагӣ ба тавоноии забон таъкид месозад:** «Чун забон – офаридаи тафаккур аст, тавассути он наметавон он чизеро ифода кард,

ки мансуби умум набошад... Забон ҷисми тафаккур аст» **(Г. В. Ф. Гегель.** Энциклопедия философских наук. Т. 1. Наука логики. **– М.: Мысль, 1975. – С. 114). Бешубҳа, қудрати забон – қудрати тафаккур аст.** Аз ҳамин ҷиҳат, нерумандии сухани Пешвои миллат дар нерумандии тафаккури ӯ таҷассум меёбад.

**Сарвари давлат дар масъалаи омӯхтан, ҳифз кардани таркиби луғавӣ, сохти грамматикӣ, системаи фонетикии забони тоҷикӣ, тибқи меъёрҳои забони адабии ҳозира нигоҳ доштани забони модарӣ кӯшишҳои муассир ба харҷ медиҳад. Дар бораи мавриди коркарди илмӣ қарор додан ва тарғиби хосиятҳои нодири он ҳидоят мекунад:** «Ба муҳаққиқони забоншинос зарур аст, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони дорои таърих ва осори беназир мавриди таҳқиқ қарор дода, онро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЧДММ «Контраст», 2017. – С. **139).**

**Бо такя ба маъхазҳои илмӣ, Сарвари давлат дар бораи ҷойгоҳи таърихии забони тоҷикӣ сухан ронда, хотиррасон месозад, ки новобаста аз мушкилоти сиёсӣ, дар тӯли асрҳо гузаштагони мо бузургтарин асарҳои илмӣ, бадеӣ, ҳамосаҳои сатҳи ҷаҳониро маҳз ба ҳамин забон офариданд. Бо захираи бойи луғавӣ, қудрати маъноӣ, дараҷаи суфтагии грамматикӣ, таровиши гуворои лафзӣ он аз марзҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҳимолой то соҳили баҳри Миёназамин – нақши байналмилалӣ дошт. Забони мукотиба ва муоширати қавму миллатҳо маҳсуб мегашт.**

**Аз тарафи дигар, забони тоҷикӣ аз оилаи забонҳои ҳиндуаврупоист. Далелҳои дар гузашта як будани таркиби луғавии ин забонҳо раднопазиранд. Аз ин ҷиҳат, қавмияти таърихии мардумони ориёнжод аз нигоҳи илмӣ исботи худро ёфтааст (ниг. ба китоби** Б. Ғафуров. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби якум: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С. **38-45).**

**Бояд итминон дошт, ки аз лиҳози умумияти ирсӣ – ҳолати рӯҳӣ, сохти тафаккур, майл доштан ба омӯзиши илмҳо, аз бар кардани забонҳои якдигар дар доираи ин оила, мардумони мо аз афзалияти воқеии генетикӣ бархӯрдоранд.**

**Роҳбари давлат куллан аз бар кардани забони давлатиро вазифаи аслии ҳар шаҳрванд мешуморад. Дар баробари ин, донистани забонҳои хориҷӣ ва воситаҳои техникии истифодаи онҳоро дар ҳаёти имрӯза шарти зиндагии муваффақона меҳисобад:** «Ҳар як ҷавон бояд огоҳ бошад, ки дар оянда танҳо тавассути аъло донистани забони давлатӣ ва ду забони хориҷӣ, алалхусус забонҳои русиву англисӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосири коммуникатсионӣ пеш бурдани зиндагӣ ва дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардан имконпазир мегардад» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **143-144).**

**Тавре хотирнишон гардид, аз лиҳози эссентсиалӣ (лот. essential -моҳият) ва этимологӣ (юн. aitia – сабаб) забони тоҷикӣ аз оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мебошад. Дар забонҳои англисӣ ва русӣ зиёда аз ҳазор калима (дар ҳар кадоми ин забонҳо) мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати моҳият ва сабаб решаи тоҷикӣ доранд. Аз лиҳози семантикӣ (юн. semanticos – мефаҳмондагӣ) маънои аслии предмет, ҳаракату ҳолат, сифат ва ё дигар аломатҳои ҳиссаҳои нутқро ифода мекунанд. Баъзе калимаҳо айнан истифода мешаванд** ***(ҳам дар доираи меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, ҳам дар қисмати шеваҳои забони тоҷикӣ).*** **Қисми дигарашон тавассути инкишофи забон, шароитҳои таърихии таҳаввулоти таркибҳои овозӣ, тағйири воқеият ва таҷрибаи зиндагӣ аломатҳои ҷузъии шаклӣ пайдо кардаанд. Ин масъала, бидуни шубҳа, ҳамчун талаботи ниёзҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ зарурати тадқиқоти ҷиддии илмиро тақозо дорад. Фақат он нуқтаи гуворо боиси таъкид аст, ки барои мардуми тоҷик, махсусан ҷавонон, маҳз бо сабабҳои дар боло хотирнишонгардида, омӯхтани ду забони хориҷӣ (русӣ ва англисӣ), ки Пешвои миллат гаштаву баргашта ҳидоят кардааст, хеле осон аст.**

**Дар таълимоти Пешвои миллат андешаи миллӣ хосияти аслӣ, муайянкунандагӣ дорад. Ҷавҳари онро идеяи миллӣ ташкил мекунад.** «Андеша, худшиносӣ қисмати аввал ва пеш аз ҳама ҳақиқати бидуни шубҳа мебошад... барои он ки инсон зуҳуротест соҳибшахсият, боирода, аз дигар мавҷуди олам бо худшиносӣ фарқ мекунад, фаъолияте, ки бидуни он ягон амал

роҳандозӣ намегардад» **(Л. Фейербах. История Философии. Собрание произведений в трех томах. Т. 3. – М.: Мысль, 1967. – С. 139). Истилоҳоти «Ватан», «миллат», «забони модарӣ», масъулият дар назди таърих – эмин нигоҳ доштани ин арзишҳо ва гузоштани саҳми босазо дар рушду тараққии онҳо аз ҷониби насли имрӯза ва оянда аз ҳидоятҳои аслии Сарвари давлат мебошанд.**

**Асоси худшиносии миллиро хештаншиносӣ дарбар мегирад. Ба ин восита, инсон, пеш аз ҳама, худро ҳамчун шахсияти соҳибандеша, соҳибфикр, мустақил тасаввур мекунад. Ба худаш ҳамчун инсон эҳтиром мегузорад. Дар маҷмӯи чунин сифатҳо аз мансубияти худ ба хоку оби ин сарзамин ифтихор мекунад, нисбат ба ин миллат ва тақдири он хешро масъул мешуморад. Вақте ба арзишмандиҳо таҳдидҳои ҳамсон вуҷуд доранд, соҳибватан инро эҳсос мекунад. Барои ҳимояи он камар мебандад. Дар канор намеистад. Амал мекунад. Пешвои миллат дар чаҳорчӯбаи ҳамин мантиқ мефармояд:** «Андешаи миллӣ ҷавҳари ҳастии миллат, шарти бақои ҷовидонаи он аст ва дар заминаи фаҳмидану дарк кардани манфиатҳои миллӣ ташаккул меёбад. Ба ин маънӣ, андешаи миллӣ муҳимтарин рукни ҳастӣ ва ҳифзи хусусиятҳои равонии миллат мебошад» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **126).**

**Дар оғози асри VII истилогарон баъди забт кардани Хуросон ва Мовароуннаҳр забони худро забони расмӣ эълон намуданд. Дар Хоразму Балху Бухорову Самарқанд сарлашкарони онҳо Қутайба ва Саъд ибни Абу Ваққос маъбадҳо ва хазинаи китобҳоро оташ заданд. Аммо натавонистанд рӯҳи миллиро то ба охир бишкананд.**

**Бо гузашти замон, фарзандони миллати тоҷик он чизеро, ки аз даст дода буданд, бо ҳазор азобу машаққат барқарор карданд. Дар лаҳзаҳои мушкил забони тавонои тоҷикӣ боиси дилгармӣ ва умеди мардум барои раҳоӣ аз зулмот гашт.**

**Шахсияти соҳибватан дар амали ӯ ифода меёбад. Сухан ҳам амал аст. Сарвари давлат дар асарҳояш нобиғагони миллати хешро, ки бо тамоми имконот дар ҳифз ва густариши забони модарӣ – ҳувияти миллӣ корнамоиҳо кардаанд, бо некӣ ёдовар мешавад. Нисбат ба асосгузори адабиёти классикии**

**тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун мубориз дар роҳи истиқлолияти адабиёти тоҷик бо ифтихор сухан мегӯяд:** «Устод Рӯдакӣ буд, ки пеши роҳи нуфузи фарҳанги бегонаро дар қаламрави Сомониён гирифта, истиқлоли воқеии адабиётро бо забони модарии мо фароҳам овард ва балоғату фасоҳати сухани тоҷикиро нишон дод» **(Ҳамон ҷо. – С. 133).**

**Умри миллатро ба умри забон вобаста медонад. Онро чароғи раҳнамои худшиносиву худафрӯзӣ меҳисобад. Ҳифзи забони модарӣ, аз насл ба насл мерос мондани онро вазифаи муқаддаси соҳибзабонон мешуморад (Ҳамон ҷо. – С. 141).**

**Пешвои миллат саҳифаҳои таърихро бодиққат варақгардон мекунад. Абармардонеро, ки бо имконоти охирин тавонистанд забон, миллат ва фарҳанги хешро ҳифз намоянд, арзишҳои онро гиромӣ доранд, эҳтиром мегузорад:** «Маҳз бо кӯшишҳои Имоми Аъзам ба забони тоҷикӣ ҳамчун забони ибодати динӣ нақш ва аҳамияти махсус дода шуда, он дар байни диндорон ҳамчун забони дуюми аҳли биҳишт эътироф гардидааст» **(Ҳамон ҷо. – С. 137).**

**Дар ҷавҳари иқтибоси зикргардида, категорияи фалсафии мантиқӣ ва таърихӣ барьало ба назар мерасад. Вақте қудрати истодагарӣ кардан, зинда мондан, пирӯз гаштани забонро ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ таҳлил ва арзёбӣ мекунем, суханони ҳикматомези саромадони материализми илмӣ ба ёд меояд:** «таърих чизе нест, ба ғайр аз фаъолияти бошуурона ва мақсадноки инсон». **Маълум аст, ки дар бисёре аз сарзаминҳои ғасбшуда, истилогарон кӯшиданд қабл аз ҳама забон, фарҳанг ва рӯҳи миллии мардумони мазлумгардидаро аз байн бибаранд. Бо ин роҳ, қобилияти маънавӣ ва пешомади истиқлолиятхоҳии ононро завол бахшанд. Зуҳуроти табақаи чоплус ва хушомадгӯ дар ҳар миллат хусусияти қонунмандӣ дорад. Бо табар мусулмон кардан, ё ба кадом дини дигар гаравонидани онон зарурат надорад. Онҳо табиатан моил ҳастанд, харидор мекобанд ба ивази чизе худро, дилу динашонро фурӯшанд. Садоқати онон барои Ватан аз нӯги забон поинтар нест.**

**Баҳои Пешвои миллат нисбат ба шахсияти бузурги таърихӣ – Имоми Аъзам, намояндаи табақаи олии рӯҳониён фавқулода муҳим аст. Тавассути ибрози чунин эҳтиром ва эътиқод, Сарвари давлат ба ходимони дин намунаи олии миллатдӯстӣ ва ватанпарварии як мутафаккири тоҷикро дар**

**шароити мураккаби таърихӣ муаррифӣ мекунад. Ба мусулмонон, ба оммаи мардум, хусусан ба ходимони дин, сарфи назар аз ҷаҳонбиниашон, ба забони модарӣ, миллат ва Ватан содиқ буданро ёдрас мешавад.**

**Маҳз бо ташаббус, ҳидоят ва дастгирии Роҳбари давлат масъалаи дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ истифода бурдани меъёрҳои адабии забони давлатӣ роҳандозӣ гаштааст. Фарогирии истилоҳоти мураккаби илмӣ–техникӣ, эҷоди асарҳои сирф илмӣ бо забони тоҷикӣ имконоти луғавӣ ва мавқеи истифодаи забони модариро боз ҳам васеътар мегардонад.**

**Бо фароҳам овардани шароитҳои мусоиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои коммуникатсионӣ, истифодаи тахассусмандонаи забони давлатӣ дар васоити ахбори омма, муассисаҳои илмӣ, соҳаҳои маориф ва фарҳанг дар қаламрави ҷумҳурӣ, наздикшавии шеваҳои забони тоҷикӣ, забони гуфтугӯӣ бо забони адабӣ тамоюли қонунмандӣ пайдо карда истодааст. Ин масъала яке аз омилҳои асосӣ ва муҳимтарини мустаҳкамии пояҳои давлати миллиро дар бар мегирад.**

**Мафҳуми миллат (nation) дар тафсири сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ истилоҳи ифодакунандаи маъноҳои бузург аст. Ҳам «миллат» ва ҳам «давлат»-ро дар назар дорад. Барои осонии тасдиқи фикр ёдрас шудан мумкин аст, бузургтарин ташкилоте, ки дар он давлатҳо бо мақсадҳои муайян сарҷамъ шудаанд, United Nations Organization – Созмони Милали Муттаҳид номниҳод гаштааст. Дар ин маврид ҳам, «миллатҳо» ба маънои «давлатҳо» истифода шудааст. Дар шинохти давлатҳо сарфи назар аз он, ки дар қаламравашон чанд миллату халқият умр ба сар мебаранд, истифодаи истилоҳи «nation» аз эътирофи умум бархӯрдор аст.**

**Пешвои миллат дар баробари ғамхорӣ нисбат ба забони давлатӣ, барои омӯзиш ва ташаккули забони миллатҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, онҳоро «миллатҳои бародар» ном мебарад ва таъкид месозад:** «Дар бораи забони давлатӣ сухан ронда, мо ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳем, ки ба забонҳои миллатҳои дигари ҳамватанамон беэътиноӣ сурат гирад. Баръакс, мо ба забон, фарҳанг ва мактабҳои миллатҳои бародари худ эҳтиром

дорем ва ҳамеша ғамхорӣ хоҳем кард» **(Ҳамон ҷо. – С. 121).**

**Оид ба таълиму тарбия ва одобу ахлоқ**

**Муҳимтарин вазифаи ҷомеа тарбияи инсон аст. Ин раванд, ҷараёни аз лиҳози рӯҳӣ – равонӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ тайёр кардани шаҳрвандро ба ҳаёти мустақилона дарбар мегирад. Он ба фоидаи ҷомеа, давлат ва худи шахс мебошад.**

**Тарбия, ба гуфти асосгузорони материализми илмӣ,** «ҷараёни мутлақи комилгардонӣ» **ва амали беохир дар тӯли ҳаёти инсон ба шумор меравад. Мантиқи ҳастии таърих ва замони муосир аз коркарди ҷаҳони ботинии инсон ва мутобиқ гардонидани он барои мақсадҳои аслии ҷомеа ва давлат мебошад. Аристотел дуву ним ҳазор сол пеш дар бораи муҳиммияти тарбия менависад:** «Ҳеҷ мумкин нест, шахсе бошад, шубҳа кунад, ки қонунгузор бояд нисбати тарбияи ҷавонон таваҷҷуҳи фавқулода зоҳир намояд. Дар он давлатҳое, ки чунин муносибат нест, сохти давлатдорӣ зарар мебинад. Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқ ояд» **(Аристотель. Политика. – М.: Рипол классик, 2010. – С. 536).**

**Ҳама гуна ҷавҳари давлатдорӣ дар вобастагии ногусастанӣ бо тарбияи инсон қарор дорад. Ҳамчунон, самаранокӣ ва тавоноии давлат дар «коштан»-и арзишҳои маънавӣ, маданӣ, дарки илмии ҳастии олам ба хотири таъмини рушд ва суботи ҷомеа мебошад.**

**Тарбияи инсон дар таълимоти Пешвои миллат, ки назария ва амалияи давлатдории навини тоҷикро бунёдгузорӣ кардааст, аз мавзӯъҳои марказӣ, рӯзмарра, калидӣ эълон гардидааст ва амалан пайгирӣ карда мешавад.**

**Сардори давлат ба маърифатнокӣ, тахассусмандӣ, маънавиёти ба манфиатҳои миллӣ созгор, яъне дараҷаи сифатии миллат таваҷҷуҳи бузург зоҳир мекунад. Ин хосиятро дар чаҳорчӯбаи муносибат ва муқоиса бо равандҳо ва рақобатҳои мураккаби ҷаҳони муосир, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бар он аст, ки муаррифгари миллат – ақл, заковат ва дараҷаи маърифатнокии ӯст, на шумораи аҳолӣ ва захираҳои табиии мамлакат. Дар ин маврид, ба соҳаҳои фундаменталии донишҳо ва технологияҳо, ки аз баракати онҳо сатҳи зиндагии**

**мардум баланд, кишвар аз лиҳози иқтисодӣ худкифо мегардад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд:** «Равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосири башарӣ собит месозанд, ки имрӯз сатҳи пешрафту инкишофи ҳаёти маънавии инсониятро на шумораи зиёди аҳолӣ ва сарватҳои моддӣ, балки ахлоқи ҳамида, тарбияи нек, рушду нумӯи илму маориф ва техникаву технологияҳои муосир муайян мекунанд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **224).**

**Айни ин маъниро яке аз асосгузорони илми давлатшиносӣ дар таърихи навини Ғарб Г. Моргентау тасдиқ мекунад. Ӯ дар асари машҳураш «Politics among nations. The Struggle for Power and Peace» менависад**: «Вақте ки дар бораи омилҳои моддӣ сухан мегӯем, мо ҳам захираҳои материалӣ ва ҳам инсониро ҳамчун зуҳуроти муайянкунандаи қудрати миллӣ мадди назар дорем. Дар ин маврид, бояд хосиятҳои сифатӣ ва миқдориро аз ҳам ҷудо кунем. Оид ба омилҳои инсонӣ мебояд характери миллӣ ва маънавиёти миллиро... ба ҳисоб гирифт... Албатта, ин фикр нодуруст аст, ки шумораи зиёди аҳолии мамлакат далели қудрати миллии давлат бошад» *(***Morghenthay G. Politics among nations. The Struggle for Power and Peace. – New York: 1964. – P. 121).**

**Дар ҳидоятҳои Сарвари давлат таълим қисмати ҷудонопазири тарбия тафсир мегардад. Меафзояд, ки падару модар, мактаб дар зеҳни ҷавонон ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми калонсолон, падару модар зарурати омӯзиши илму донишро ҷой кунанд.**

**Мувофиқи таъкиди Пешвои миллат, зарур аст, ки насли ҷавон ба омӯхтани таърих, адабиёт ва фалсафаи қадими худ фаро гирифта шавад. Хотиррасон менамояд, ки панду ҳикмати гузаштагони мо на танҳо барои миллати тоҷик, балки дар ғанӣ гардонидани афкори пурҳикмати умумибашарӣ саҳми босазои худро гузоштаанд:** «Ниёгони мо бо талқини афкори пурарзиши «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» беҳтарин ва равшантарин орзуву омоли инсоният ва рукнҳои ахлоқи ҳамидаро басо орифона ифода намудаанд, ки ин каломи пурҳикмат дар тӯли асрҳо барои ташаккули арзишҳои солими башардӯстона хидмат намудааст» (Суханҳои

ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С**. 228).**

Сарвари давлат бо дақиқсанҷии хоса таърихи миллатро омӯхтааст. Сабабҳои бурду бохти онро таҳлил, баррасӣ ва арзёбӣ намудааст. Аз онҳо хулосаҳои барои миллат ҳаётан ибратбахш ва шоистаи пайравиро гулчин кардааст. Принсипҳо, меъёрҳоеро муайян кардааст, ки тавассути амалӣ кардани онон фарзандони бонангу номуси халқи тоҷик дар тӯли таърих барои манзалат пайдо кардан, устувор гаштан, оламиёнро шиносонидан ва моил намудани онҳо барои эътирофи миллат, инчунин ҳимоят кардани халқи тоҷик хизмати сазовор кардаанд. **Дар давраи истиқлолият нисбат ба ин абармардон эҳтироми бузург гузоштааст. Бо истифода аз тамоми имконот номи онҳоро ҷовидонӣ гардонидааст.** Агар суханони Сарвари давлат дар бораи ин фидоиёни халқи тоҷик гаштаву баргашта мавриди омӯзиш қарор дода шаванд, намунаи олии ватандорӣ, сифати комили шахсият, ки барои сохтан, рушд кардани давлати миллӣ, ҳифз кардани манфиатҳои он зарур аст, баръало намудор мегардад**. Аз нигоҳи илмӣ ва таҷрибаи таърихӣ чунин оини тарбия боиси пайравӣ ва дастгирии фаъолона, модоме, ки дар суханони Раҳбари давлат ифода ёфтаанд, ҳамчун ҳидоятнома қабул мегарданд.** Пайравӣ ба мардони барӯманди Ватан аз беҳтарин анъанаҳои таърихии миллати тоҷик буд. Онро дар эҷодиёти таърихнигорон ва адибони машҳури миллати куҳанбунёди мо дидан мумкин аст**. Аз ҷумла, шоири мубориз Ҳабиб Юсуфӣ дар шеъри «Ба Ватан», бо ифтихори бузург эълом доштааст:**

*Ман на танҳо дил, тану ҷон ҳам фидоят мекунам,*
*То шавам чун қаҳрамонони ту ман ҳам қаҳрамон.*

**(Ҳабиб Юсуфӣ. Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1962. – С. 21)**

**Дар омади сухан ёдоварӣ бояд кард, ки ин шоири ҷавон ва бузург Тоҷикистонро Ватан,** «Ватани дил» **ва** «рашки сад чаман»**тавсиф кардааст:**

*Бубин имрӯз он бехонумон дилро, Ватан дорад,*
*Чунон зебо Ватан дорад, ки рашки сад чаман дорад.*

**(Ҳабиб Юсуфӣ. Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1962. – С. 22)**

**Пайравӣ ба намунаҳои олӣ, рафтори қаҳрамонони миллӣ дар давраи гузариш, махсусан замони эъмор ва мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории миллӣ, аз ҷумлаи талаботи иҷтимоии замон маҳсуб мешавад.**

**Даъват мекунад, ки дар баробари омӯхтани осори адибони бузург, ба илмҳои дақиқ ва ҷомеашиносӣ таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад. Онҳоро ҳамчун илми мафкурасоз арзёбӣ мекунад. Хотиррасон месозад, ки омӯзонидани таърих, адабиёт, илмҳои ҷамъиятӣ барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷавонон хизмати босамар мекунанд. Дар ҷодаи ташаккули шахсият, азхуд кардани арзишҳо, самтгирӣ дар роҳи тайкардаи абармардони миллат, зиндагӣ кардан тибқи принсипҳои ватандорӣ, ватанпарастӣ ва манфиатҳои миллӣ ҳидоят менамояд.**

Дар масъалаи тарбия, мантиқи суханҳои Сарвари давлат дар он ифода меёбад, ки ахлоқи ҳамида, масъулиятшиносӣ ва донишҳо аз насл ба насл намегузаранд. Падару модар, мактаб, маориф, васоити ахбори воқеан миллӣ, муҳити атроф бо такя ба таҷрибаи таърихии халқи мо, намунаҳои олии қаҳрамонӣ, ҷавонмардии фарзандони он, мероси адабӣ, бояд бикӯшанд, ки насли барои ниёзҳои имрӯза ва оянда посухгӯи давлатдории миллиро тарбия кунанд.

**Худшиносии наврасон ва ҷавонон аз лиҳози маънавиёти ватандорӣ ва фарҳанги сиёсӣ, ба кумак ва таъсиррасонии системавӣ аз ҷониби волидайн, мактаб ва ташкилоти ҷамъиятӣ ниёз дорад.**

**Шаш принсипи конститутсионии сохти давлатдорӣ ба тарзи императивӣ бунёди давлати миллиро муайян кардаанд. Аз нигоҳи дақиқи илмӣ ва амалияи қотеонаи сиёсӣ тамоми рукнҳои давлатдорӣ, аз ҷумла муҳимтарин қисмати он тарбия ва таълим, мутобиқи принсипҳои номбурда роҳандозӣ карда мешаванд.**

**Тарбия ҷаҳонбинӣ, тарзи тафаккур, муносибатҳоро ба**

**муҳити атроф, арзишҳо, рафторҳои иҷтимоӣ, ташаккули характерҳоро замина мегузорад. Дар навбати худ,** «мувофиқат кардани характер ***(ҷаҳонбинӣ, хислати инсонӣ – С. Я.)*** ба ҳар навъ сохти давлатдорӣ, барои ҳифз кардани ин сохт хизмат мекунад» **(Аристотель. Политика. – М.: Рипол классик, 2010. – С. 536).**

**Аз ин рӯ, бояд аниқ донист, ки иштибоҳу саҳлангорӣ дар самти тарбия ҷомеаро дучори фалокат мегардонад. Воқеоти Шарқи Наздик, Афғонистон, солҳои навадуми асри гузаштаи Тоҷикистон ва баъзе ҳодисаҳое, ки ҷомеаи мо ҳамакнун шоҳиди он мебошад, таҷрибаи рӯзгоранд. Ҳоло вақт ва имкон ҳаст. Аз онҳо дарс гирифтан фарз аст.**

Тамоми иддаое, ки душманони сохти давлатдории миллӣ, таҳти шиорҳои гуногун, нисбат ба ғамхорӣ, назорат, таъсиррасонии мақсаднок ба наврасон, ҷавонон паҳн кардаӣ мешаванд, барои он ботиланд, ки тарбия наметавонад нисбати арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, ахлоқ, маънавиёт, одоб, қимати ҳаёти инсон, зиндагии ором, осуда, хотирҷамъии мардум бетараф бошад. Дегуманизатсияи раванди сохтани инсон амали нобахшиданист. **Одамро тарбия бояд кард. Аҳамияти онро Гегел хирадмандона ифода кардааст: чӣ қадаре, ки инсонро тарбия фаро гирад, ҳамон қадар «содагӣ», «гумроҳӣ», «бадахлоқӣ» аз вай зудуда мегардад. Ӯ сайқал меёбад. Аз каҷравии худ дур мешавад. Мардумро мефаҳмад. Ба ҷомеа мепайвандад. Барқарор намудани ин навъи муносибат бо шаҳрванд ҳеҷ вақт дер нест.**

**Дар таълимоти Сарвари давлат масъалаи тарбияи инсон характери системавӣ, структуравӣ ва функсионалӣ дорад. Он тамоми ҷанбаҳои–ташаккули инсонро дарбар мегирад. Аммо тарбияи ахлоқӣ – маънавӣ дар он мавқеи марказиро ишғол мекунад. Тавассути заҳматҳои бедареғу шабонарӯзӣ Пешвои миллат мекӯшад, дар ботини ҳамватанон, ки ӯ ҳаёту мамоти худро ба онҳо бахшидааст, ҳиссиёти баланди арзишҳои меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ташаккул ёбад. Ба ақидаи мо, чунин муносибат камолоти мутаносиб ва устувори на танҳо худи шахс, балки ҷомеаи моро таъмин мекунад. Масъулияти ӯро дар тақдири таърихии Ватан, сидқу сафоро дар андеша ва рафтори онҳо тақвият мебахшад. Маҳз ҳамин сифатҳо мантиқи олии ҳастӣ ва амали инсонро**

**дар арсаи зиндагӣ мадди назар дорад.**

**Дар ин робита мефармояд:** «Ташаккул додан ва истифодаи босамари неруи инсонӣ, ҳалли масоили иҷтимоӣ, аз ҷумла таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ниҳоят, дастёбӣ ба сатҳу сифати шоистаи зиндагӣ барои сокинон аз қабили масъалаҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки ҷиҳати иҷрои онҳо бояд тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа якҷоя ва аҳлона азму талош меварзанд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С**. 248).**

### Дар бораи зиёиён

**Таваҷҷуҳ ва талабот нисбат ба табақаи зиёиён дар тамоми давру замон дар пояи болотарин меистад. Шарҳи ин истилоҳ дар луғатҳои тафсирии забони тоҷикӣ хосиятҳои волои маънавиро ифода мекунад:** «1. Мансуб ба зиё; дурахшанда, тобон. 2. Корманди соҳаи фаъолияти фикрӣ; шахси огоҳ аз илму фарҳанг, равшанфикр, бомаданияту соҳибмаърифат» (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С**. 541).**

**Дар луғатҳои забони русӣ калимаи интеллигентсия маънои васеътарро дарбар мегирад:** «интеллигентсия» аз феъли лотинии intellego гирифта шуда, маъноҳои зеринро ифода мекунад: «ҳис кардан, дарк намудан, қайд кардан, донистан, фаҳмидан, андеша кардан, моҳиятро донистан, муайян намудан». **Калимаи «intellegentia» шакли исмро гирифта, мафҳумҳои дар боло ифодагаштаро бо муродифҳои қувватдиҳандаи маъно боз ҳам пурратар менамояд.**

**Яке аз олимони машҳури итолиёвӣ Фома Аквинский (1225 – 1274) калимаи «интеллигентсия»-ро ҳамчун «амали дарки ақл» шарҳ медиҳад. Дар ҷои дигар ӯ таъкид месозад, ки арабҳо ҳатто интеллигентсия гуфта, малоикаҳоро дар назар доранд. Ба хотири он ки чунин шахсон ҳама вақт ба тарзи рӯзмарра, хеле муҳим андеша мекунанд.**

**Истилоҳи интеллигентсия дар истифодаи Г. В. Ф. Гегел мавриди таваҷҷуҳ аст:** «Агар мо хиради мутлақ, беохир ва

объективиро ҳамчун мафҳум бигирем, натиҷаи он «дониш» ва ё «интеллигентсия» мешавад; ё ин ки «дониш»-ро ҳамчун мафҳум интихоб намоем, маънии аслии он «хирад» мебошад, амалӣ кардани дониш – азхуд кардани хирад аз ҷониби худи он маҳсуб мегардад» **(Г. В. Ф. Гегель. Энциклопедия философских наук. Т. 3. Философия духа. М.: Мысль, 1977. – С. 253).**

**Сарвари давлат нисбат ба зиёиёни мамлакат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онҳоро ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа ном мебарад:** «Қадрдонӣ ва эҳтироми шоистаи зиёиён нишонаи мақому манзалати волои онҳо дар ҳаёти ҷомеаи мо буда, аз фаъолияти пурсамари онҳо дар роҳи пешрафти кишвари маҳбубамон сарчашма мегирад. Гузашта аз ин, зиёиён ҳамеша ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа соҳиби маҳбубияти хос мебошанд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **352).**

**Ба ҳамватанон фаҳмонидани нуқтаҳои ҳассоси сиёсати давлатӣ ба хотири рушди мамлакат, пойдорӣ ва сулҳу субот дар кишвар ва таҳкими рукнҳои давлатдорӣ аз асоситарин вазифаҳои зиёиён дониста шудааст.**

**Пешвои миллат зиёиёнро «нигаҳбони арзишҳои маънавии халқ ва миллати худ» номбар карда, сиёсати фарҳангиро аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлатӣ эълом намудааст.**

**Маълум аст, ки маҳз тавассути кӯшишҳои шабонарӯзии Қаҳрамони миллии мо фаъолияти системаи иқтисодии мамлакат эҳё гашт. Рушди бемайлони он таъмин гардид. Симои шаҳру деҳот ба куллӣ тағйир пазируфт. Ба ибораи дигар, Сарвари давлат иҷроиши бузургтарин уҳдадориҳоеро, ки ба дӯши худ гирифта буд, таъмин намуд. Ҳамакнун навбати чоруми рушди иқтисодиёти мамлакат – саноатикунонии он оғоз гашт.**

**Аммо, мутаассифона, иқрор бояд шуд, ки масъалаи шуури ҷамъиятии сокинони мамлакат – қисме аз наврасон ва ҷавонон, ҳамчун иҷрокунандаи рисолати иҷтимоӣ–батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити давлатдории миллӣ, аз воқеият дур мондааст. Дар баъзе ҳолатҳо, шакли бешуурӣ ҳамчун шуур суиистифода мешавад. Осебпазирии гурӯҳҳо иҷтимоии ҷомеаро суръат мебахшад.**

**Идомаи вазъ бо ин тарз наметавонад бо рушди бемайлони давлатдории миллӣ ҳамоҳанг, созгор бошад.**

**Дар воқеъ нақши муайянкунанда ва қонунмандӣ доштани ҳастӣ дар инъикоси шуур мавриди шубҳа нест. Аммо чунин детерминатсияи мутаносиб, махсусан дар шароити ҷангҳои идеологӣ, рақобатҳои рӯҳӣ–равонӣ ба нафъи давлатдории миллӣ вақте сурат мегирад, ки аҳолӣ аз таъсири фарогири марказҳои мақсадноки тахрибкории шуур дур бошад. Давраи гузариш, ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ ва ҳам аз ҷиҳати самтгирии идеявӣ, пурра ба манфиати давлатдории миллӣ анҷомёфта арзёбӣ гардида, ин раванд хусусияти бебозгашт касб карда бошад.**

**Дарки ҳастии ҷамъиятӣ, инъикоси баробарвазнии он аз ҷониби қишрҳои аҳолӣ дар шароити Тоҷикистон ба тафсири тахассусӣ ва ҳадафмандона ниёз дорад. Зеро чунин ҳастӣ воқеияти одӣ нест. Бо заҳматҳои сарсупурдагони ҳамин миллат, таҳти раҳбарии Сарвари давлат ба даст омадааст. Аз таҷрибаи шаклгирифта мебояд системаи арзишҳои маънавӣ сохт, ки он на танҳо сохти давлатдорӣ, роҳ ва усули расидан ба чунин натиҷаҳоро ҳифз кунад, балки ормонҳои ҷадиди созандаро тавлид ва мардумро барои амалӣ кардани онҳо сафарбар намояд.**

**Принсипи** to recognize the differences **муҳим аст, аммо чунин эътирофи фарқиятҳо набояд марзи манфиатҳои миллиро халалдор созад.**

**«Истиқлолияти миллӣ» мафҳуми сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва идеологӣ аст. Дар структураи ин истилоҳ ба тарзи абадӣ нақша, орзу, ният, ормон вуҷуд дорад. Истиқлолият мантиқи бузурги системавии ҳидояткунандаро дарбар мегирад. Мутлақ буда наметавонад. Гумон намеравад, ки ҳатто давлатҳои бузург, қудратманд ҳисобот дода бошанд, ки дар кулли ниёзҳои дохилӣ ва глобалии хеш истиқлолият пайдо кардаанд. Аммо баъд аз расидан ба мустақилияти сиёсӣ, аввалин икдом – ноил гаштан ба истиқлолияти андешаи миллӣ аст. Бидуни ҳаракат ба ин самт, кӯшиши ҳифзи бунёди давлати мустақил бебунёд аст.**

**Дар ин бобат, Роҳбари давлат фармудааст:** «Барои он, ки истиқлолияти фикрӣ дар ҷомеа ба як падидаи фарогир табдил ёбад, дарку шуури мардум ба дараҷаи зарурии худшиносиву

худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ расад, дар замири аҳли ҷомеа ва пеш аз ҳама, ҷавонон эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ амиқ ҷой гирад, заҳмату маърифати сиёсиву ҳуқуқии табақаҳои гуногун, тарғиби тарзи солим ва оқилонаи ҳаёт, тарбияи насли босавод ва ба талаботи замона ҷавобгӯй кӯшиш намоянд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. **338).**

**Барои таҳкими истиқлолият ва таҳкурсии давлат Пешвои миллат нақши тамоми қишрҳои зиёиро муҳим мешуморад. Ба олимон, шоирон, нависандагон, муаллимони мактабҳои олӣ, миёна, журналистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Чун дар замони муосир эҷоди корҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ, публитсистӣ фарогири ҳамагон шудааст, Сарвари давлат бо эҳтиром ва назокати баланд ҳидоят менамояд, он намунаеро бояд эҷод ва ба хонанда (бинанда, шунаванда) пешниҳод кард, ки давлатдории миллии мо ба он ниёз дошта бошад. Дармони дарди ҷомеа бошад. Зиндагии воқеиро, инсонро такмил диҳад. Ба осонии рӯзгор такон бахшад.** «Агар ҷон натвонад дар он ниҳодан, нангорад. Аз суварнигории ҳадис худдорӣ намояд» **(маъниҳо аз Ҳоқонии Шервонӣ).**

**Як нуктаи ниҳоят арзишноке, ки қисмати** «Дар бораи зиёиён» **аз он оғоз мешавад, сухан дар бораи мавқеи зиёиён – муносибат ба арзишҳои миллӣ – ватанпарварӣ, садоқат ба сарзамини аҷдодӣ, ормонҳои давлатдории миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳақнигорӣ, устуворӣ дар гуфтору кирдор, фосила гирифтан аз бетарафӣ мебошад. Албатта, чунин рафтор ҷанбаи қавии шаҳрвандӣ, ахлоқӣ ва албатта фардӣ дорад. Хоси касб нест. Буда ҳам наметавонад. Аз зумраи қаҳрамонони миллат се шахсияти бузурги миллӣ – олимон, нависандагон ва шоирон ҳастанд. Таърихи миллати тоҷик – таърихи муборизаи олимон, адибони маъруф, бо такя ба мардум, дар роҳи истиқлолияти миллӣ мебошад. Он беҳтарин намунаи ҷавонмардӣ, рафтори созгор барои ҳифзи давлатдорӣ дар муқобили ҳама гуна зуҳуротест, ки манфиатҳои миллиро зери суол мебаранд:** «Дар лаҳзаҳои сарнавиштсози Ватан зиёиён бояд мавқеи сиёсии устуворро ишғол намоянд, аз калавандагию бетарафӣ ҳазар кунанд ва ифодагари ормонҳои миллати хеш бошанд» **(Ҳамон ҷо. – С. 337).**

**Бузургии истифодаи сухан дар қудрат ва тавони интихоби маънӣ, ҷобаҷогузории ҳиссаҳои нутқ мебошад. Дар иқтибоси зикргардида, истифодаи ибораҳои таркибии ифодакунандаи ҳолат ҷолиби таваҷҷуҳи маҳз аст:** «лаҳзаҳои сарнавиштсози Ватан», **ҳоли таркибии муносибат ба амал:** «мавқеи сиёсии устувор», **исмҳои номуайяни тавассути суффикси** «гӣ», «ӣ»-и **аз сифат сохташудаи** «калавандагию бетарафӣ». **Навъи ҷумла ҳикоятӣ, хабарӣ нест. Амрӣ (императивӣ) аст. Бо феъли модалии** «бояд» **ва феълҳои замони ҳозира-оянда ҷамъбаст мешавад.**

Чунин услуби нигориш аз масъулият, табиати давлат ва давлатдорӣ бармеояд.

**Ин фикрро яқин ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои 90-уми асри гузашта – дурӯягӣ, бозигарӣ, бетарафӣ, намоиши адами мавқеи устувор дар лаҳзаҳои ҳассос, гузаштан ба тарафи гурӯҳҳои иғвогар, дампоӣ, ба ҳоли худ мондани мардуми бесарпаноҳ ва баъзе ҷузъиёти амал, ки ҳаргиз мансуб ба анъана, рафторҳои иҷтимоии зиёиён –намояндагони адабиёти тоҷики асрҳои миёна, нав ва навтарини мо нест, тасдиқ мекунанд.**

**Сарвари давлат бар ин ақида аст, ки зиёиён равшангари роҳи миллатанд ва адабиёт муҳимтарин воситаи таъмини манфиатҳои миллӣ мебошад.**

## Хулоса

**Китоби «Суханҳои ҳикматомӯзи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон»**, ки аз сездаҳ боб ва сарсухан иборат аст, намунаҳои афкори пандомӯзи Сардори давлатро дар самтҳои ҳаётан муҳими давлатдории навини миллати тоҷик дарбар мегирад.

Омӯзиши онҳо нишон медиҳад, ки истиқлолияти давлатӣ аз мавзӯъҳои меҳварӣ дар таълимоти Сарвари давлат мебошад. Ин мафҳум тавассути истилоҳоти «таърихи панҷҳазорсолаи миллат», «забони тоҷикӣ», «мероси илмӣ, таърихӣ, адабӣ», «ёдгориҳои таърихӣ», «ҳокимияти сиёсӣ дар давлати Сомониён», «ҳувияти миллӣ», «хештаншиносӣ», «худшиносии миллӣ», «муборизаҳои озодихоҳонаи миллати тоҷик» **ва монанди инҳо** асоснок ва тафсир карда мешавад.

Дар суханҳои Пешвои миллат, вобаста ба таърихи ташаккули забони тоҷикӣ, решаҳои аслии сарзаминҳое, ки дар онҳо вобаста ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ авлодони мо ба фарҳанг ва маданияти хеш асос гузоштанд, далелҳои муътамад оварда шудаанд.

Таъкид мегардад, ки омилҳои аслии рушди забон ва фарҳанги миллии тоҷикон, натиҷаи меҳнатқаринӣ, тамоюли созандагӣ ва илмомӯзии халқи мо мебошад. Алоқамандии ҷаҳонбинӣ ба раванд ва натиҷаҳои таҷрибаи амалӣ барои рӯз ба рӯз беҳбудӣ бахшидан ба зиндагӣ, сабаби рушди миллӣ, аз ҷумла тафаккури миллӣ гаштааст.

Ташаккули ҳувияти миллиро Сарвари давлат дар муборизаи мақсадноки халқи тоҷик барои озодӣ ва истиқлолият тафсир менамояд. Ҳамин тариқ, тамоми бобҳои китобро ҳамин идеал ба ҳам мепайвандад. **«Идеал дар навбати худ ҳама гуна ақида дар дараҷаи олии вай мебошад»** (Г. В. Ф. Гегель. Работы разных лет. В двух томах. Т. 2. – М.: Мысль, 1973. – С. 143). Ва ормони мустақилият асрҳои аср аз бузургтарин орзуҳои миллати тоҷик маҳсуб мегардид.

Барои шарҳи далелноки воқеоти таърихӣ, сабабҳои рушди миллӣ Пешвои миллат аз категорияи субъект ва объект муваффақона истифода мекунад. Сарафрозии мардуми тоҷикро натиҷаи хизматҳои ҷоннисоронаи фарзандони барӯманди миллат медонад. Онҳоро ҳамчун намуна барои наслҳои имрӯза ва оянда бо ифтихори бузург ном мебарад. Мероси таърихиашонро ёдовар мешавад.

Бидуни шак, чунин тарзи эҳтиромгузорӣ ба таърих, забон ва фарҳанги миллӣ, саромадони миллат, ёдрас гаштан, арҷгузорӣ намудани хизматҳои онҳо – ҳамчун омили расидан ба истиқлолияти миллӣ, ҳамватанони моро барои пайравӣ ба ин абармардон раҳнамун месозад.

Қаҳрамониҳои фарзандони миллати тоҷикро Сарвари давлат, ки худ аз ҷумлаи онон мебошад, ҳамчун қарзи ватандорӣ, талаботи замон барои мубориза ба хотири истиқлолият, сохтани давлати миллӣ тафсир менамояд. **Дар нигоштаҳои Пешвои миллат фарзандони содиқи халқи тоҷик ҳамчун мардоне тасвир ёфтаанд, ки дар лаҳзаҳои барои миллат ҳассос ва басо хатарнок ба майдон омада, ҳаёту мамоти худро ба хотири ҳимоя, пойдорӣ, бардавомии давлати тоҷикон бахшидаанд. Шахсият, рӯҳи ботинии онҳо ба**

**пуррагӣ ба мақсадҳои бузург ва тақдири таърихии миллат тавъам омадааст.** Ва ҳаққо **«миллатҳое, ки қаҳрамон надоранд, қатъан бадбахт хоҳанд буд».**

**Хушбахтии миллат аз шумораи нафароне вобастагӣ дорад, ки дар лаҳзаҳои мушкил, сарфи назар аз воқеияти таҳдидҳои ҷонӣ майдонро тарк намекунанд. Ҷонфидоёна мубориза мебаранд. Вагарна миллат, давлат бе саробон мемонад. Мувоҷеҳ ба нобудӣ мегардад. Ин воқеиятро халқи шукргузори тоҷик як маротиба бо чашми худ дид.**

Чунин мисолҳоро Раҳбари давлат, бешубҳа, барои сари масъала андеша кардан, хулоса баровардан баррасӣ мекунад.

**Принсипи таърихияти тадқиқот дар таълимоти Сарвари давлат мавқеи калидӣ дорад. Тавассути он мехоҳад алоқамандии воқеият – тақдири миллати тоҷикро дар вобастагии пурра – бурду бохти ҳадди ақал ҳазорсолаи ахир амиқтар таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ кунад, хулосаи асоснок барорад. Ба дигарон, ба мардум фаҳмонад.**

Дар суханҳои ҳикматомӯзе, ки дар ин китоб гирд оварда шудаанд, аз ҷумла, омадааст, ки гузашта барои он ҳаматарафа омӯхта мешавад, то моҳияти имрӯзро донем. Ба қадри ин зиндагӣ бо каму костиҳояш бирасем. Самт ва муҳтавои ҳаракати ояндаро муайян созем. Дар тасмимгирӣ ва амал хато накунем.

Дар китоб масъалаи асосӣ – ташаккули ҷаҳонбинии нав дар давраи гузариши сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нав аст.

**Моҳияти сохти конститутсионии Тоҷикистон бунёди давлати мутамаддини миллӣ аст. Аз ҷониби Пешвои миллат асоси моддии барои ин гуна шакли давлатдорӣ зарур фароҳам оварда шудааст. Аммо аниқ аст, ки ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ дар ҷумҳурӣ баробар бо дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ нест.** Сарвари давлат дар ҳидоятҳои худ такрор ба такрор ин асло таъкид карда, барои ислоҳи он аҳли ҷомеаро сафарбар намудааст. Ин масъулияти бузург бар дӯши падару модар, мактаб, васоити ахбори умум ва пеш аз ҳама зиёиён меистад. Рафъи чунин номутаносибӣ талаботи пойдории давлатдории миллӣ мебошад.

**Китоби мазкур ганҷинаи суханҳои пандомез аст, ки «гарди баёнаш ба сад рисола барояд». Мутолиаи гаштаву баргаштаи ин хазинаи маънӣ, муқаррар натиҷаи таҷрибаи воқеияти зиндагӣ – аз овони ҷавонӣ, камолот, бурду бохти раҳи ниҳоят мушкил ва озмудани бахти хеш дар укёнуси пурталотуми сиёсат ба манфиати сарҷамъ кардани миллати парешони худи ӯ мебошад.** Гавҳар аз

баҳр баровардан – гузаштан аз ҷон аст. Дар олам ҳақиқати номуайян нест. Ҳақиқат доимо мушаххас аст. Давлат сохтан аз сарзамине, ки аз он амалан номи ҷуғрофӣ боқӣ монда буд, ҳамин мантиқро дорад. Ҳарорат ва ҷозибаи маъниҳои ифодакардаи Пешвои миллат чунин воқеиятро тасдиқ мекунад. Ҳамин аст, ки **«Дар ин маънӣ сухан бояд, ки ҷуз Саъдӣ наёрояд, Ки ҳарч-аз ҷон бурун ояд, нишинад лоҷарам бар дил».**

**Ҳамзамон фурсатро муносиб шумурда, хотиррасон бояд кард ва итминон аст ҳамагон ин нуктаро таъйид хоҳанд намуд, ки маъниофаринӣ, сухандонӣ ва санъати суханварии Сарвари давлат ҳамсони шахсияти ин инсони воқеан таърихӣ, бесобиқа ва нотакрор аст. Агар устод Садриддин Айнӣ, ҳамчун алломаи даврон, бо амиқ донистани нозукиҳои адабиёти беш аз ҳазорсола ва накди забони зиндаи гуфтугӯӣ аз созандагони забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, Пешвои миллат бо эҷоди асарҳои илмӣ, муҳимтар аз ҳама, истифодаи олимонаи забони модарӣ, онро машҳур ва ҷаҳонӣ гардонд.**

Эҷоди асарҳои илмӣ, ибрози мавқеи сиёсӣ дар шакли паём, баёния, суханронӣ, гуфтугӯи мустақим бо халқ аз ҷониби Сарвари давлат аввалин таҷриба дар таърихи давлатдории тоҷикон аст. Дар ин ҳуҷҷатҳо ва ибрози ақидаҳо муҳимтарин сабк, усул, роҳ ва воситаҳои давлатдорӣ, раҳбарии ҷомеа дар лаҳзаҳои мураккаб ва тақдирсози миллати тоҷик ифодаи худро ёфтаанд.

Ҳаётан зарур аст, ки барои наслҳои имрӯз ва оянда ин хирадсолорӣ ва оини давлатдории Пешвои миллат дар асоси методологияи илмӣ мавриди тадқиқ қарор бигирад. Чунин омӯзиш фарогири тамоми соҳаҳои давлатдорӣ – сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар бошад.



**Нурзода НОЗИМ**
*муҳаққиқ*

# БИНИШИ МИЛЛӢ – БОЗТОБИ ТАФАККУРИ ДУНЯВӢ

Дар ташаккул ва таҳаввули афкори миллӣ ва сиёсии мардуми форсу тоҷик ормонҳои бостонии миллӣ, ки дар бовару асотири қадимӣ таҷассум ёфтаанд, ҷойгоҳи вижа доранд. Гузашта аз ин, тайи таърихи тӯлонӣ бовару ормонҳои мардумӣ ва миллӣ дар созмон ёфтани тахайюл ва тафаккури эҷодию воқеӣ-реалистии ақвоми иронитабор, аз ҷумла мардуми тоҷик саҳим буда, ҷараёни рушду тавсеаи биниши миллӣ ва тафаккури сиёсию дунявиро таҳкиму тақвият бахшидаанд. Таҷрибаи башарӣ собит сохтааст, ки мафкура ё идеологияи давлатӣ ҳамеша бар мабнои бовару ормонҳои миллӣ, ки маҷмӯаи зиндагии фикрӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии қавму миллиятҳоро дар маҳдудаҳои замонию маконӣ таъйин мекунанд, сохта мешавад. Дар ин росто, мардуми форсу тоҷик ҳам дар имтидоди тӯлонии замонӣ аз решаву асолати худ – бовару асотири бостонӣ фарҳанг ва сиёсат дуруст карда, дар арсаи тамаддуни башарӣ қадамҳои устувор бардоштааст.

Муҳимтар аз ҳама, тафаккури дунявӣ, ки ду асри ахир ба сифати ҷаҳонбинии фарогир дар сайёраи инсонӣ овозадор шудааст, реша дар биниши миллии мардуми мо доштааст. Биниши миллӣ, ки бар мабнои бовару эътиқодоти гузаштагони мо созмон ёфтааст, барои ба вуҷуд омадани давлатҳои миллию дунявӣ мусоидат намудааст. Муҳаққиқон, бо назардошти шароит ва вазъи номусоиди глобалӣ, таҳкими фарҳанги бумиро бар пояи ҷаҳонбинӣ ва идеологияи воқеъбинонаи миллӣ, ки дар бовару асотири бостонӣ дарҷ гардидаанд, ҳукми зарурат донистаанд (ниг.: Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе, 2012. -С388-389). Барои намуна, метавон аз устураи Ҷамшед ба масобаи мафкураи давлатдории миллӣ ёдовар шуд, ки таърихи беш аз панҷҳазорсола дорад. Хатти марказии фарҳанг ва сиёсати миллӣ

дар симои шаҳриёри нимаустуравӣ ва ниматаърихӣ Ҷамшед чарх мезанад ва асотири қадимаи бумӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ на фарраи паёмбарӣ, балки фарраи шаҳриёриро ихтиёр намуда, дар ин дунё лаззат бурдан ва онро ободу зебо сохтанро меъёр ва шеваи зиндагии худ талаққӣ карда, дар татбиқи он калидғоя кӯшидааст(ниг.: Баҳор Меҳрдод. Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, 1384. -С. 360). Аз ин лиҳоз, фарҳанги Ҷамшедӣ пуштувонаи асосии низоми давлатдории дунявӣ маҳсуб меёбад.

Дар бовардоштҳои куҳани миллӣ ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ масъалаи давлатсозӣ (манзур давлатсозии миллию дунявӣ аст) ва ҳамиштирокии мардум дар рушди сиёсӣ, фикрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании кишвар матраҳ гардидааст. Мувофиқи бовардовариҳои гузаштаи миллӣ, низоми сиёсии ҷаҳони инсонӣ дар асоси мафҳум ва мақула-категорияҳои ахлоқии меҳр, хирад, ростӣ, дод ва озодӣ бунёд ёфтааст. Дар он ҳар дине, ҳар миллате, ҳар роҳбаре, ки ба мардуми ҷаҳон меҳр меварзад ва мардуми ҷаҳон ин меҳрварзиро бо таҷриботи мустақими худ дармеёбанд, ӯро бармегузинанд ва ҳар гоҳ, ки даст аз меҳр баркашад, тӯмори баргузидагиаш барчида мешавад (ниг.:Ҷамолӣ Манучеҳр. Густохӣ дар гусастан. Аз гусастагони густох. Ландан: Курмали Пресс, 1996. –С.50).

Дар замони давлатдории Куруши Кабир ормонҳои миллӣ воқеият касб менамоянд ва биниши дунявӣ дар низоми давлатдорӣ татбиқ мегардад. Аз ин ҷост, ки бар асоси ормонҳои миллӣ нахустин Маншури ҷаҳонии ҳуқуқи башар (Эъломияи ҳуқуқи башар) аз тарафи Куруши Кабир дар соли 538 пеш аз мелод эълом  ва ба иҷро мерасад. Соли 1969 мелодӣ, пас аз даргузашти 2507 сол баъд аз судури фармони мазкур намояндагони кишварҳои гуногун бо ҳузур ба оромгоҳи Куруш аз ӯ ба унвони нахустин поягузори ҳуқуқи башар ва озодии инсон таҷлил карданд (ниг.: Ҳушанг Толеъ. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. –Теҳрон, 1382. –С.209). Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки барои сарнагун кардани истибдоди шоҳи Бобул мардуми Бобул Курушро даъват мекунанд. Баъди озод намудани мардуми Бобул Куруш Маншур ё ба истилоҳи имрӯза, Эъломия мунташир мекунад. Дар маншури худ, қабл аз ҳама, ба масъалаи озодӣ ва анвои гуногуни он, аз ҷумла озодии виҷдон, ки нахустзаминаи давлати демократӣ талаққӣ мешавад, таваҷҷуҳ

менамояд ва дар ин замина таъкид мекунад: «Артиши бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагзоштам ранҷу озоре ба мардуми ин шаҳр ва ин сарзамин ворид ояд…ба тирабахтиҳои онон поён бахшидам. Ман бардадориро барандохтам. Фармон додам ҳамаи мардум дар парастиши Худои худ озод бошанд ва ононро наёзоранд»(ниг.: Ҳушанг Толеъ. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. –Теҳрон, 1382. –С.217). Мардонагӣ ва шарофати Куруш — шаҳриёри дунявигарои миллиро дар бахшҳои 32 ва 34-и Маншур мушоҳида мекунем: «Фармон додам ҳамаи ниёишгоҳҳое, ки баста буданд, бигшоянд…Ба ниёишгоҳҳои худашон бозгардондам...» (таваҷҷуҳ шавад ба: Ҳушанг Толеъ. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. –Теҳрон, 1382. –С.218). Ин саховатмандӣ, мардонагӣ, родмардӣ ва инсонияти ӯро дида, мардуми Бобул ба вай унвонҳои «Шоҳи Бобул», «Шоҳи сарзаминҳо» доданд. Куруши Кабир дар Бобул сиёсати родмардӣ, инсондӯстӣ ва ба истилоҳи имрӯза, демократии худро ба намоиш мегузорад ва фармони аз асорат озод кардани яҳудиёнро содир мекунад. Ба онҳо иҷозат медиҳад, ки ба сарзамини хеш бозгашта, маъбади Байтулмуқаддасро ба ҳамон сурати пешазвайронӣ бозсозӣ кунанд. Тамоми зарфҳои тилло ва нуқрае, ки аз яҳудиён гирифта буданд, ба онҳо бозгардонда мешаванд(ниг.: Гиршман Роман. Таърихи Ирон аз оғоз то ислом. Тарҷумаи Маҳмуд Беҳфурӯзӣ. –Теҳрон: Ҷомӣ, 1379. –С122).

Баъди сукути давлати Сосониён, ки меросбарони аслии империяи Ҳахоманишӣ ва Курушӣ буданд, тайи дусад сол сиёсат ва фарҳанги миллӣ «давраи сукут»-ро аз сар мегузаронид (манзур китоби Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ду қарни сукут. Теҳрон, 1381). Пас аз ҷаҳду талошҳо хонадонҳои миллӣ ба арсаи сиёсат ва давлатдорӣ ворид гардиданд ва давлатҳои миллии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён рӯйи кор омаданд. Махсусан, дар замони салтанати Сомониён тадриҷан сиёсати миллӣ бар пояи фарҳанги дунявӣ дар ҷомеа нуфуз пайдо кард. Дар ин давра забони миллӣ, ки пойдевори сиёсату фарҳанги бумӣ маҳсуб меёбад, таҳкиму густариш ёфта, амирони хирадпарвари Сомонӣ раванди таъсири саросарии забони порсии дарии тоҷикиро дар қаламрави давлат ҷиддӣ назорат мекарданд ва бад-ин тариқ биниши дунявӣ дар бастагӣ бо тафаккури миллӣ машрӯият касб кард. Афзун бар ин, дар

қаламрави давлати Сомониён доираи нуфузи забони арабӣ, ки он замон забони дину сиёсат ва илму фарҳанг маҳсуб меёфт, маҳдуд гардида, забони порсӣ (дарии тоҷикӣ) ба забони илму маърифат бадал шуд, то ҷое ки бо амри Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ ( 961- 984) китоби машҳури «Тафсири кабири Табарӣ» ба забони миллӣ тарҷума гардид (ниг.: Малоирӣ М. Таърих ва фарҳанги Ирон дар даврони интиқол аз асри Сосонӣ ба асри исломӣ. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1372. –С.138). Маҳз дар даврони Сомониён мардум дар фазои дунявият ва эҳтиром ба арзишҳои инсонӣ зиндагӣ карданро таҷриба намуданд. Биниши миллӣ дар ҳамоҳангӣ бо тафаккуроти дунявӣ дар қолаби офаридаҳои адабӣ-бадеӣ, ҳунарӣ ва фалсафии адибону донишмандони замони Сомонӣ зуҳур кард ва мардум ба муҳит ва фазои солими озодиҳои динӣ-имонӣ одат намуд.

Акнун аз маҳдудаи таърихи миллию ватанӣ бурун омада, мавзӯъро дар қолаби шароити имрӯзаи таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ ва маданӣ баррасӣ мекунем. Тафаккури дунявӣ имрӯз дар шакли истилоҳи дунявият («секуляризм») фаҳмида мешавад. «Дунявият ё ба истилоҳ, «секуляризм» (аз калимаи лотинии saecularis ба маънои дунявӣ, инҷаҳонӣ) дар чанд маъно истифода мешавад: якум, ба маънои бадалшавии моликияти ибодатгоҳҳои динӣ ба дунявӣ; дуюм, мусодираи амволи муассисаҳои динӣ ва интиқоли онҳо ба ҳукумати дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ; севум, аз фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ва зеҳнӣ озод намудани таъсири дин. Ба ин тариқ, секуляризм ё дунявият падида ва чизеро аз таъсири калисо баровардан ва ба муассисаҳои шаҳрвандӣ супурдан ва аз таъсири калисо раҳо карданро ифода мекунад. Ин ҷо бо истилоҳи «диният» (клерикализм) мувоҷеҳ мегардем. Диният ва ё Клерикализм (аз вожаи лотинии klericalism ба маънои калисоӣ далолат карда, ҷараёни сиёсии иртиҷоиро ифода менамояд, ки ҳадафаш дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ афзудани таъсири дин мебошад), моҳиятан дар муқобили секуляризм қарор дорад. Аз ин ҷост, ки сохти сиёсии демократӣ ва дунявӣ динро ҳамчун унсури давлатсозӣ намепазирад ва сатҳи ҳузуру нуфузи онро дар умури сиёсӣ ва иҷтимоӣ зарур намедонад. Давлат ва ҳукумати дунявӣ аз таҷриба ва далоили таърихӣ медонад, ки дину мазҳаб дар қолаби калисо ва минбару маобид алайҳи рӯшангарону озодандешон шӯрида, мардумро таҳти тасаллути мазҳаб қарор дода, зулму истибдодро ба сифати меъёри сиёсати давлатӣ

дунбол мекунад. Аксари кулли мардуми кишварҳои ғарбӣ аз низоми сиёсии дунявӣ пайравӣ карда, тайи солҳои тӯлонӣ дар ин сохтори сиёсӣ –дунявӣ умр ба сар бурда, ҷомеаҳои урупоӣ дунявиятро ба унвони беҳтарин сохт ва намунаи зиндагӣ пазируфтаанд.

Имрӯз ҷангу даргириҳое, ки дар Ховари Миёна ҷараён мегиранд, бозгӯкунандаи онанд, ки дунявият ва тафаккури дунявӣ дар миёни мардуми ин минтақаҳо ба таври зарурӣ ҷойгоҳ пайдо накардааст. Табиист, ки аз ин вазъият рӯҳониёни муҳофизакор васеъ истифода мебаранд ва мардумро ба вартаи гумроҳӣ мекашанд. Бинобар ин, давлати дунявӣ ва низоми демократӣ имкони пазириши мардумро новобаста ба дин, мазҳаб, нажод, миллат, ақида, мафкура, андеша ва тафаккур дорад ва муҳимтар аз ҳама, ба ҷомеа шароити интихоби озоди қабулу тарки андеша ва тавсифу интиқоди мунсифонаи ҳар гуна афкорро фароҳам меоварад. Дар давлати динӣ-мазҳабӣ ин падидаи асосӣ ва ҷавҳарӣ вуҷуд надорад ва имкони интихоби озод зери суол аст.

Вазъи имрӯзаи сиёсӣ ва геосиёсӣ осебпазирии ҷомеаҳои мазҳабӣ ва давлатҳои динӣ-теократиро рӯшан нишон медиҳад. Маҳдудиятҳои фикрӣ, идеологӣ ва илмӣ ин ҷомеа ва давлатҳоро, ки зери чатри низоми динӣ-мазҳабӣ зиндагӣ мекунанд, дар баробари воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ камзарфият намудааст. Камзарфиятӣ ва камогаҳии мардум барои гурӯҳҳои муҳофизакор ва фурсатталаб имконият фароҳам меоварад, ки аз эҳсоси динии мардум роҳат истифода баранд ва онҳоро ба бозиҳои бемаънӣ даргир созанд. Нуқтаи заъфи ҷавомеи мазҳабӣ тафаккури баста, суннатӣ ва консервативии онҳост, ки имкони вуҷуд ва ҳузури манфиатҳои миллӣ ва инсониашонро ба сифр баробар мекунад. Гузашта аз ин, дар муддати сесад соли ахир, давлатҳо ва ҷомеаи мусулмонӣ ба буҳронҳои амиқи дохилӣ гирифтор шуданд (пошхӯрии империяи Усмонӣ ва аз ҷониби хадамотҳои махсуси ғарбӣ мудохилакорӣ дар умури сиёсию иҷтимоии мамлакатҳои мусулмонӣ) ва сардамдорони динӣ ҷавоби ҳалли буҳронҳоро дар бозгашт ба ислом ва суннатҳои динӣ дарёфтаанд (мутаассифона, ин андеша имрӯз ҳам мадди назари раҳбарони созмонҳои сиррӣ ва ҳаракатҳои радикалии исломӣ қарор дорад), ки роҳи

ифротишавӣ ва тундгаройии диниро барои насли ҷавон хамвор сохтааст.

Хушбахтона, давлати миллии мо бо такя ба мероси сиёсию фарҳангии гузашта роҳи давлатдории дунявиро интихоб карда, дар ин масир қадам бармедорад. Муҳимтар аз ҳама, аз ин интихоби дурусту мантиқӣ мардуми тоҷик зараре надидааст, баръакс, тавассути ин низоми сиёсӣ ба масири тозаи зиндагӣ гом бардошта, ба сӯйи ояндаи неку дурахшон ҳаракат мекунад. Ба сухани дигар, тафаккури дунявӣ, ки дар низоми давлатдории дунявӣ рушд мекунад, тафаккури кушоду боз аст ва он ба ҳар навъ андеша ва мафкура эҳтиром мегузорад, вале таҳмили андеша ва фишори ақидатиро қабул надорад. Дар тасаввури инсони дунявӣ ин дунё арсаи зиндагӣ ва фаъолиятҳои инсон, новобаста аз тааллуқоти ақидатӣ, идеологӣ ва динӣ-мазҳабӣ мебошад. Низоми сиёсии давлати дунявӣ бар баробарӣ ва тавозуни инсонҳо дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ, фикрӣ, иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ, моддию маънавӣ асос ёфтааст. Вале ин маънои онро надорад, ки дунёмадорон(манзур раҳбарияти низоми давлатдории дунявӣ аст), беҳудуд ба ҳама чиз имтиёз доранд. Онҳо дар асоси қонунмандӣ ва меъёру принсипҳои инсонӣ, барои пайравони тамоми адёну мазоҳиб, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ақидаву мафкура ба таври баробар шароити ибодат, фароғату истироҳат ва шуғлу таҳсил таҳия мекунанд ва ба ин васила муҳиту фазои солими ҳамкорӣ ва ҳамзистиро дар байни табақаҳои иҷтимоӣ, ақаллиятҳои миллӣ-этникӣ, бовармандони динӣ ва ҳаводорони созмонҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоваранд.

Масъалаи муносибат ва робитаи ҳукумат бо виҷдони озод (ниг.: Ҷамолӣ Манучеҳр. Ба сӯйи ҳукумати фарҳангӣ. Ландан: Курмали Пресс, 1998. –С. 49) ба унвони стратегияи сиёсӣ дар низоми давлатдории дунявӣ хидмат мекунад. Дар давлати дунявӣ майдони густариши дониш ва хиради инсонӣ тавсеа меёбад, то афроди ҷомеа ба масоили фикрӣ, сиёсӣ, ақидатӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ мунсифона бархӯрд карда тавонанд. Ҳар қадар дар ҷомеа тафаккури дунявӣ реша давонад, ҳамон қадар раванди озодии виҷдону ақида таҳкиму тақвият меёбад. Ҳадафи ниҳойӣ ва стратегӣ дар низоми давлатсозии дунявӣ, ки дар қолаби асотири бостонии миллӣ рехта шудааст, **«на ба ҷиҳоди идеологию динӣ рафтан, балки барои ҳаққи ҳар инсоне ба зиндагӣ дар гетӣ пайкор кардан»** мебошад (ниг.: Ҷамолӣ Манучеҳр.

Шоҳнома ва мо. Дафтари нахуст. Ландан, бидуни соли нашр. - С.64) ва ин аслу нуқтаи атф (меҳрварзӣ) дар низомҳои сиёсии минбаъда авлавият ва таҳаққуқ пайдо кардааст. Ин ҳадафи стратегиро дар шароити феълӣ метавон ҷиддӣ пайгирӣ кард ва ба сифати барномаи мушаххаси давлатӣ дар сиёсати миллию фарҳангӣ татбиқ намуд.

## МАОРИФПАРВАРӢ ВА РАВАНДҲОИ МУОСИРИ СИЁСӢ



**Раҷабов ҲАБИБУЛЛО**
*ҳиндшинос*

# НАҚШИ ЗАБОНИ ФОРСӢ –ТОҶИКӢ ДАР ТАШКИЛЁБИИ ЗАБОНИ УРДУ

Забони урду, забони нави ҳинду ориёӣ, забони давлатии Ҷумҳурии Исломии Покистон буда, дар Ҳинду Покистон хуб инкишоф ёфтааст. Дар ҳамон мамлакатҳои Шарқ, ки бо Ҳинду Покистон ҳамсояву наздиканд ва боз дар чунин мамлакатҳои дигар ба мисли Олмон, Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Австралия ва ғайра забони урду забони онҳоест, ки ба ин мамлакатҳо ҳамчун муҳоҷир омадаанд. Дар Ҷумҳурии Мардумии Бангладеш биҳориҳо (онҳое, ки ҳангоми тақсим шудани Ҳиндустон (1947) ба ин мамлакат, ки он вақт Покистони Шарқӣ ном гирифта буд, ноилоҷ кӯч баста буданд) ба забони урду гап мезананд. Гӯяндаҳои забони урду дар Ҳиндустон, асосан, дар музофотҳои Уттар Прадеш, Кашмир, Биҳор, Мадҳя Прадеш, Маҳараштра ва дар шаҳри Деҳливу гирду атрофи он маскан гирифтаанд. Урду ба ғайр аз забони расмии Ҷумҳурии Исломии Покистон будан боз яке аз 22 забони расмии Ҳиндустон мебошад.

Ин забон нисбат ба дигар забонҳои ин ду кишвар ҳарчанд дертар пайдо шудааст, вале бо вуҷуди ин дар нимҷазираи Ҳинд соҳиби эътибори махсус мебошад. Дар Ҳиндустон барин мамлакате, ки ҳамчун осорхонаи забонҳо ном бурда мешавад, пайдо шудану мавқеи хос гирифтани боз як забони дигар, ҳодисаи маъмулӣ нест. Чӣ боис шудааст, ки дар ин сарзамин дар асрҳои миёна як забони нав бо номи урду ба вуҷуд омадааст? Чанде аз ин сабабҳоро месазад, ки ёдовар шавем.

Асрҳои аср ба қисматҳои гуногуни Ҳиндустон аз мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон ва мамлакатҳои араб тоҷирон, сайёҳон, олимон ва дигар ашхоси

касбу кори гуногун дошта сафар мекарданд. Қисме аз онҳо чун дар ин мамлакат муқимӣ мешуданд, кӯшиш мекарданд, ки то андозае урфу одат ва забони худро дар доираи худи онҳо барин ин ҷо омадаву муқимӣ шудагон нигоҳ доранд. Дар натиҷаи чунин омаду рафтҳо табиист, ки забони форсӣ-тоҷикӣ, ки забони модариашон буд, он ҳам ҳамроҳи онҳо вориди Ҳиндустон мешуд ва ҳамаи ин, дар маҷмӯъ, муносибатҳои фарҳангии мамлакатҳои номбурдаро бо Ҳиндустон сол то сол рангину қавитар месохт. Лекин нақши асосиро дар паҳн намудани забони форсӣ ва ба забону фарҳанги Ҳиндустон таъсир расонидани забони форсӣ дар асрҳои миёна боз омилҳои дигар низ ҳастанд. Ин пеш аз ҳама аз мамлакатҳои форсизабон ба Ҳиндустон сар даровардани ҷангҷӯёни ғоратгар мебошад. Ҳамлаю тороҷгариҳои паёпайи мусулмонҳо дар давоми чандин асрҳо мушоҳида шудааст, ки мисолашро дар забткориҳои Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (971-1030), Муҳаммад Ғурӣ (1149-1206), Аловуддин Муҳаммадшоҳи Хилҷӣ (1266-1316), Нодиршоҳ (1688-1747) ва Муғулҳои Бузург (замони ҳукмрониашон дар Ҳиндустон 1526-1857) равшан дида метавонем.

Дар оғози асри VII дар Ҳиндустони феодалӣ бештар аз 70 роҷанишинҳои мустақил мавҷуд буданд, ки роҷаҳои онҳо доим байни худ меҷангиданд ва кашмакашиҳову задухурдҳо доштанд. Ҳамаи чунин кашмакашиҳо боиси пастшавии иқтидори сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодии ҳукуматдории роҷаҳо мешуд. Барои ҳамин ҳам онҳо ба истилогарони хориҷӣ сахт муқобилият нишон дода наметавонистанд ва ба осонӣ мустақилиятро аз даст медоданд. Дар асрҳои миёна мусулмонҳо ба Ҳиндустон борҳо ҳуҷум карда, қисмати шимолии онро зери даст намуданд. Танҳо як худи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ 17 маротиба ба қисмати шимолии Ҳиндустон сар дароварда ғоратгариҳо кардааст. Ҳудуди салтанати Аловуддин дар солҳои ҳукуматдориаш (1296-1316) хеле васеъ шуда буд ва забони форсӣ чун забони расмӣ дар мавзеи зери даст шуда, шинохта шуд. Ҳамин тариқ, дар қаламравҳои забткардаи истилогарон, яъне дар қисми шимолии Ҳиндустон, дар асри XIII давлате пайдо шуд, ки номи “Салтанати Деҳлӣ” –ро гирифта буд. Султонҳо шаҳри Деҳлиро ҳамчун пойтахти худ интихоб карда буданд. Салтанати Деҳлӣ аз соли 1206 то соли 1526 арзи вуҷуд кардааст.

Аз оғози асри XVI Ҳиндустон диққати Муғулҳои Бузургро ба худ ҷалб карда буд. Соли 1526 Бобур аз Осиёи Марказӣ ба сӯи Ҳиндустон лашкар кашида, Деҳлиро забт намуд ва дар шимоли Ҳиндустон давлатеро ташкил намуд, ки вай дар таърих бо номи "Империяи Муғулҳои Бузург" маълум аст.

Ҳамаи онҳое, ки ба Ҳиндустон омада буданд, аз адибону тоҷирон то истилогарон бо лашкарҳояшон, асосан, форсизабону даризабону тоҷикзабон буданд. Маҳз онҳо ба Ҳиндустон забону адабиёти форсӣ-тоҷикиро овардаанд, ҳарчанд он вақт фақат калимаи форсӣ маълум буду забони ба Ҳиндустон омадагонро забони форсӣ мегуфтанд. Бояд гуфт, ки ин ҳамон форсие буд, ки имрӯз чун забони форсӣ ва тоҷикӣ маълум асту мешиносанд. Дар таблиғу мавқеъ пайдо кардани ана ҳамин забони форсӣ-тоҷикӣ миёни мардуми таҳҷойӣ, мусулмонҳои навомада талошҳои судманд доштанд ва бо роҳҳои гуногун мардуми маҳаллиро ба нозукиҳо ва имкониятҳои забони форсӣ ошно мекарданд. Ҳамин тариқ, барои ба вуҷуд омадани забони урду истилогарону тоҷирону мусофирони мусулмон нақши муҳим бозидаанд.

Пайдоишу инкишофи забони урду дар Ҳиндустн аслан ба асри VII рост меояд. Ин ҳамон вақте, ки арабҳо соли 711 Синдро зери даст карда буданд. Бояд гуфт, ки бе ин ҳам забони форсӣ бо сабаби аз тариқи музофоти Синд бо Ҳиндустон асрҳои аср ҳамсарҳад будани Эрон таъсире ба фарҳанги Ҳиндустон, аз ҷумла ба забонҳои сарҳадии ин мамлакат доштааст. Вале он таъсир дар оғоз ҳанӯз ба он андозае набудаст, ки барои ба дигар қисматҳои Ҳиндустон паҳн шудани забони форсӣ сабаб шуда бошад. Яъне таъсири забони форсӣ дар он асрҳо ба забонҳои маҳаллӣ аз тариқи ҳамсарҳад будан дар худуди қаламрави Синд маҳдуд буд. Лекин дар ҳар сурат пайдоишу инкишофи забони урду дар Ҳиндустон аз омезиши забони форсӣ, ки намояндагони он аз Эрону Афғонистону Осиёи Марказӣ ба Ҳиндустон ворид мешуданд, бо забонҳо маҳаллӣ оғоз ёфтааст. Забони урду инкишофи босуръати худро, бешак, дар замони салтанати Деҳлӣ ва замони ҳукмронии Муғулҳои Бузург ёфтааст. Дар оғоз ҳамон забони маҳаллие, ки мусулмонҳо, аз ҷумла мусулмонҳои истилогар бо он рӯ ба рӯ шудаанд, вай забон **"кҳарӣ болӣ"** ном дошт ва чун лаҳҷа шинохта мешуд. Маҳз ҳамин лаҳҷаи кҳарӣ болиро мусулмонҳо барои бо мардуми маҳаллӣ муошират кардан интихоб намуда

буданд. Дар натиҷаи ҳамин муошират селоби калимаҳои форсӣ ва ба воситаи форсӣ калимаҳои арабӣ ба лаҳҷаи кҳарӣ болӣ ворид шудан гирифтанд. Дар ғанӣ гаштани захираи луғавии лаҳҷаи кҳарӣ болӣ забони форсии мусулмонҳои ҳоким чун забони расмӣ ва ба вуҷуд омадану ниҳоят инкишоф ёфтани адабиёти форсизабон дар Ҳинд нақши муҳиме бозидааст. Ёдовар мешавем, ки вожаи ”ҳиндӣ” ва “Ҳиндустон”-ро маҳз мусулмонҳо баровардаанд ва барои ифодаи забони маҳаллӣ, ки кҳарӣ болӣ ном дошт ва номи мамлакатон вақт чун Бҳарат маълум буд, истифода мебурданд. Дар ҳамин авзо қисме аз аҳолии маҳаллӣ кӯшиш мекарданд, ки гуфтори кҳарӣ болиро тоза нигоҳ доранд ва аз истифодаи калимаҳои форсӣ худдорӣ намуда, аслан ба захираи луғавии санскрит такя намоянд. Маҳз талоши тоза нигоҳ доштан ва аз захираи луғавии санскрит бештар истифода бурдан боис шуд, ки лаҳҷаи кҳарӣ болӣ номи **“ҳиндӣ**”-ро гирад. Забони ҳиндӣ меросхӯри мустақими забони санскрит мебошад. Аз санскрит алифбояшро, ки деванагарӣ номида мешавад, низ гирифтааст ва ин алифбо то имрӯз дар истифода аст. Боз қисми дигари гӯяндагони ҳамин лаҳҷаи кҳарӣ болӣ, ки аз истифодаи калимаҳои санскритӣ худдорӣ карда, захираи луғавии кҳарӣ болиро аз ҳисоби забони форсӣ ғанӣ мекарданд, ба ин навъ кҳарӣ болӣ номи нав – номи забони урдуро доданд ва барои истифода алифбои арабиасосро интихоб намуданд. Шумораи зиёди онҳое, ки ба Ҳиндустон омада, дар он ҷо муддатҳо зиндагӣ мекарданд ва ё пурра муқимӣ мешуданд, сарбозони мусулмон буданд. Маҳали зисти сарбозҳо, яъне қароргоҳҳояшонро урдугоҳ мегуфтанд. Ин урдугоҳҳо боз ҳамчун маҳали тиҷорат, яъне чун бозор маълум буданд. Дар чунин бозорҳои дар дохили урдугоҳҳо ҷой гирифта ҳам барои тиҷорати маъмулӣ, яъне тиҷорат байни худи ҳиндуҳо ва ҳам тиҷорате, ки байни мусулмонҳо ва ҳиндувон сурат мегирифт, низ хизмат мекарданд. Оҳиста-оҳиста забоне, ки дар ҳамин урдугоҳҳо-тиҷоратгоҳҳо истифода мешуд, тавре болотар ишора шуд, номи урдуро гирифт. Ҳамин тариқ, маҳз урдугоҳҳо аввалин маҳалҳое буданд, ки нишонаҳои забони урду, яъне омехта истифода бурдани калимаҳо, иборҳо ва ҳатто ҷумлаҳои сода аз ду забон дида мешуд, яъне урдугоҳҳо ба пайдоиши забони урду мусоидат кардаанд. Ҳамин тариқ, ин ду забони нав арзи вуҷуд карда, аз лиҳози он ки то андозае шакли умумӣ доштанд, номи

"ҳиндустонӣ"-ро соҳиб шуданд ва ҳамчун забони гуфтугӯӣ мавқеъ пайдо карда, хеле васеъ дар истифода буданд. Дар оғоз фарқи ба чашм намоёни ин ду забон асосан байни ду алифбое буд, ки ин ду забон истифода мекарданд, яъне алифбои деванагарӣ барои забони ҳиндӣ ва алифбои арабиасос барои забони урду. Аз лиҳози грамматика байни ин ду забон фарқе набуд ва имрӯз ҳам нест. Сохтори грамматикии ҳиндиву урду якест. Ба ғайр аз алифбо фарқ боз дар захираи луғавии ҳарду забон дида мешавад. Захираи луғавии забони урдуро калимаҳои форсӣ ва арабӣ ташкил медиҳаду захираи луғавии забони ҳиндиро калимаҳои санскритӣ. Зикри ин нуқта низ ҷолиб аст, ки ба воситаи забони форсӣ калимаҳои арабӣ, ки худ дар забони форсӣ мисли калимаҳои соф форсӣ кайҳо боз мақоми қавӣ ҳосил карданд, ба забони урду бемонеа ворид шудаанд. Калимаҳои аз форсӣ-тоҷикии ба урду дохилшуда, бешак ба маънои аслиашон омадаанд, вале боз калимаҳое низ ҳастанд, ки маънои аслиашонро дар урду гум кардаанд. Чунончи калимаи "шодӣ" дар забони урду чун "шадӣ" талафуз шуда, асосан ба маънои "тӯйи зангирӣ", "тӯйи ба шавҳар баромадан"-ро ифода мекунад. Аз ин калима боз калимаи "шадишуда" ба вуҷул омадааст, ки маънои "зандор", "издивоҷкарда" ва ё "шавҳардор"-ро ифода мекунад. Тақрибан шаст дар сад калимаҳое, ки дар забони урду истифода мешаванд, аз забони форсӣ мебошанд. Ин далелро исбот кардан мушкилие надорад. Муҳаммад Иқбол дар яке аз шеърҳояш чунин мегӯяд:

Kya **<u>ch</u>ar<u>kh</u>i kajrav**, kya **mehr**, kya **mah**? (Чист чархи каҷрав, чист меҳр, чист моҳ?),

Sab **rahrav** he, **vamandai rah**. (Ҳама раҳрав ҳастанд, вомондаи роҳ).

Karka Sikandar bijli ki **manand**, (Искандар монанди раду барқ ғуррос зад )

Tujh ko **khabar** he, ayi **margi nagah**? (Ту хабар дорӣ , эй марги ногоҳ).

Nadir ne luti Dilli ki **daulat**, (Нодир давлати (сарвати) Деҳлиро дуздид)

Yek **zarbi <u>sh</u>am<u>sh</u>er**, **afsana kutah**. (Як зарби шамшер, афсона кӯтоҳ ).

Яке аз дубайтиҳои Муҳаммад Иқбол, ки дар ашъори урдуи шоир шомил аст, агар талафузи онро ба урду ба инобат нагирем,

метавон гуфт, ки пурра тоҷикист: **Jamali ishqu masti naynavazi** (Ҷамоли ишқу мастӣ найнавозӣ).

**Jalali ishqu masti beniyazi** (Ҷалоли ишқу мастӣ бениёзӣ).

**Kamali ishqu masti zarfi haydar** (Камоли ишқу мастӣ зарфи Ҳайдар )

**Zavali ishqu masti harfi razi** (Заволи ишқу мастӣ ҳарфи розӣ).

Мисолҳои дигар: **Harchand** us ki **ruboiyon** men **sharabu shabab** aur **jamu paimane** ka **zikr** milta he, **lekin ba ghayir tahqiq** ke use **sharabi qarar** dena **sarasar nainsafi** hogi (Ҳарчанд, ки дар рубоиёти ӯ шаробу шабоб ва зикри ҷому паймона вомехӯранд, таҳқиқ накарда, ӯро шаробӣ гуфтан, саросар ноинсофӣ мешавад). **Hasrat** apni **husnparasti** par **hargiz sharmanda** nahin hein. (Ҳасрат аз ҳуснпарастии худ ҳаргиз шарманда нест). Агар ба таронаи миллии Покистон нигоҳ кунем, пас мебинем, ки ба истиснои ҳамагӣ як мисраъ, боқӣ ҳамааш ба забони форсӣ-тоҷикӣ мебошад.

Ҳоло боз ба чанд зарбулмасал менигарем, ки инҳо ҳам гуфтаҳои болоро тақвият медиҳанд: Ag ke liye **khushku tar barabar** heyn (Барои оташ тару хушк баробар аст). **Gurg barandida** he (Гурги борондида аст). **Be aib khuda** ki **zat** he (Бе айб Худо аст).Тавре мебинем истифодаи калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар забони урду хеле фаровон аст, ки ин худ далели модари забони урду будани забони форсӣ-тоҷикиро исбот мекунад.

Оҳиста-оҳиста чун забони тозапайдошудаи урду аз урдугоҳҳо берун шуда, ба қаламрави фарохтар доман паҳн намуд, ҳам эътибораш бо сабаби ширину гуворо буданаш афзоиш гирифту ҳам ғанитар шуда ба забоне табдил ёфт, ки метавонист ҳам забони илм бошаду ҳам забони адаб. Ин забони рушдёфта бардошти онро дошт, ки бо он асарҳои динӣ, фалсафӣ ва ғайра иншо шаванд. Забони урду аввал дар қисмати шимолии Ҳиндустон, хусусан дар шаҳри Деҳлӣ ва баъдан бо сабаби қисматҳои ҷануби Ҳиндустонро эери даст кардани Аловуддини Хилҷӣ дар ин қаламрав бо номи "дакҳнӣ", яъне "ҷанубӣ" паҳн шуд.

Забони урду **ҳамчун забони адабӣ**, асосан. дар асрҳои XVI-XVIII аввал дар ҷануби Ҳиндустон (Дакан), пас дар шимоли он инкишоф ёфтааст. Тақрибан аз нимаи дувуми асри XVIII сар карда адибони форсизабони қисмати шимолии Ҳиндустон ҳам оҳиста-оҳиста ба забони урду эҷод мекардагӣ шуданд. Баъдтар

навиштани асарҳои мансур ба урду ба ҳукми анъана даромад, он чи пештар ё мушоҳида намешуд, ё бисёр каму ночиз буд. Аз ҳамон вақте ки забони урду (1832) забони расмии “Ширкати Ост Индия” эълон мешавад, эътибори он боз бештар афзуда, адабиёт ба ин забон ниҳоят тез инкишоф меёбад ва дар асри XIX забону адабиёти урду миёни дигар забону адабиётҳои Ҳиндустон мавқеи хосу устувор ҳосил мекунад. Дере нагузашта рӯзномаҳо ба забони урду дар шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон, аз ҷумла Деҳливу Лоҳур интишор шудан гирифтанд.

Ҳамин тариқ, забон ва адабиёти урду аз шимол то ҷануби Ҳиндустон доман паҳн кард ва боиси пайдо шудани даҳҳо марказҳо, маҳфилҳо ва доираҳои адабӣ гардид, ки ҳамаи ин дар навбати худ забони урдуро суфта ва эътибори адабиёти урдуро миёни дигар адабиётҳои Ҳинду Покистон боло бурдааст. Дар бисёр мактабҳои гуногуни Покистону Ҳиндустон таълим ба забони урду ба роҳ монда шудааст. Дар ҳар ду мамлакат садҳо маҷаллаву рӯзномаҳои гуногуни адабиву сиёсӣ ва иқтисодиву тиббӣ ба забони урду ба табъ мерасанд. Радиову телевизиони ҳар ду мамлакат барномаҳои зиёде ба урду пахш мекунанд. Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки забони урду дар ин минтақа нуфузи хос ва соҳибону қадрдонҳо дорад. Зери таъсири адабиёти форсизабон ба забони урду дабиёте ба вуҷуд омад, ки адибонаш шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд. Чунин шоирону нависандагони машҳури Покистону Ҳиндустон ва тамоми олам ба мисли Мирзо Асадулло Ғолиб (1797-1869), Муҳаммад Иқбол (1877-1938), Файз Аҳмад Файз (1911-1984), Премчанд (1880-1936), Кришан Чандар (1914-1977), Саодат Ҳасан Манто (1912-1955), Ҳафиз Ҷоландҳарӣ (1900-1982) ва садҳо дигарон асарҳои безавол офаридаанд, ки аз забони урду ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва чоп шудаанд.

Ҳамин тариқ, забони урду, забоне, ки дар натиҷаи омезиши фарҳанги мусулмониву ҳиндӣ ба вуҷуд омадааст, асрҳост ҳамчун забони мустақил ва хеле инкишофёфтаву неруманд шуда, дар қаламрави Ҳинду Покистон ва берун аз ин мамлакатҳо аз ҷониби миллионҳо одамон истифода мешавад.



**Мирзоев ҒАФФОР**
*номзади илмҳои фалсафа*

# МАСЪАЛАИ ҲАҚ ВА ҲУҚУҚИ ЗАНОНИ АМОРАТИ БУХОРО АЗ НАЗАРИ АҲМАДИ ДОНИШ

Вазъи Аморати Бухоро ва зарурати деринаи ислоҳу дигаргунсозии ҳама соҳаҳои иҷтимоии онро дар авохири асри XIX устод Садриддин Айнӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, қайд намуда буд, ки то ошноӣ бо асарҳои Аҳмади Дониш мо гумон доштем, маркази оламу пешрафти дунё ин аморати Бухоро аст ва ҳеҷ кишваре дар пешрафту нумӯъ баробар ба он нест ва шиносоӣ бо китобҳои Аҳмади Дониш чашми моро ба ҳақиқати олам ва «ҳақиқати билоди Бухоро» кушод. Бараъло айён мешавад, ки устод Айнӣ дар саргаҳи ин ҷунбишҳо ва хезишҳои ғоявӣ, ки аз онҳо чун «инқилоби фикрӣ» ном бурдааст, Аҳмади Донишро мебинад.

Дар воқеъ, Дониш ҳамчун равшанфикр ва маорифпарвари замонаш соҳаҳои мухталифи ичтимоиёт, иқтисодиёт, маънавиёт, сиёсат, фарҳанг, маориф, зиндагии рӯзмарраи ҷомеаи давр ва ғайраро ба риштаи таҳқиқу баррасӣ кашида, мушкилоту қафомондагии онҳоро равшан намудаву роҳу воситаи беҳсозиашонро ҷустуҷӯ ва ба қадри фаҳму имконаш нишон додааст. Гарчанде андешаҳои ӯ аз муносибатҳои феодалии аморати Бухоро маншаъ мегиранд ва аз норасоиву маҳдудиятҳои муайяни назариву консептуалии замонаш орӣ нестанд, вале онҳо ягона ақидаи пешқадами он давр буданд, ки ба ҷомеа бо диди нав ва нигоҳи нав баҳо медоданд. Баъзе ақидаҳои ихтилофомези мазҳабияш низ аз ҳамин замина об мехуранд. Вале ҳақ ба ҷониби муҳаққиқони осори ин мутафаккир Ашуров Ғ. ва Диноршоев М. мебошад, ки қайд намудаанд, Дониш фарзанди замони худаш буд ва наметавонист аз маҳдудияту махсусиятҳои давраш берун бошад. Дар баробари ин норасоиҳо, ӯ фикру андешаи ҳамзамононашро дар мавриди ҷомеаи дар таназзулмондаву хобрафтаи Бухорои амирӣ ҷунбишу такон додааст ва онҳоро ба бедориву худогоҳӣ хондааст. Қариб ягон масъалаи доғи дастгоҳи

аморати Бухороро наметавон пайдо кард, ки ин мутафаккири равшанфикр онро аз дидгоҳи нав ба риштаи таҳқиқу мулоҳиза накашидаву қабоҳату разолати онро нишон надода бошад ва бо ҷуръату ҷасорати бемонанд онро зери тозиёнаи танқид нагирифтаву ислоҳашро талаб накарда бошад. Муҳаққиқи тоҷик Ш.Абдуллоев дар ин маврид чунин қайд менамояд: «Танқиди устод Аҳмади Дониш аз ҷаҳолат, ақибмондагии сиёсию маданӣ, психологияву хурофоти динӣ ва ғайраи Осиёи Миёна он қадар бепардаву ошкоро, он қадар кӯбандаву бетараҳҳум ва тунду тез аст, ки кас аз ҷасорат ва фошгӯиҳои ӯ дар ҳайрат мемонад. Ин ҳама нишондиҳандаи дараҷаи нафрати вай ҳамчун маорифпарвар ва рӯшанфикр нисбат ба тартиботи истибдодӣ ва ҷаҳолату разолати ҳокимияти манғитиён мебошад».

Дар баробари ин ақидаҳои пешқадами иҷтимоию сиёсияш Дониш дар кишварҳои Шарқи исломӣ аз аввалин донишмандест, ки дидгоҳҳои шахшудамондаи асримиёнагиро дар мавриди бисёр мавзӯъ ва масъалаҳои доғи иҷтимоӣ, ки дар адабиёти фалсафиву бадеии гузашта қолабҳои муайян доштанд ва касе берун аз онҳо фикри дигареро барои худ тасаввур намекард, шикаста ин масоилро ба таври мубрам ҳамчун мушкилот дар назди ҷомеа гузоштааст.

Яке аз чунин масъалаҳои дарднок масъалаи мақом ва мушкилоти занони Шарқ, махсусан занони аморати Бухоро буд, ки то Аҳмади Дониш ягон нафаре, ҳатто аз байни пешгомони ҳаракати ислоҳотхоҳии мусулмонон, аз қабили Ҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Абдо, Муҳаммад Иқбол ва дигарон, ки таҳсилдидаи кишварҳои Аврупо буданд, монанди ӯ ин масъаларо бо тамоми мушкилоту жарфҳояш ба таври кушод ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар назди ҳамзамонон ва ҷомеаашон бо диди нав ва рӯҳияи гуманизми инсонӣ нагузоштаанд. Агар чизе пештар аз ӯ дар ин адабиёт ба чашм хурад ҳам, фақат нигоҳҳо ва андешаҳои қаноатмандонаи умумӣ сари ин масъалаанд, ки бар асоси услубҳои анъанавию таърихӣ танҳо аз мадҳу санохониҳои рӯякӣ ва таърифҳои маҷозии муқаррароти динии ин мавзӯъ иборат буданд, ки аз ҳақиқати ҳоли занони Шарқ фарсаҳҳо дуранд. Баъди Дониш аз мутафаккирони исломӣ фақат Қосим Амин ба ин масъала ҷиддитар ворид шудааст. Дониш рӯирост бар зидди рӯҳияи ҳукмрони он замон ва ақидаи иртиҷоии нафароне, ки ба қавли худи ӯ иброз медоштанд: «зан

чи қадр дошта, ки ӯро назананд ва ё накушанд ва ё тарку талоқаш нагӯянд?!» садо баланд намуда, аз ҳуқуқ ва мавқеи инсонии занон дифоъ намудааст. Мутафаккири равшанфикр ва озодандеш поинтар ба масъалаҳои ҳаққу ҳуқуқи зан, мақоми ӯ, нақши ӯ дар оила, дар ҷомеа, дар тарбияи фарзанд, дар хушбахтиву саодати мард ва ғайраҳо дахл намуда, бар хилофи назарияи дар он замон машҳури "мардонро бар занон мартабаест" баромад намуда, боҷуръатона ва боэътимод баробарии зану мардро таъкид мекунад. Ӯ ба он нафарони кӯтоҳназар ва бехирад, ки ба зан ҳамчун ба ҷинси дуюмдараҷа, нолоиқ ва чун молу коло муносибат мекарданд, муроҷиат намуда чунин менависад: «...инон надонанд, ки зан низ мисли эшон нафс дорад ва худро адили мард (яъне баробари мард. - М.Ғ.) мепиндорад. Ва ин заъфу забунӣ бар ӯ ба сабаби авориз афтода». Аз баёни андеша ва ифодаи мазмун аён аст, ки мутафаккир худ ба ин фикр ҳамраъй буда, бар баробарии ҷойгоҳи зану мардро дар ҷомеа қоил аст ва ин аслро ҷонибдорӣ мекунад. Ин нуктаро муҳаққиқи шинохтаи тоҷик А.Ҳайдаров зикр сохта, дуруст қайд кардааст, ки ба ақидаи Дониш нобаробарии зан бо мард фақат дар заифии қуввати ҷисмонии ӯ зоҳир мешавад, дар боқимонда масоил бошад онҳо баробаранд ва ин баҳона шуда наметавонад, ки ҳуқуқи ӯро поймол кунанд.

Мутафаккир дар мавриди ташкили оила ва зарурату аҳамияти никоҳ ибрози назар намуда, оиларо чун заминаи ташаккули ҷомеа, тозагиву покияш ва занро асоси он медонад. Ӯ дар ин ҷо фикри бисёр ҷолиберо оварда, барои зан ва мақому арзиши ӯ мартабаи баландеро қоил мешавад, ки барои замони муносибатҳои феодалӣ ва мушкилоти гендерии даврони мутафаккир воқеан фикри пешқадам буд. Дар ин маврид дар бораи бунёди хонавода ва мақому манзалати зан назди мард чунин менависад: "Дигар фоидаи тааҳҳул он аст, ки зан тимору тааҳҳуди хонаро мутасаддӣ бошад... Ва баъд аз имон ҳеҷ неъмат бузургтар (манзури муаллиф, яъне барои мард.-М.Ғ.) аз зани шоиста нест".

Дониш бо сабк ва услуби ба худаш хос гоҳ аз забони худ ва гоҳ аз забони қаҳрамонони асараш, баъзе маврид ниҳоят ҷиддӣ ва баъзе маврид бо шеваи мазҳакавӣ вазъи занони шӯрбахти аморати Бухороро тасвир ва аҳволи онҳоро бо занони дигар кишвару дигар фарҳангҳо муқоиса намудааст. Тавассути

муқоисаҳои худ донишманд на танҳо диққати аҳли ҷомеаро ба ин масъала ҷалб карданӣ мешавад, балки илоҷу ислоҳи онро меҷӯяд. Дар боби “Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон” ӯ таассуроти сайёҳи қаҳрамонашро аз дидани зебогию ороишот ва хушбӯии занони мисрӣ баён намуда, онҳоро бо вазъи занони Бухоро муқоиса мекунад. Аз забони ин сайёҳ гуфтугӯи зани мисриро, ки аз зебогию тароват ва озодию фаросаташ сайёҳ худро гум карда буд, чунин меорад:

- Гуфт: «Дар вилояти шумо магар зан нест?»- Гуфтам: «Ҳаст, аммо на ба дон мусоба, ки шумоед ва боз онҳо дар лиҳоф (яъне, фаранҷиву чодар – М.Ғ.) мастуранд. Ва алҳақ он шакли шомиле, ки доранд, алякин (беҳтар) он аст, ки онҳо мастур бошанд, то чашм ба дидори ноҳинҷори эшон нарасад». Бихандиду гуфт: «Онхо бадшакланду нохушманзаранд?» -Гуфтам: «Бале, ки ҳама говдӯшу саргинчин ва ҷомашӯю нонпазанд». -Гуфт: «Мардон кори занон накунанд?» - Гуфтам: «На, балки ҳавоиҷи рӯзгори мардон ба уҳдаи занон аст. Ва эшон ба зебу зинати худ камтар пардохт тавонанд ва доим чиркину гаргин бошанд».

*Ба пешашош натвон шуд зи гандабӯи багал,*
*Ба пушташон натвон шуд зи бӯи тунди эзор».*

Дар охири муколама ин зан ба сайёҳ чунин мегӯяд: «Занони шумо бадбахт заноне будаанд. Дар вилояти мо мардон ходимони занонанд ва ғуломони эшон”.

Дониш, чунонки қайд намудем, ҳам аз забони қаҳрамононаш ва ҳам бевосита аз забони худаш ҳангоми гузориши мавзӯъҳои мухталиф ё ба таври зимнӣ ва ё ба таври мустақим ба мавзӯи мушкилоти занони аморати Бухоро рӯй оварда, аз ситоиши вазъу ҳоли занони дигар мамолик изҳори хушҳолӣ ва дар бородари ин умедвории чунин вазъиятро барои занони кишвараш мекунад. Ӯ гоҳо тавассути гузориши дигар масъалаҳо ба мавзӯи мушкилоти иҷтимоии занони Шарқ дохил мешавад ва гоҳҳо бо матраҳ намудани мушкилоти занон ба дигар масъалаҳои фалсафиву тасаввуфии кӯҳнашудаи иртиҷоӣ рӯй оварда, бесуботиву беасосии онҳоро мавриди истеҳзову тамасхур қарор медиҳад. Ҳангоми тасвири дастовардҳои иншоотиву меъмории Русия, қасрҳову кӯшкҳои муҳташам, биноҳои зебои театру музейҳо, баргузории маҷлису намоишҳо, ки занон баробари мардон дар он ҷоҳо ширкат доштанд ва на танҳо бо ҳусну ҷамолу тароваташон, балки бо озодӣ, рӯкушодӣ, заковат,

маданияти муносибат ва ҳунару истеъдодашон ҳамагонро мафтуну ҳайрон менамуданд, мавриди таърифу тавсифи Дониши равшанфикр қарор мегиранд. Ба ин мазмун ӯ иштирокашро дар маҷлисе, ки барои истиқболи меҳмонон императори рус дар Петербург баргузор намуда буд, чунин тасвир мекунад: «Дар ин маҷлис дидем моҳруёни садафтинату сарвқадони офтобталъат ҳамчун товуси нигорин ба ҳар тараф мехиромиданд ва чун ғизоли маст ба ҳар самт мечамиданд. Ва ҳар кадом чандин либоси ҳарир пӯшида, ки бадани нозанини эшонро ҳоил намешуд ва худи баданҳо низ аз ғояти назокату шаффофӣ ба дигаре сотир намегашт. Гуё, эзиди таоло пайкари онҳоро аз оби соф, ё обгинаи шаффоф сиришта.... » Мутафаккир ин лаҳзаҳои қабули меҳмононро тасвир намуда, ниҳоят ба лаҳзаи ворид гардидани сафирони аморати Бухоро, ки худаш дар ҳайати онҳо низ буд ва ҳама бо сару либос, мӯю риш ва андоми ногувор оро ёфта буданд, мепардозад ва ин манзарараро хиҷолатмандона бо санъати баланди таҷоҳули ориф аз чашми “занони озоди ҳуррсифати фарангӣ” чунин ба қалам медиҳад: «Мо ҳама ҷамъе даҳон кушодаву чашмҳо боз монда мутаҳайир, ки «Ин чӣ ҷосту кучост?!... Он паривашон мутааҷҷиб, ки ин ғулон дар (ин) маҳфили рӯҳониён чи навъ даромадаанд ва девон бо париён чӣ шакл мумтазиҷ гашта?!», ба рӯи мо тез медиданд ва ба аҷобати либосу ҳайати мо механдиданд. Ва мо ҳамчунон мутаҳайир ва бешуурона қадаме пеш мениҳодем ва ҷои рафту нишасти (худ) намедонистем. Дар ин асно дасти булӯри ба синаи мо меомад барои дурбош, ки «ҳало эй ифритиёни одамисират ва эй одамони ҳайвонсират, дониста пой ниҳед, ки домани нози мо ба ранги чатри товус замин кашон аст. Ва мо ҳар яке ба шакли товус масту хиромон, то домани моро ба пои ноҳанҷори худ магазед ва ба қудуми шуми худ маёлонед!». Тавозуъкунону ларзон кадаме чанд ақибтар мениҳодем, ҳам дар ин ҳол муштти нозанине ба пушти мо мехурд, ки «ҳон, эй бехирадон, таваққуф варзед ва воқиф бошед, ки бари симгуни мо ба барги гул ноз дорад, то ба хори мақдами нуҳусаттавъами худ мадарронед!». Саросема ба ақиб менигаристем... ба ранги бузинагон тамаллуқе мекардем ва ба даҳону забон ба ангушт ишора медодем, ки «мо безабонем ва аз саҳро расида говон ва ба русуму услуби шаҳрӣ шумо нодонон, маъзурамон доред». Барои ифодаи чунин лаҳзаи ногувор аз вазъу аҳволи хеш бо чунин лаҳну забони тез қудрати

худбаҳодиҳии воқеӣ, ҷуръату ҷасорат ва хиради ҳақиқатбин лозим аст, ки ин аз шасияти ҷамъиятиву миллӣ будани мутафаккири равшанбин шаҳодат медиҳад. Дар ин ҷо таваҷҷӯҳи Аҳмади Дониш ба санъати шаҳрсозӣ, фарҳангу анъаи шаҳрӣ, озодиву мақоми занон ва маданияти онҳо дар маҳфилҳо, дар маъракаҳои сиёсии ин кишвар ва ғайраҳо равшан мешаванд, ки бешубҳа аз озод будани ӯ аз таассубу хурофоти динӣ ва озодандешии ин маорифтпарвари воқеъбину бедор гувоҳӣ медиҳад.

Чунончи болотар низ зикр намуда будем, Дониш гоҳо бо матраҳ намудани мавзӯъ ва масъалаи зан дар ҷомеа вориди дигар масоили фалсафиву ҳастишиносӣ шуда, нуқтаи назари худро бар мавриди онҳо баён намудааст. Баъзе ғояҳои схоластикии аз назари ӯ беасос ва бепояро, ки дар ҷаҳонбинии динию мистикии ҳамзамононаш таъсири муайян доштанд, ҳам аз забони худ ва ҳам аз забони гузаштагони илму фалсафаи мо бо лаҳни тамасхуромез зери интиқоди шадид гирифтааст. Ӯ назарияи инзивои аҳли тасаввуф ва ғояи таносухиёнро дар мавриди он, ки рӯҳи инсон ба таври силсилавор ба ин олам бармегардад ва он дар ҳаёт ва олами нав метавонад дар дигар шаклу колбад, масалан рӯҳи зан дар мард, ё рӯҳи инсон дар колбади ҳайвон ва ғайра эҳёву зинда шавад, бесуботу бепоя хонда, онро боиси коҳиливу беҳаракатии инсон ва ақибмондагии ҷомеаи шарқӣ хондааст. Мутафаккир сари ин масъала чунин менависад: « ...мумкин нест, ки ҷавҳареро, ки шоистаи либоси инсоният аст, дар кисвати хар баранд». Ба инсонҳое, ки мубталои ин ғоя гашта, гӯшанишиниву зуҳдро ихтиёр намудаанд ва даст аз кӯшишу ғайрат боздоштаанд, бо забони ниҳоят тунду нафратомези Мирзо Бедил мурочиат карда мегӯяд:

*Эй рафтаву боз омадаву хум гашта,*
*Номат зи миёни мардумон гум гашта.*
*Нохун ҳама ҷамъ омада сум гашта,*
*Риш аз дари к..н баромада дум гашта.*

Дар ин ҷо айён мешавад, ки маорифпарвар ба нақш ва рисолати инсон дар ин олам қоил аст, ӯро соҳиб ва эҷодкори тақдиру сарнавишт ва ризқу рӯзияшро натиҷаи кӯшишу ғайрати худаш медонад. Ӯ дар муқобили назарияи маъруфи ҷабарию

каломӣ боҷуръатона ғояи хилофи онро матраҳ намуда, андешаи дигарро, ки хусусияти реформаторӣ дорад, баён менамояд. Дар ҷавоби суолгузориҳои як нафар қаҳрамони асараш, ки хулосаи матлабашро мутафаккир дар қитъаи зерин ҷамъбаст кардааст:

*“ Ризқ ҳарчанд бегумон даррасад,*
*Шарти ақл аст ҷустани дарҳо.*
*Беаҷал кас нахоҳад мурд,*
*Ту марав ба коми аждарҳо*”.

Худаш боз сари ин масъала ибрози ақида мекунад, ки ризқу рӯзӣ бе касбу тараддуд ба даст намеояд ва барои ба даст овардани он саъю кӯшиш бояд, зеро ин аз бузургтарин “ҳукми солеҳи тамаддун ва таовун” аст ва ин мавзӯъро идома дода, масъалаи қазову сарнавиштро чунин тавзеҳ медиҳад: «Агар касе (яъне гӯяд, ки-М.Ғ.) қазо ба мурдани ман тааллуқ нагирифта, намирам, аблаҳу нодон касе бувад».

Чун ақоиди иҷтимоию сиёсии ин мутафаккири маорифпарвар ва илоҳотҷӯйро ба таври амиқ баррасӣ намоем мебинем, ки ба вуҷуди назари чанде аз муҳаққиқон, ки таъкид доранд Дониш сари масоили фалсафиву иҷтимоӣ ғояву андешаи наверо камтар ворид кардааст, вале аён мешавад, ки худи озодандешию ҳақиқатҷӯии ӯ дар мавриди масоили иҷтимоии муҳити фикрии Бухорои ғафлатзада худ як навгоние мебошад. Ҳамчунин, дар атрофи масъалаи усулии исломӣ, масъалаи қазову қадар андеша ронда, ба вуҷуди як шахси мутадайин ва эътиқодманди таълимоти динӣ буданаш, бархилофи муқаррароти он рафта, ҳамеша сабабҳои қафомондагии кишварҳои Шарқ ва махсусан аморати Бухороро аз роҳи меъёрҳои ақлонӣ дар ҳамин воқеияти ҳастӣ ҷустуҷӯ дошт. Аввалан, бо таъкиди устод Айнӣ, маҳз Дониш аз дурӯғ будани тасаввуроти роиҷи “маркази дунёву пешрафт ва оламу илм” будани Бухороро ба ҳамзамонони бедораш иттилоъ додаву бонги изтироб задааст ва онҳоро огоҳ намудааст, ки аморати Бухоро баръакс як гӯшаи қафомондаи олам аст, то ба қадри имкони худ чорае бубинанд. Сониян, бархилофи ақидаи маъруфи динии қазову қадар, ки дар Шарқи исломӣ пазируфта буд, пешрафту нумӯи дигар кишварҳои мутараққӣ, махсусан кишварҳои Ғарбро на аз қазои илоҳӣ, балки аз тараддуду кӯшиш

ва ғайрату талаби ҷомеа ва шаҳрвандонаш дар роҳи илм ва дар ҷоддаи истеҳсолот мебинад: «...онҳо (ғарбиён) тараддуду талаб намуданд, ёфтанд ва мо накардем ва нарасидем... Басти мулк низ мавқуфи талабу тараддуд аст». Ин ақидаҳои мутафаккир барои он замон аҳамияти ҳам илмию ҳам амалии хеле баланд доштанд. Ҳамзамон, ба чунин ранг масъалагузории мутафаккир далолат ба он мекунанд, ки Дониш дар баробари ақидаҳои иҷтимоӣ-ислоҳотхоҳияш тарафдори ислоҳи назариёти динии он давраш, ки идеологияи ҳукмрони замонаш буд, баромад мекунад.

Бо ҳамин шеваю услуб, мутафаккири равшанфикр дар ҳар бобу ғоят аз ҳуқуқу озодӣ ва рӯкушодии занони кишварҳои пешрафта, махсусан кишварҳои Ғарб сухан ронда, гаштаю баргашта ба вазъ ва ҳолати ногувори занони аморати Бухоро бармегардад. Зикр менамояд, ки занон дар ин минтақа аз ҳеҷ гуна ҳаққу ҳуқуқ бархурдор набуда, мавриди шиканҷаю озори доимӣ, мубодилаву фурӯш ва барои давлатмардони аморат бошад, василаи кайфу сафо ва дороии ҳарамхонаҳояшон буданд. Барои мансаб хариду фурӯш ва ҳадя мешуданд. Таъкид менамояд, ки худи Амир Музаффар нафаронеро таъйин намуда буд, ки «....ҳар ҷо дӯшизае (духтари бокира) бошад, дарк кунанд ва ба давлатхона бибаранд, то султон тасарруф кунад, пас агар баъд аз ӯ ҳар киро майл ба издивоҷу имтизоҷи зан афтад, бояд ки дар ин давлатсаро эълон кунад, то аз давлатхона зане номзади ӯ шавад». Мутафаккири равшанфикр бо нафрату надомат зикр менамояд, ки ин "амири бетарбият" дар муносибат бо занон аз сутурон фарқе надошт. Дар корҳои давлатдорӣ бошад, тартиберо ҷорӣ намуда буд, ки касеро духтари дӯшиза набошад, нодон бошад ва мартабаеро сазовор набошад ва агар духтаре дорад, мансаберо ҷӯё бошад, ба он соҳиб мешавад. Чун муродаш ҳосил мешуд ва «чун аз духтарони дӯшизаю бакоратрафта панҷоҳ- панҷоҳ, сад-сад ҷамъ мешуд, ба якбора рамавор бароварда ба ҳар кадом, ки толиб аз аскарию ғайриаскарӣ маҷҷонан мебахшиданд ва боз тараддуди тоза мешуданд». Бо таъкиди мутафаккир ҳамаи амирони манғития ҳамин рафтору ҳамин ахлоқро доштаанд ва мансабдорону атрофиёнашон низ дар ҳамин сатҳи пасти ахлоқӣ ва муносибати қабеҳона бо занон қарор доштаанд. Мавриди дигар ӯ аз мушкилот ва паёмадҳои ногувори бисёрзанӣ дар ҷомеа нақл мекунад ва мухолифати

шаддиди худро ба ин падидаи номатлуби иҷтимоӣ, ки то замони мо низ боқӣ мондааст, баён мекунад.Дониш бар ин назар аст, ки нафароне гумон мекунанд, бисёрзанӣ мутобиқ ба шариат ва суннату ҳадис аст, иштибоҳ мекунанд. Аз назари мутафаккир ин амал ба шароити мавҷудаи рӯзмарра, яъне иҷтимоии он замон вобастагӣ дошт ва онро чун «суннати мусталзими чандин суннати дигар» медонад ва таъкид мекунад, ки он акнун дархури вазъи имрӯза нест ва пеш аз ҳама ҳоли занонро табоҳтар месозад.

Ҳамин тариқ, нуқтаи назар ва андешаҳои мутафаккири равшанфикр Аҳмади Донишро дар матни ақидаҳои иҷтимоӣ-ислоҳотҷӯии ӯ ҷамъбаст намуда, метавон чунин хулоса кард, ки ин мутафаккири озодфикр дар фалсафаву адабиёти Шарқи исломӣ аз аввалин донишмандонест, ки ба таври мубрам масъалаи мушкилот ва ҳаққу ҳуқуқи занони Шарқро ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ дар мадди назари ҷомеа гузоштааст. Гарчи дар сари ин мавзӯъ дар назариёти Дониш нопайгириҳо ва ноустувориҳое низ ба назар мерасанд ва гоҳе ба ботлоқи мафкураи замонаш фурӯъ рафта, занро сабабгори мусибату бало ва мушкилиҳои ҷомеа медонад, вале боз ҳам хирадгароӣ ва озодандешии худро аз даст надода, ба асли воқеъияти ин масъала бармегардад. Дар он муҳити тираву тори муносибатҳои феодалӣ мушкилоти иҷтимоии занонро матраҳ намуда, роҳу восита ва усулҳои ислоҳи масъаларо ҷустуҷӯву пешниҳод менамояд. Ӯ баробарии зану мардро эътироф намудаву таъкид доштааст, ки камбудии зан пеши мард фақат дар "аворизи ҷисмонӣ" аст ва ин асос намедиҳад, ки ҳаққу ҳуқуқи ӯро дар ҷомеа поймол созанд. Ҳамчунин, аз таҳлили ғояҳои иҷтимоии ӯ сари мушкилоти занони аморати Бухоро маълум мешавад, ки ақидаҳои мутафаккир сари ин масъала бар фалсафаи гуманизми иҷтимоии ӯ, ки хусусияти ислоҳотсозиву навоварӣ дорад, асос ёфтаанд.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. - Теҳрон: «Суруш», 1381 ҳ.ш.
2. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1. - Душанбе: Дониш, 1988. - 285 с.

3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. - Душанбе: Дониш, 1989. - 339 с.
4. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. - Душанбе: Сарват, 1992. - 98 с.
5. Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. - Душанбе, 1994. - 151 с.
6. Ашуров Г.А., Диноршоев М.Д. О просветитесьской социальной философии Ахмада Дониша // Известия общественных наук АН РТ, № 3, 1978 г.
7. Ҳайдаров А. Афкори педагогии Аҳмад Махдуми Дониш. - Душанбе: "Ирфон", 2011. - 159 с.

**Мирвайсов М.С.**
*старший научный сотрудник, заведующий отделом международных связей АН РТ*

# ПОЛИТИКА ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТАДЖИКИСТАНА УГРОЗЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ВОВЛЕЧЕНИЯ МОЛОДЕЖИ В РЯДЫ РАДИКАЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

Актуальность проблемы обусловлена современной геополитической обстановкой, ростом числа радикальных организаций в регионах мира и использования современных информационно-коммуникативных средств и технологий по привлечению молодежи в свои ряды. Все вышеуказанные обстоятельства, а также рост террористической угрозы в Центральной Азии вызывает острую необходимость выработки эффективных мер по противодействию радикализации молодежи. Использование современных информационно-коммуникативных средств стало основой для создания всемирной сетевой структуры радикальных организаций, что в свою очередь увеличивает их потенциала в нынешних условиях.

Следует отметить, что Интернет превратился в неотъемлемую часть жизни молодежи, тем самым предлагая широкий спектр новых возможностей для общения, развлечений и образования. Однако для террористов, экстремистов и приверженцев радикальных организаций Интернет стал основным средством пропаганды, средством вербовки и подготовки «новобранцев», а также платформой для создания глобальных онлайн-сообществ, целью которых является распространение радикальных взглядов. [1]

Возможности глобальной сети широко используются практически всеми крупными международными

[1] Материалы научно-практической конференции «Формы и методы противодействия распространению идеологии экстремизма и терроризма среди молодежи. Роль и задачи образовательных организаций», Москва, 26-27 ноября 2015 г.

террористическими структурами для информационно-пропагандистских целей с учетом ее доступности и популярности среди молодежи.

Согласно проведенного зарубежными специалистами анализа использования террористическими и экстремистскими организациями ресурсов глобальной сети Интернет, в 1998 году террористические структуры поддерживали в развивающейся на тот момент «всемирной паутине» всего 12 сайтов. Уже к 2005 году их насчитывалось около 4800, а в настоящее время, по оценкам экспертов, – около 10 тысяч. Кроме того, в сети функционирует большое количество новостных агентств и сайтов напрямую не связанных с террористическими организациями, но разделяющих их идеологию и оказывающих террористам поддержку в различных формах. Многие сайты специально постоянно меняют свой адрес, а в структуры экстремистских и террористических объединений все чаще входят специалисты, как правило, из числа молодых программистов, владеющие навыками компьютерного взлома и т.п.[2]

По мнению экспертов, террористические и радикальные организации также используют возможности активных интернет–блогеров, которые за свои услуги получают большие деньги.

Имеются данные о том, что на пространстве стран СНГ вербовкой занимаются почти 97 тысяч вербовщиков, более 5 тысяч вербовщиков на русском языке. А сайты, которые проводят информационно-пропагандистскую и экстремистскую деятельность и информационную пропаганду на пространстве СНГ более 57 тысяч, из которых удалось закрыть лишь 50 тысяч сайтов. Вербовка также осуществляется посредством специальных сайтов, а также сотовых телефонов на фейсбуке, одноклассниках, твиттере и в других блогах и сайтах.[3]

---

[2] Попова В.В. Методические рекомендации по совершенствованию пропагандистской работы в сфере противодействия распространению идеологии терроризма в субъектах российской федерации. Москва 2013. 46 стр

[3] Рахмонова А.С., Интервью корреспонденту медиа-клубу «Медиа-клуб «Согдиана», г.Душанбе, 2017 г. (http://sogdiana.tj/main/8701-o-sovremennyh-radikalnyh-ekstremistskih-i-terroristicheskih-organi-zaciyah-o-ih-vliyanii-na-bezopasnost-i-stabilnost-respubliki-tadzhikistan-i-centralnoy-azii.html)

По данным журнала «Мусульманский мир» для реализации информационной политики радикальных и террористических организаций в различные годы были созданы развитые медиа-структуры: в 2006 г. -«Аль-Фуркан» (ИГИЛ и «Аль-Каида»), в 2013 г. - «Айнад» и «Итисаам» (ИГИЛ), в 2014 г. «Аль-Хайят» (ИГИЛ), которые производят и распространяют контент на арабском, английском, немецком, русском и французском языках. Производимая им медиапродукция (видео, аудио и печатные материалы) нацелена на привлечение новых участников в террористическую группировку из западных и восточных стран. Также, специалистами привлеченных в террористические организации создаются аккаунты на различных языках в наиболее популярных социальных сетях: Facebook, Twitter, Instagram, Friendica и др., через которые распространяют необходимую информацию, ведут пропаганду и вербуют новых сторонников.

Эксперты также отмечают феномен «самовербовки», когда мышление пользователей глобальной сети в результате фиксированной обработки человеческого подсознания радикализуются, в результате чего они сначала симпатизируют, далее активно ищут контакты с представителями экстремистских и террористических структур.

Противодействия, пресечение, профилактика и блокировка экстремистских сайтов затруднена по той причине, что хостинг и размещение почти всех электронных ресурсов физически находятся за пределами территории стран центрально-азиатского региона. Общеизвестно, что кроме радикальных группировок, террористических и экстремистских организаций, есть заинтересованные силы, которые содействуют этим организациям в предоставлении хостинга, домена и сервиса и означает, что далеко не всегда субъектом этой подрывной деятельности выступают медиа-ресурсы радикальных и террористических организаций. Анализ показывает, что в отношении государств региона и партнеров ведется открытая информационная война, а радикализация наших граждан во многом является прямым результатом внешнего воздействия.

На данный момент можно уверенно говорить об экстремизме и терроризме, как о политических и социальных

взаимосвязанных явлениях и направленных на дестабилизацию целых государств и даже региона.

В Таджикистане в настоящее время насчитывается около трех миллионов пользователей Интернета, из большинство которых вольно или невольно получают доступ к материалам экстремистского характера. Некоторые молодые люди в недалёком прошлом из Таджикистана также имели свободный доступ для беседы на таджикском языке с участниками боев в Сирии из Таджикистана. Некоторые вербуемые из Таджикистана как раз попались к ним через эти сайты и телефонные звонки.

Республика Таджикистан последовательно реализует долгосрочную стратегию, направленную на искоренение радикализма и экстремизма в рамках «Национальной стратегии по борьбе с терроризмом и экстремизмом на 2016-2020 гг.». Стратегия нацелена на тщательном анализе факторов и тенденций в сфере экстремизма и радикализации в обществе, ведущих к терроризму на территории страны.

На первом этапе, ответственными государственными структурами разработан справочник об экстремистских и террористических организациях, включая их полный перечень, идейные платформы, описание различных методов вербовки и примеры организованных ими терактов.

В рамках Национальной концепции выпущены брошюры, созданы несколько интернет-сайтов на таджикском и русском языках, посвященные вопросам предупреждения и борьбы с радикализмом и экстремизмом. Разработаны и распространены бесплатные информационные пособия, постоянно ведутся просветительские лекции и семинары на тему "Ислам против террора", освещающие гуманистические идеи Корана и Сунны. Одним из основных пунктов, является предупреждение экстремизма и формирование культуры толерантности в религиозной среде.

Проводятся определенные работы по выявлению и блокировке сайтов, распространяющих экстремистские материалы усиливаются работы по созданию антиэкстремистских веб-сайтов.

Стратегия предполагает совместную работу всех ветвей власти, неправительственных организаций, экспертов и преподавателей с населением и всеми слоями общества, а также

усиление международного и регионального сотрудничества в области борьбы с терроризмом.

Решением Верховного Суда Республики Таджикистан от 15 апреля 2015 года 16 организаций признаны террористическими и экстремистскими и запрещена их деятельность на территории Республики Таджикистан: «Хизбут-тахрир», «Аль-Каида», «Исламское движение Восточного Туркестана», «Исламская партия Ӯзбекистана», «Талибан», «Братья — мусульмане», «Армия Тайиба», «Исламское общество Пакистан», «Джамъияти Таблигот», Религиозно-миссионерская организация «Созмони Таблигот», «Тоджикистони Озод», «Джамаат Ансарулах», «Салафия», «Группа 24», «Исламское государство», «Джабхат ан-Нусра» и ПИВТ.

МВД и ГКНБ РТ являются основными субъектами противодействия экстремистской деятельности, на которых возложены функции по выявлению, предупреждению, пресечению и раскрытию преступлений экстремистской направленности. На базе подразделений по борьбе с организованной преступностью созданы подразделения по противодействию экстремизму.

Руководство Таджикистана также осознает всю опасность деятельности экстремистских и террористических организаций, в том числе и вербовки новых членов, и реализует в связи с этим комплексные мероприятия различного уровня по борьбе с ней.

Выступая в мае 2018 года на международной конференции «Противодействие терроризму и насильственному экстремизму» в г. Душанбе, Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон подчеркнул «Одним из факторов развития экстремизма и терроризма является широкое использование террористическими организациями современных информационных технологий, в особенности интернет сетей, в целях пропаганды экстремизма, привлечения в свои ряды новых членов, их подготовки и стимулирования к разрушительным действиям. Исходя из этих соображений, укрепление международного и регионального сотрудничества, в том числе обмен информацией по действенным методам и способам прослеживания подобных сайтов, их удаление из сети интернета

и оказание взаимной помощи в этом направлении является важным условием успеха в борьбе с киберпреступностью»[4]

В настоящее время в Республике Таджикистан применяется многоуровневая система противодействия терроризму и вовлечению молодежи в радикальные организации.

**Первый уровень реализуется** за счет принятия новых и внесения изменений в уже существующие нормативные правовые акты.

Правовую основу общегосударственной системы противодействия терроризму составляют: Конституция Республики Таджикистан, общепризнанные принципы и нормы международного права, международные договоры Республики Таджикистан, конституционные законы, нормативные правовые акты, Стратегия национальной безопасности Республики Таджикистан до 2020 года, Концепция внешней политики Республики Таджикистан, Военная доктрина Республики Таджикистан, Концепция противодействия терроризму, а также нормативные правовые акты РТ, направленные на совершенствование деятельности в данной области.

Так, в Республике Таджикистан разработаны и приняты следующие основополагающие нормативные акты, регулирующие деятельность государственных структур в борьбе с терроризмом, экстремизмом и радикальными организациями:

-Закон Республики Таджикистан «О борьбе с терроризмом» был утвержден Президентом Республики Таджикистан 16 ноября 1999 г.

За историю существования Закона Республики Таджикистан «О борьбе с терроризмом», вносились несколько раз изменения и дополнения, в соответствии с меняющейся внутренней и международной ситуацией, а именно в 2005г., в 2007., в 2008г., в 2012г., в 2013г., в 2014г., в 2015г. и последний в 2018 г.

- Закон Республики Таджикистан «О борьбе с экстремизмом», № 69 г. Душанбе 8 декабря 2003 года;

- Закон Республики Таджикистан «О противодействии легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным

[4] Э.Рахмон. Выступление на Международной конференции “Противостояние терроризму и насильственному экстремизму”, г.Душанбе. 2018 г. (http://www.president.tj/ru/node/17565)

путем, и финансированию терроризма», № 684, г. Душанбе, 25 марта 2011 года.

Следующие имеющиеся соответствующие статьи УПК РТ и внесенные изменения и дополнения в нем касаются правонарушения с использованием информационных технологий:

- За вовлечение в совершение преступлений террористического характера или иное содействие их совершению с использованием сети интернета предусмотрено наказание от 10 до 15 лет лишения свободы. (Статья 179 (1)

- За публичные призывы к насильственному изменению конституционного строя РТ с использованием интернета предусмотрено наказание от 8 до 15 лет лишения свободы. (Статья 307)

- За организацию или участие в деятельности экстремисткой организации с использованием интернета предусмотрено от 5 до 8 лет лишения свободы. (Статья 307 (3)

- За подготовку или планирование агрессивной войны с использованием интернета предусмотрено наказание: от 5 до 10 лет лишения свободы. (Статья 395).

**Второй уровень—выявление и раскрытие преступлений экстремистского характера в сети Интернет и привлечения к административной и уголовной ответственности лиц, совершающих эти правонарушения.** Эти меры также являются эффективным направлением противодействия вовлечению молодежи в радикальные организации посредством Интернета, позволяющий сократить количество материалов экстремистской направленности в сети и привлечь к ответственности наиболее активных радикалов и рекрутёров.

**Третий уровень предусматривает проведения** профилактических работ, лекций и семинаров с населением, на базе образовательных организаций среднего и высшего образования по противодействию экстремизму с участием сотрудниками правоохранительных органов совместно с представителями Министерства образования и науки, Академии наук и других государственных учреждений Республики Таджикистан.

На этом фоне, по мнению экспертов, необходимо объективно исследовать причины и факторы, способствующие совершению

такого рода тяжких преступлений. Предлагается наряду с уголовно правовыми мерами необходимо улучшить и социально-экономические условия с учетом решения вопросов, связанных с безработицей, вовлечением граждан в обсуждение реальных проблем и особенно поддержки гражданских инициатив.

По статистике в Таджикистане в интернете сидит, в основном, молодое поколение - от 15 то 30 лет. Несовершеннолетние могут ставить лайк или делится постами, даже не зная сути публикации, и не подозревая, что противозаконно. В этой связи, наряду с уголовным преследованием активно ведутся разъяснительные работы среди различных социальных категорий таджикского общества. Учителя и профессорско-преподавательский состав в образовательных учреждениях и активисты общественных организаций совместно с представителями правоохранительных органов в рамках социального партнерства ведут существенную работу в обществе, особенно среди детей, подростков и молодёжи.

**Четвертый уровень — блокировка интернет ресурсов, содержащих экстремистские материалы.** Этот правовой механизм реализуется на основании Закона Республики Таджикистан «Об информации» (в редакции Закона РТ от 03.07.2012г.№848)

Статья 37. Недопустимость злоупотребления правом на информацию

Запрещается использование информации против основ конституционного строя и государственной безопасности, против информационной безопасности, в целях разжигания расовой, национальной розни, местничества, религиозной и языковой розни, войны, информации, призывающей к насилию, террористической и экстремистской деятельности, социальной вражде, посягательства на личность, права и свободы человека и гражданина, запрещается пропаганда и реклама безнравственного и аморального образа жизни (порнографии) (в редакции Закона РТ от 03.07.2012г.№848).

**Пятый уровень** – применение механизма прощения лиц, примкнувших к радикальным организациям, но не совершивших тяжких преступлений. Опираясь на миротворческий опыт нашей страны, который положительно оценен мировым сообществом, наряду с беспощадной борьбой против терроризма и

экстремизма, активно применяется механизм мирных способов и методов решений указанной проблематики. В результате совершенствования информационно-психологических, в том числе пропагандистских мер по профилактике терроризма и экстремизма, по некоторым данным с 2010 года наша страна вернула более 3000 граждан страны, обучавшихся в религиозных вузах за рубежом. Сотни лиц, выехавших неосознанно в зарубежные страны и примкнувших к радикальным организациям, были возвращены на Родину и применена амнистия в отношении указанного контингента.

С учетом этих факторов, в рамках регионального сотрудничества, считается целесообразным активизировать деятельность по противодействию терроризму и экстремизму в следующих направлениях:

1. Организация подготовки кадров мусульманского духовенства на территории РТ, которые могли бы объяснить верующим суть различных течений в исламе. Повышение религиозной грамотности, формирование духа взаимопонимания и терпимости между последователями религий, верующими и неверующими в обществе.

2. Усиленная работа научных организаций по усовершенствованию надлежащих методических и аналитических пособий по противодействию экстремизму.

3. Анализ и контроль процесса временного нахождения наших жителей в государствах с нестабильной военно-политической обстановкой, на постоянной основе правоохранительными органами.

4. Вводить в программу обучения во высших учебных заведениях, отдельные курсы по противодействию экстремизму и терроризму.

5. В региональном масштабе проводит ряд крупных студенческих и преподавательских образовательных и конкурсных мероприятий и программ во время зимних и летних каникул с целью нахождения оптимальных форм и методов противодействия современным нетрадиционным угрозам и вызовам безопасности среди студенческой молодёжи и учащихся старших классов образовательных школьных учреждений.

6. Применить на практике опыт Республики Таджикистан по возвращению и прощения лиц, примкнувших к радикальным

организациям, но осознавшим свои ошибки и обманным путем вывезенных в конфликтные зоны.

Главный вывод из всего сказанного и тех процессов и тенденций, происходящих в мире, в различных регионах приводит к мысли, что ни одно государство в ближайшие годы не может оставаться в стабильности и спокойствии, и обеспечить собственную безопасность нежели чем в составе единого регионального пространства и более масштабного интеграционного объединения, и союза по созданию единой системы коллективной безопасности на центрально-азиатском пространстве.

В этом плане опора на коллективные меры и действенное сотрудничество с проверенными и надежными стратегическими партнерами, как и прежде, будет составлять основное содержание внешней политики Республики Таджикистана.

## Литература


1. Материалы научно-практической конференции «Формы и методы противодействия распространению идеологии экстремизма и терроризма среди молодежи. Роль и задачи образовательных организаций», Москва, 26-27 ноября 2015 г.
2. Попов В.В., Методические рекомендации по совершенствованию пропагандистской работы в сфере противодействия распространению идеологии терроризма в субъектах российской федерации. Москва 2013. 46 стр
3. Рахмонова А.С., Интервью корреспонденту медиа-клубу «Медиа-клуб **«Согдиана», г.**Душанбе, 2017 г. (http://sogdiana.tj/main/8701-o-sovremennyh-radikalnyh-ekstremistskih-i-terroristicheskih-organizaciyah-o-ih-vliyanii-na-bezopasnost-i-stabilnost-respubliki-tadzhikistan-i-centralnoy-azii.html)
4. Э.Рахмон. Выступление на Международной конференции “Противостояние терроризму и насильственному экстремизму”, г.Душанбе. 2018 г. (http://www.president.tj/ru/node/17565)
5. Старостин А., Идеологические истоки ИГИЛ, практики агитации и методы информационного противодействия радикалам, «Мусульманский мир», №4, г.Казан, 2015 г.
6. Надин Б. Таджикистан переходит на новый этап стратегии по борьбе с терроризмом, 2017 г. (http://central.asia-news.com/ru/articles/cnmi_ca/features-/2017/01/10/feature-01)

**Раҳимов Б.**
*муҳаққиқ*

# ИФРОТИШАВИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ: ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН

Раванди ба хориҷа сафар кардани муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ асосан баъди барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ шуруъ гардида, солҳои минбаъда афзоиш ёфт. Ҳар сол ҳазорон шаҳрвандони Тоҷикистон бо мақсади ёфтани кори мувофиқ ва ба даст овардани даромади молиявӣ ба хориҷа мераванд. Бештар аз 90 фоизи муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ ба Федератсияи Русия сафар мекунанд. Масалан, тибқи маълумоти мақомоти муҳоҷирати Русия, дар моҳи майи соли 2015 дар ҳудуди Федератсияи Русия 990 275 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон мавҷуд буданд. Аз онҳо аз руйи нишондоди ҷинсию синнусолӣ аз ҳама бештар мардони ҷавони қобили меҳнат мебошанд (411 615 нафар).

Тибқи маълумоти расмии мақомоти федералии муҳоҷирати Русия, дар соли 2016 тақрибан 1 млн. шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия қарор доштанд. Аз рӯйи ин нишондод Тоҷикистон танҳо баъди Ӯзбекистон қарор дорад. Дар кишварҳои дигари қабулкунандаи муҳоҷират саҳми муҳоҷирони тоҷикистонӣ кам аст.

Бештари муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ самтҳои Москва, Санкт-Петербург, Урал ва Сибирро интихоб мекунанд. Сабаби асосии интихоби Русия барои фаъолияти муҳоҷирати меҳнатӣ ба баъзе афзалиятҳо нисбати кишварҳои дигар, аз ҷумла мавҷудияти диаспораи бузурги тоҷикон дар Русия, робитаҳои мавҷудбуда, маоши нисбатан баланд, пештар дар як давлат (Иттиҳоди Шуравӣ) будан, наздик будани тоҷикон ба фарҳанг ва забони русӣ, режими бераводид, мавҷудияти хати парвози мустақим, поезд, эҳтиёҷоти баъзе соҳаҳои иқтисоди Русия ба қувваи кории арзони муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, вобастагӣ дорад.

Соҳаҳои асосии фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ дар Русия савдо, сохтмон, нақлиёт, хоҷагии коммуналӣ, хизматрасонии маишӣ мебошанд. Сабабҳои асосии мушкил шудани вазъияти муҳоҷирони меҳнатӣ солҳои охир шадидтар шудани қонунгузории Русия, паст шудани даромади молиявӣ, зиёд шудани хароҷот барои таҳия кардани ҳуҷҷатҳои буду боши муҳоҷирон, ҷой доштани ҳолатҳои коррупсионӣ дар системаи ҳифзи ҳуқуқ, муомилаи дискриминатсионӣ дар ҷомеаи кишвари қабулкунанда, вайрон кардану поймол намудани ҳуқуқи муҳоҷирон аз тарафи баъзе корфармоён мебошанд.

Маблағҳое, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватан мефиристанд дар иқтисоди Тоҷикистон нақши муайян доранд. Вобаста ба ин дар доираи барномаҳои мухталифи давлатию ғайриҳукуматӣ соҳибкориҳои хурд ташкил дода шудаанд, ки ба таври максималӣ ва самаранок ин пулҳоро ба иқтисоди Тоҷикистон ҷалб созанд.  Аммо муҳоҷирати меҳнатӣ агар натиҷаи хуби иқтисодӣ дошта бошад ҳам, лекин оқибатҳои бади иҷтимоӣ-психологӣ ҳам дорад. Вайрон шудани оилаҳо, беназорату бе тарбияи дуруст мондани кӯдакон, аз таҳсил дур мондани онҳо ба ин мисол шуда метавонанд.

Барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия асосан мардҳои синну соли дорои қобилияти корӣ мераванд. Намояндагони қариб тамоми касбу корҳо барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба он кишвар сафар мекунанд. Солҳои охир шумораи занони муҳоҷир (тақрибан 20 фоизи шумораи умумии муҳоҷиронро ташкил медиҳад) низ зиёд мегардад.

Қисми бештари муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои қабулкунанда, аз ҷумла Русия ба мушкилӣ дучор мегарданд. Омилҳои осебпазирии муҳоҷирони тоҷикистонӣ ва мушкилиҳо дар ин самт ба ҳам алоқаманд буда, дар тамоми тӯли маршрути муҳоҷират ва даврахои мухталифи он (то сафар, дар роҳ ба кишвари қабулкунанда, ҳангоми мавҷудият дар он кишвар ва зимни гузаштан аз сарҳад ё транзит)  ба миён меоянд. Омилҳои осебпазирии ба ҳам алоқаманде, ки муҳоҷирон ба онҳо бештар дучор мешаванд, маълум карда шудаанд, ки сатҳи пасти маълумоту касбият, мақоми пасти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

Вазъияти бади муҳоҷирон ба ҷой доштани коррупсия дар сохторҳои дахлдори кишвари қабулкунанда (мақомоти

политсия, хадамоти муҳоҷират, неруҳои ҳифзи сарҳад), мавҷудияти миллатгароӣ ва бегонаситезӣ (ксенофобия), ҷинояткорӣ, қаллобии баъзе корфармоён бештар вобастагӣ дорад. Умуман, мушкилиҳои асосии муҳоҷирони меҳнатӣ муомилаи бади як қисми кормандони политсия ва сарҳадчиён ва тамаъҷӯии баъзеи онҳо, душвории дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ, мураккабиҳои маъмурӣ, шароити бади меҳнат, набудани ҳифзи иҷтимоӣ, шароити бади истиқомат, хатари мавриди меҳнати маҷбурӣ қарор гирифтан, набудани шартномаҳои меҳнатӣ, дар баъзе ҳолатҳо сари вақт пардохт нашудани маош, пардохт нашудани музди иловагии меҳнат ва инчунин мавриди ҳуҷуми миллатгароёну неофашистон қарор гирифтани онҳо мебошанд. Мушкили дигар он аст, ки дар баъзе воситаҳои ахбори умуми кишвари қабулкунанда муҳоҷирони тоҷикистониро аз ҷиҳати манфӣ инъикос мекунанд. Чунин ҳолат муносибати аҳолии муқимиро нисбати онҳо бадтар менамояд ва амалҳои ҷинояткоронаи гурӯҳҳои миллатгаро ва нажодпарастро нисбати муҳоҷирон таҳрик медиҳад.

Дар баробари ин, тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бештари муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ забони русиро хуб намедонанд, аз қонунҳои Федератсияи Русия ва ҳуқуқҳои худ дуруст огоҳ нестанд, дараҷаи донишу касбияташон паст аст. Аксарияти муҳоҷирони меҳнатие, ки барои кор ба Русия мераванд, аҳолии деҳоти Тоҷикистон мебошанд, ки якбора вориди шаҳрҳои бузург мегарданд. Дар натиҷа ҳангоми кору истиқомат дар Русия аз сабаби тафовут доштани менталитету психология, фарҳангу одатҳо, тарзи тафаккуру фаҳмишашон бо аҳолии муқимии шаҳрҳои бузург ба мушкилот дучор мегарданд.

Баъди соли 2012 Федератсияи Русия ба қонунгузорӣ дар самти муҳоҷират тағйиротҳои назаррасе ворид кард, ки сабабгори сахттар шудани вазъи муҳоҷирон шуд. Дар натиҷа шумораи муҳоҷирони депортшуда зиёд гардид. Сиёсати сахтгирона нисбати муҳоҷирон бо ташаббуси мақомоти федералии муҳоҷират ба роҳ монда шудааст. Масалан, соли 2012 мақомоти дахлдори Русия 3927 шаҳрванди Тоҷикистонро бо сабабҳои гуногун депорт кардааст. Бояд қайд кард, ки вазъи муҳоҷирон хусусан дар шаҳрҳои бузурги ин кишвар нисбат ба минтақаҳо душвортар аст.

Яке аз сабабҳои мушкил гардидани муҳоҷирати меҳнатӣ ҷорӣ шудани системаи “патент” мебошад. Инчунин қонуни нав донистани забони русиро талаб мекунад. Гирифтани “патент” барои муҳоҷирон хароҷоти зиёдатиро пеш овард. Ислоҳи иловагӣ (моддаи 26 Қонуни федеролӣ аз соли 1996 N 114-ФЗ “Дар бораи ворид намудани тағйиротҳо ба моддаи 26-и Қонуни федеролӣ “Дар бораи тартиби хориҷ шудан аз ФР ва ворид шудан ба ФР” декабри соли 2012 аз тарафи Думаи давлатии ФР қабул гардидааст. Тибқи ин қонун, баъди буду боши пештара дилхоҳ шаҳрванди хориҷӣ вобаста ба дилхоҳ вайронкунии қонун ба муддати 3-5 сол аз ҳуқуқи воридшавӣ ба Русия маҳрум мегардад. Августи соли 2013 ба ин қонун тағйирот ворид шуда, он боз ҳам шадидтар гардид.

Як мушкилии дигар он аст, ки муҳоҷири меҳнатӣ аксар маврид дар хусуси воридулмамнуъ буданаш бехабар мемонад, зеро он ба қарори суд ё мақомоти федералии муҳоҷират асос наёфтааст ва танҳо ҳангоми ворид шудан аз сарҳади Русия огоҳ мешавад. Ин ҳолат саргардонӣ ва хароҷоти зиёдатии муҳоҷиронро ба миён меорад. Манбаи иттилооти Русия, ки аз он ҷо руйхати шахсони воридулмамнуъро фаҳмидан мумкин аст, хатогиҳои зиёд дорад.

9 августи соли 2013 Қонун “Дар бораи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия ва актҳои қонунгузории алоҳидаи ФР” ба амал оғоз намуд, ки ба қонунҳои оиди муҳоҷират ва қоидавайронкуниҳои маъмурӣ ислоҳот ворид намуд. Тибқи он, ҷазо барои вайрон кардани қоидаи муҳоҷират ба таври назаррас шадид гардид. Масалан, дилхоҳ вайронкунии қонун дар бораи муҳоҷират дар шаҳри Москва, вилояти Москва, шаҳри Санкт–Петербург ё вилояти Ленинград (маҳз ба ҳамин минтақаҳо шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии ҶТ мераванд) боиси аз ФР маҷбурӣ депорт шудан ва ҷарима ба андозаи 5000 рубл мегардад. Ислоҳоти қонунҳо оиди муҳоҷират бештар ба муҳоҷирони осебпазир, аз ҷумла занону кӯдакон таъсир гузошт. Иҷрои қонунҳои мазкур ба вайрон шудани ҳуқуқ барои гирифтани маълумот ва принсипи пайвастшавии оила оварда расонд.

Солҳои охир дар изҳороти роҳбарони расмии баъзе шаҳру минтақаҳои кишвари қабулкунанда беасос омили асосии ҷинояткорӣ муҳоҷирон ҳисобида шуданд. Ҳол он ки тибқи

маълумоти расмии Прокуратураи Федератсияи Русия, ҳамагӣ 2 фоизи ҷиноятҳои дар Русия содиршуда аз тарафи муҳоҷирон анҷом ёфтааст. Дар баробари ин, масалан дар соли 2013 аз 926 ҷинояти нисбати хориҷиён содиршуда ягон нафар ба ҷавобгарӣ кашида нашудааст. Ҳокимиятҳо дар минтақаҳо чунин оморро ба назар намегиранд.

Русия Конвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории фаромиллии муташаккил ва Пртоколи Палермо дар бораи огоҳсозӣ ва пешгирии савдои одамон, хусусан занону кӯдаконро дар соли 2004 ратификатсия кардааст. Мутаносибан, моддаи 127.1 (савдои одамон) ва моддаи 127.2 (истифодаи меҳнати ғуломӣ) ба Кодекси ҷиноии ФР ворид карда шудааст. Аммо ҳолатҳои аз тарафи баъзе корфармоён истисмор гардидани муҳоҷирони меҳнатӣ ва меҳнати маҷбурии онҳо ҷой доранд. Зимни баррасии парвандаҳо аз тарафи судҳо дар аксар мавриҳо ҳуқуқи муҳоҷирон вобаста ба истифодаи хизмати тарҷумон ва гирифтани ёрии ҳуқуқӣ поймол мегардад. Дар натиҷа дар аксар мавридҳо муҳоҷирон депорт мешаванд ва ҳатто ҳабс мегарданд. Муҳоҷирон-занон ҳам мисли муҳоҷирони мард ба душвориҳо мунтазам дучор мегарданд. Дар баробари ин, мушкилоти занон аз он ҳисоб дучандон мегардад, ки онҳо дар секторҳои дорои музди камтар кор меёбанд (савдои чакана, хӯрокпазӣ, хизмат дар банкетҳо, рубучин ва нигоҳубини хона ва ғ.).

Аз якуми январи соли 2015 тағйиротҳо дар қонунгузории ФР (уҳдадор кардани муҳоҷирон барои сафар ба Русия бо паспорти хориҷӣ, супоридани имтиҳон аз забони русӣ, васеъ сохтани системаи патент ба навъҳои дигари муҳоҷирон, шадид намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунҳо) ба вазъи муҳоҷирон таъсири амиқ гузоштанд. Дар натиҷа, тибқи маълумоти Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, С. Тағойзода, дар моҳи майи соли 2015 шумораи муҳоҷироне, ки барои вайрон кардани қоидаҳои будубош воридшавиашон ба Русия мамнуъ гардидааст, 276 ҳазор нафарро ташкил медод. Афзоиши шумораи шахсоне, ки воридоташон ба ФР мамнуъ шудааст, мушкилии ҷиддӣ мебошад ва ин масъала бештар дар рафти гуфтушунидҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Русия муҳокима мегардад.

Ҳар сол тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Русия тақрибан як ҳазор

шаҳрвандони Тоҷикистон вафот мекунанд. Бештари онҳо дар натиҷаи бемори̣, шароити бади кору зиндагӣ, муноқишаҳо ҳалок мегарданд, лекин ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки муҳоҷирон аз тарафи гурӯҳҳои ҷиноятӣ ва миллатгаро кушта мешаванд.

Дар шаҳрҳо ва минтақаҳои Русия диаспораҳои бузурги тоҷикон аз ҳисоби онҳое, ки аз замони барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ то имрӯз шаҳрвандии Русияро қабул кардаанд, ташкил ёфтааст. Ғайр аз ин дар ҳудуди Русия ташкилотҳо ва ҷамъиятҳои миллии тоҷикони муқими ин кишвар созмон ёфта, фаъолият мебаранд. Фаъолияти ин ташкилотҳо барои беҳтар сохтани шароити кору зиндагӣ, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон, нигоҳдории арзишҳои фарҳангии онҳо равона гардидааст. Ташкилотҳои мазкур ва лидерони диаспораҳо дар ҳамоҳангӣ бо сохторҳои марбутаи субъектҳои Русия амал менамоянд. Ҳамкориҳои сохторҳои давлатию ҷамъиятии Тоҷикистон бо ин ташкилотҳо низ ба роҳ монда шудаанд.

Бо вуҷуди ҷой доштани мушкилиҳо раванди интегратсияи муҳоҷирони тоҷикистонӣ (хусусан онҳое, ки мавсимӣ нестанд) бо ҷомеаи Русия идома дорад. Як қисми муҳоҷирони ҷавони тоҷик бо шаҳрвандони Русия оила барпо мекунанд. Фарзандони муҳоҷирон дар мактабҳои миёна ва олии он кишвар таҳсил мекунанд. Вақтҳои охир шумораи тоҷикистониҳое, ки дар сафи қувваҳои мусаллаҳи Русия хизмати ҳарбӣ мекунанд, меафзояд. Инчунин шумораи муҳоҷирони тоҷике, ки аз ҳисоби фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкориашон даромадҳои хубтари молиявӣ гирифта дар Русия манзилҳои истиқоматӣ мехаранд, соҳиби бизнеси худ мешаванд, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермаю корхонаҳо бунёд мекунанд, зиёд мегардад. Сарчашмаҳои асосии даромади муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ дар Русия пеш аз ҳама фаъолият дар системаи савдо, истеҳсолот ва сохтмон мебошад.

Новобаста ба камбудиҳои ҷойдошта сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии Федератсияи Русия дарк менамоянд, ки мавҷудияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин кишвар ниҳоят муҳим аст. Зеро маҳз муҳоҷирони меҳнатӣ дар як қисми соҳаҳои иқтисоди Русия бо музди кам фаъолият доранд. Корҳоеро, ки муҳоҷирони меҳнатӣ анҷом медиҳанд, шаҳрвандони худи Русия намекунанд. Яъне, рушди минбаъдаи баъзе соҳаҳои иқтисод, сохтмон, саноат, нақлиёт ва савдои Русияро дар солҳои минбаъда бе иштироки муҳоҷирони меҳнатӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Аз ин

рӯ, мақомоти ФР барои ба танзим даровардани раванди муҳоҷират ва аз байн бурдани душвориҳо кӯшиш менамояд.

Сохторҳои дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия шаклҳои зарурии ҳамкориро дар самти муҳоҷират ба роҳ мондаанд, аммо мушкилиҳо то ҳанӯз боқӣ мемонанд. Ҳуҷҷати асосии батанзимдарорандаи муносибатҳои Тоҷикистону Русия дар самти муҳоҷират созишномаи байниҳукуматӣ “Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия” мебошад, ки соли 2004 ба имзо расидааст. Якчанд бандҳои ин созишнома то ҳанӯз иҷро нагардиданд ва оиди онҳо гуфтушунид то ҳоло идома дорад. Аз ҷумла, ин ҳолат ба масъалаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва таъйини нафақа ба муҳоҷирони меҳнатӣ дахл дорад. Хадамоти муҳоҷирати ҶТ фаъол шуда, чораҳо оиди огоҳонидани муҳоҷирон то ба Русия сафар карданашон, баланд бардоштани сатҳи донишу фаҳмишу забондонӣ ва касбияти онҳо андешида шудаанд. Инчунин ҳамкориҳои Ҳукумати Тоҷикистон бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналхалқӣ низ дар самти муҳоҷират беҳтар ба роҳ монда шуда, ақидаи онҳо зимни қабули қонунҳо ва таҳияи барномаҳо ҷиҳати дастгирии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо ба назар гирифта шудааст.

Муҳоҷирони меҳнатӣ дар Русия контингенти доимӣ барои созмону гурӯҳҳои динии радикалӣ мебошанд, ки онҳоро барои фаъолиятҳои террористӣ ҷалб месозанд. Мусоҳиба бо коршиносон ва тадқиқоти сотсиологӣ робитаи мураккаби муҳоҷиратро бо ифротгароӣ нишон медиҳад. Дар натиҷаи тадқиқот маълум шудааст, ки робитаи муҳоҷирати меҳнатӣ бо ифротгароӣ ба чанд омили осебпазир марбут аст: бад шудани вазъи иқтисодию иҷтимоии муҳоҷирон, дар натиҷа паст шудани арзишҳо, ба миён омадани нобоварӣ ба органҳои давлатӣ ва бегонашавӣ аз ҷомеа, зери таъсири таблиғоти созмонҳо ва шахсони ифротӣ қарор гирифтани муҳоҷирон. Бад шудани ҳолати муҳоҷирон, дар ҳолати ғайрирасмӣ қарор гирифтан ва ба миён омадани номуайянӣ дар зиндагии минбаъда онҳоро ба ифротгароӣ метавонад барад. Муҳоҷирон вобаста ба мушкилоташон қишри нисбатан осебпазир буда, метавонанд ба осонӣ қурбонии таблиғоти идеологии ифротиён ва таблиғгарони фаъоли созмону гурӯҳҳои экстремистӣ ва рӯҳониёни алоҳидаи мутаассиб гарданд.

Сабабҳои иқтисодии ба ифротгароён пайвастани муҳоҷирони меҳнатӣ дар натиҷаи наёфтани кори дуруст ва таъмин карда натавонистани хонавода бад шудани ҳолати оилавию шахсӣ ва ба вуҷуд омадани эҳсоси набудани роҳи ҳалли мушкилоти молиявӣ мебошад.

Сабабҳои иҷтимоӣ дар муҳоҷири меҳнатӣ ин дар натиҷаи бад шудани ҳолати иқтисодӣ ба вуҷуд омадани эҳсоси «беадолатии иҷтимоӣ», маҳдудияти маълумотнокӣ ва набудани имкониятиислоҳи вазъ мебошад.

Сабабҳои идеологӣ ин ба вуҷуд омадани вокуниши манфии муҳоҷири меҳнатӣ ба дунявияти ҷомеа, таблиғоти мақсадноки динӣ, мавҷудияти рӯҳониҳои таблиғгари мутаассиб ва намояндагони шохаҳои исломи радикалию ғайрианъанавӣ дар масҷидҳо ва дигар ҷойҳое, ки муҳоҷирон ташриф меоранд, мебошад.

Ба ақидаи коршиносон, иқтидори ифротишавӣ вақте ба сатҳи баландтарини худ мерасад, ки омилҳои объективӣ (иҷтимоӣ-иқтисодӣ) ва субъективӣ (психологӣ) дар як вақт ба муҳоҷире таъсир мекунанд, ки имконияти муроҷиат ба ёрии беруна надорад (бегонашавии муҳоҷир аз давлат ва ҷомеа) ва зери таъсири таблиғгароёни радикалӣ қарор мегирад. Коршиносон қайд мекунанд, ки раванди ифротишавӣ дар давраҳои мухталифи муҳоҷират метавонад ба вуқуъ ояд. Онҳо ба нақши ҳалкунандаи миёнаравҳо таъкид месозанд, ки мавриди боварии муҳоҷиронанд (ё боварии онҳоро соҳиб мегарданд) ва шароити мувофиқи амнро барои паҳнсозии ақидаҳои ифротӣ фароҳам меоранд. Миёнаравҳо дар аксар маврид худи муҳоҷиронанд, ки омилҳои осебпазирии муҳоҷирон, бадшавии вазъи иқтисодӣ, бегонашавӣ аз давлат, пастшавии эҳсоси шаъну шараф, бегонашавӣ аз ҷомеаро барои ифротигардонии муҳоҷирони дигар истифода мебаранд. Онҳо ҳал кардани мушкилоти молиявӣ ва расондани ёрӣ, аз ҷумла муҳоҷират ба кишварҳои сеюмро пешниҳод менамоянд. Муҳоҷирон кори дуруст ва дигар воситаи беҳтар сохтани зиндагӣ ва таъмини оиларо намеёбанд ва дар онҳо ҳисси беадолатии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ пайдо шуда метавонад. Чунин ҳиссиёт баъдтар метавонад аз тарафи радикалҳо чунон шарҳи динии ифротӣ дода шаванд, ки дар онҳо ниҳодҳои ҳукуматӣ ҳамчун душман тасвир меёбанд. Чунин муҳоҷирон, ки аз ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеа рӯ

тофтаанд, аз тарафи радикалҳо пайгирӣ мешаванд ва ин ҳолат давраи охирест, ки онҳоро барои пайвастан ба гурӯҳҳои радикалӣ тела медиҳад.

Пештар то саршавии буҳрони молиявӣ ва таҳримҳо муҳоҷирон дар назди оилаҳояшон масъулияти баланд эҳсос мекарданд. Лекин ин ҳолат метавонанд тағйир ёфта, эҳсоси рӯҳафтагии шахсӣ аз сабаби набудани пешравӣ ё бадшавии ҳолати иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо аз даст додани мақоми расмӣ, муҳоҷирро маҷбур мекунад, ки аз хориҷи ҷомеаи этникӣ ва касбӣ ёрӣ пурсад. Чунин дарки иҷтимоӣ метавонад баъдтар ба шакли барҷастаи таблиғи динӣ гузарад, ки дар он воқеияти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳақиқӣ бо ёрии шарҳи радикалии ақидаҳои динӣ фаҳмонда мешаванд.

Дар Русия муҳоҷиронро дар вақти ташриф овардан ба масҷид, инчунин баъзеашонро дар бозору фурӯшгоҳҳо, яъне ҷойҳое, ки шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ мавҷуданд, ба сафҳои худ ҷалб мекунанд. Ҷалбкунандагони ифротӣ бо муҳоҷирон суҳбат мекунанд, ба онҳо ёрии худро пешниҳод менамоянд, бо онҳо робита барқарор карда, таблиғи "исломи пок"-ро шуруъ мекунанд, китобҳои гӯё ҳақиқиро барои хондан медиҳанд, пешниҳод мекунанд, ки дигар ба масҷид нараванду ба ҷамъомадҳои "мусулмонҳои ҳақиқӣ" дар манзилҳои алоҳида раванд. Болоравии омили мазҳабишавӣ дар байни муҳоҷирон ва донишҳои нодурусти онҳо дар бораи ислом ба он мусоидат мекунад, ки муҳоҷирон ба осонӣ аз тарафи эмиссарҳо ҷалб карда мешаванд.

Лекин бештар ҷалбкунии муҳоҷирон ба воситаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин баромадҳои рӯҳониёни радикалӣ дар масҷидҳои ғайрирасмӣ ва хонаҳои ибодаткунӣ амалӣ мегардад. Ба афзоиши ҷонибдорони идеологияи радикалӣ проблемаҳои ҷиддӣ, аз ҷумла таасуби динӣ, бекорӣ ва қашшоқӣ, конфликтҳои этникӣ мусоидат менамоянд. Ҷалбкунандагон бунёди "давлати боадолатона" ва маошҳои баландро ваъда медиҳанд.

Ташкилотҳои террористӣ дар Русия системаи мукаммали ҷалбкунии ҷавононро созмон додаанд. Радикалҳо ба муҳоҷирони ҷалбшаванда ҷомеаи боадолатона ва дар сурати кушта шудан биҳишти баъди марг ваъда медиҳанд. Умуман, ҳар нафарро вобаста ба вазъияту хоҳишҳояш ҷалб менамоянд ва аз

заифиҳои одамон истифода мекунанд. Ҷалбкунӣ маъмулан тавассути интернет сурат мегирад. Мутахассисони ташкилотҳои ифротӣ қурбонии эҳтимолии худро меҷӯянд ва агар нафари мехостагиашон бо онҳо робита кард, ӯро таълим медиҳанд, тренингҳо мегузаронанд, баъд радикалҳо аз кишварҳои хориҷӣ ба ин амал ҳамроҳ мегарданд, то нафари ҷалбшударо ба хориҷа интиқол диҳанд.

Дар мубориза зидди ифротгароӣ сохторҳои амниятӣ ва қудратӣ нақши калидӣ доранд ва кӯшиш мекунанд, ки ин хатарро бо роҳи аз байн бурдани гурӯҳҳои экстремистӣ, эмиссарҳо ва миёнаравҳои онҳо ба сифр баробар созанд, инчунин сарчашмаҳои идеологии ин равандро маҳв намоянд.

Аммо барои самаранокии мубориза зидди ифротгароӣ андешидан ва татбиқ кардани маҷмӯи чорабиниҳо бо иштироки тамоми сохторҳо ва ҷомеа зарур мебошад. Аз ҷумла, дар ин самт ба роҳ мондани фаъолияти дурусти ниҳодҳои давлатию ҷамъиятии оид ба масъалаҳои дин, муассисаҳои шуғл ва хизматҳои сотсиалӣ муҳим мебошад. Бояд диққати бештар ба маҷмуи васеи омилҳои осебпазирии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки барои паҳншавии идеяҳои радикалӣ миёни муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат мекунанд, дода шавад.

Хулоса, бо назардошти он ки раванди муҳоҷират мураккаб боқӣ монда, ифротишавии муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ дар кишварҳои қабулкунанда, хусусан Русия идома дорад, амалӣ кардани маҷмуи чорабиниҳо барои бартарафсозии мушкилот зарур аст. Идома додани ҳамкориҳои муфиди Тоҷикистону Русия дар самти муҳоҷират, фаъолияти самараноки сохторҳои дахлдори давлатию ҷамъиятии ҳар ду кишвар дар самти пешгирии ифротгароӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва иштироки фаъолонаи ҷомеа дар ин раванд зарур мебошад.

**Мирзоёров ФИРДАВС**
*номзади илмҳои филологӣ*
**Латифов КОМИЛ**
*магистри соли дуюми ихтисоси ҳуҷҷатнигорӣ ва таъминоти ҳуҷҷатии идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ХУСУСИЯТҲОИ САРФИИ ВОЖАҲОИ МАРБУТИ ҲУҶҶАТГУЗОРӢ ДАР «ЛУҒАТИ НИМТАФСИЛАИ ТОҶИКӢ БАРОИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК»

Пас аз мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар корхонаву идора ва муассисаҳо ба забони давлатӣ ба роҳ монда шуд. Давра ба давра шеваи нигориши санадҳо тағйир ва такмил меёбад. Имрӯз олимону мутахассисон оид ба нигориши ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ ба забони тоҷикӣ дастурҳо иншо намуда, намунаи ҳуҷҷатҳо ва санадҳои коргузориро пешниҳод мекунанд, ки ин марҳилаи нав дар ҳуҷҷатнигории тоҷик мебошад.

Дар илми забоншиносии муосир омӯзиши баррасии забони ҳуҷҷатҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб мебошад. Дар ин раванд аз таҷрибаи адибон ва олимони гузашта ва муосир истифода намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

Мавзӯи дар ин мақола таҳлил ва баррасишаванда хусусиятҳои сарфии вожаҳои марбути ҳуҷҷатгузорӣ дар «Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ мебошад.

Марҳилаи нави инкишофи забони адабии тоҷикӣ, ки ба ибтидои солҳои 20 асри XX рост меояд, ба устод фаъолияту пайкори Садриддин Айнӣ пайванди ногусастанӣ дорад, зеро устод ҳамчун соҳибзабон на танҳо донанда ва муҳофизи забони тоҷикӣ, балки поягузори аксари бахшҳои забоншиносии тоҷик мебошанд, ки ҳуҷҷатгузориву ҳуҷҷатнигории низ марбути он аст.

Дар солҳои 30-юми асри гузашта баҳс дар атрофии забону фарҳанги тоҷикӣ зиёд мегардад. Устод Айнӣ барои барҳам додани чунин баҳсҳо соли 1938 «Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ

барои забони адабии тоҷик»-ро менависанд, ки нахустин луғати тафсирии дар замони нав ҳам мебошад.

Аз рӯйи таҳқиқоти анҷомшуда, асари мазкур шартан «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» номгузорӣ шудааст. Саҳеҳтараш таҳиягарон ва ноширони ин луғат аз рӯйи нусхаи мусаввада ин номро гузоштаанд. Дар ин асари пурарзишу ҳамзамон муҳими устод Айнӣ калимаву ибораҳои зиёда аз 30 соҳа шарҳу тафсир шудааст [1,6]

Барои инъикос намудани масъалаи мазкур ба тадқиқи маъноӣ ва сохтории калимаву истилоҳи соҳаи хуҷҷатгузорӣ дар фарҳанги тафсирии мазкур мепардозем.

Вожаи «ҳуҷҷат»-ро устод С. Айнӣ ба ду калима тафсир намудаанд, аммо на ба маънои истилоҳии ин вожа. Устод тафсир кардаанд, ки: «Ҳуҷҷат- далел, бурҳон [4,545]. Калимаи «ҳуҷҷат» аз чиҳати сохт сода буд дар калимасозии забони муосири тоҷикӣ фаъол будани ин калимаро вожа ва истилоҳоти: *ҳуҷҷатгузор, хуҷҷатгузорӣ, хуҷҷатнигорӣ, ҳуҷҷатсозӣ, ҳуҷҷатӣ* ва ғайра собит мекунанд.

Дар забони адабии муосири тоҷик, алалхусус дар услуби коргузорӣ ва умуман, ҳуҷҷатнигорӣ калимаҳои зиёде истифода мешаванд, ки дар таркиби луғавӣ ва калимасозии забони муосирии тоҷикӣ фаъолу муассиранд. Калимаҳои *гувоҳнома, гузоришнома, дастур, дастурамал* аз ҳамин гурӯҳанд ва дар фарҳангии тафсирии мураттабнамудаи устод С. Айнӣ ҳам мавҷуданд. Масалан, калимаи «дастур»-ро устод Айнӣ ҳамчун истилоҳи соҳаи коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар маънои дуюм ва сеюм тафсир намудааст: «Дастур- 1. вазир.2. иҷозат, рухсат.3. қоида, қонун, тарз, равиш [4,96]].

Дар забони адабии тоҷик як гурӯҳи калони исмҳоро аз ҷиҳати таркиби сарфӣ, исмҳои мураккаб ташкил медиҳанд. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» оид ба калимасозии ин гурӯҳи морфологии исмҳо қайд шудааст, ки «Дар забони адабии тоҷик тарзи тобеъ сермаҳсултарин қолиби калимасозии исм ба шумор меравад. Дар исмҳои мураккаби тобеъ яке аз ҷузъҳои калима асосӣ буда, дигаре ба он тобеъ аст» [2,122]. Дар асари мавриди таҳқиқи мо вожаҳои истилоҳии мураккаби: *дастовез, коргузор* ба назар расид, ки ҳарду аз исму асосҳои феъл сохта шудаанд.

Калимаҳои «дафтар» ва «девон» ба маъноҳои якуму дуюму чорум шарҳ додааст: «Дафтар- 1. китоби ҳисобнависӣ. 2. қоғазҳои нонавиштаи муқова кардашуда, ки дар вай шеър ва ё чизҳои дигарро нависанд» [4,97]. «Девон- 1.маҳкама. 2.вакили дахлу харҷ. 3. нишастангоҳи одамони калон. 4. дафтари ҳисобот. 5. китоби ғазали ягон шоир» [4,99]. Аз лиҳози сохти морфологӣ ин калимаҳо сода буда исм мебошанд.

Калимаи «нома» дар «Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Айнӣ ба ду маъно тафсир шуда бошад ҳам, танҳо маънои якум марбути ҳуҷҷатгузорист:

«Нома- 1.мактуб, ки ба касе мефиристанд (дар забони зинда танҳо ба мактуби подшоҳе ё давлате ба давлате кор мефармоянд). 2. Китоб (Шоҳнома, Ҷангнома) [4,267]. Агар аз ҷиҳати сохт ва вазифаи морфологӣ ин калимаро тафсир намоем, маълум мешавад, ки нома сода буда исм мебошад.

Устод Садриддин Айнӣ калимаи «дархост»-ро ба маънои хоҳиш тафсир намудааст, ки фарогири маънои истилоҳӣ низ мебошад: «Дархост- илтимос, пурсиши чизе» [4,93]. Истилоҳи «Дархост» сохта буда бо воситаи пешванди дар ва асоси феълӣ ташаккул ёфтааст.

Вожаи «Амонаткасса», дар дар луғати мазкур чунин шарҳи луғавӣ ва истилоҳӣ шудааст: «Амонаткасса-сандуқи амонатнигоҳдории ҳукуматист, ки мардум пул ва чизҳои пурқиматашонро дар он ҷо ба амонат мегузоранд ва дар вақти даркорӣ бозпас мегиранд» [4,28]. Ин истилох аз ҷиҳати морфологӣ мураккаб буда аз ду реша ба вуҷуд омадааст.

Калимаи «амр»-ро устод Айнӣ чун истилоҳи соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ ба маънои дуюм шарҳ додаанд, ки аз ҷиҳати сохт сода мебошад: «Амр- 1. ҳукм, фармон 2. кор» [4,28].

Истилоҳи дигар соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ вожаи «барот» мебошад. Аз лиҳози сохт он сода буда, дар луғати мазкур ба гунаи зерин шарҳи луғавӣ ва истилоҳи шудааст:

«Барот- 1. коғази навиштаест, ки мувофиқи он аз хазина пул гирифта мешавад. 2. хати қисмат ва тақдир .3. ҳуҷҷати озодӣ» [4,46].

Калимаи «васиқа» сода буда дар гузаштаи начандони дури таърихӣ чун истилоҳ дар соҳаи заминдорӣ бештар серистеъмол буд ва онро устод Айнӣ вобаста ба замон чунин шарҳи луғавӣ додаанд:

«Васиқа-1. ҳаргуна ҳуҷҷат, ки чизеро устувор кунад. 2. ҳуҷҷати замин, ҳавлӣ» [4. 62].

Устод Айнӣ вожаи «дабир»-ро дар маънои дуюм чун истилоҳи соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ шарҳ додаанд, ки мувофиқу фаҳмост:

«Дабир- 1. иншонавис, дафтарнавис. 2. котиб.3. ба маънии муаллим, мактабдор» [4.85]. Ин калима ҳам аз ҷиҳати сохт сода буда, дар калимасозӣ фаъол аст: *дабири фалак, дабирвор, дабирона, дабиристон, дабиристонӣ, дабирӣ, дабирона,дабирпеша, дабирхона, сардабир...*

Калимаи «дастовез» дар ҳуҷҷатгузории муосири тоҷик, ҳарчанд серистеъмол набошад ҳам, дар гузашта ба маънои ҳуҷҷат дар истеъмол будааст, ки инро шарҳи устод Айнӣ собит мекунад:

«Дастовез- чизе ки дар меҳмонӣ тӯҳфа гӯён ба мизбон баранд.2. ҳуҷҷат ё касест, ки ба вай такя карда techniqueеро кунанд» [4,96]. Истилоҳи мазкур аз лиҳози морфологӣ мураккаб буда аз исму феъл таркиб ёфтааст.

Вожаи «дастур», ки сохта мебошад ва аз исму пасванди *«-ур»* ба вуҷуд омаддаст. Ба маънои дуюму сеюми тафсир намудаи устод Айнӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ корбаст мешавад:

«Дастур- 1. вазир.2. иҷозат, рухсат.3. қоида, қонун, тарз равиш» [4, 96].

Яке аз амалҳои маъмулӣ ва ҳамзамон муҳим дар ҳуҷҷатгузорӣ гузоштани имзо мебошад, ки устод Айнӣ ин амалро хеле саҳеҳ шарҳ додаанд:

«Имзо-1. гузаронидан; иҷро кардан.2. даст мондан ба фармон, мактуб, ҳуҷҷат ва монанди инҳо» [4,131]. Аз лиҳози морфологӣ водаи мазкур сода мебошад.

Вазифаи бисёр масъул ва муҳим дар самти танзими ҳуҷҷатҳо коргузорист ва нафаре, ки ин корро ба сомон мерасонд, коргузор мебошад. Калимаи мазкурро устод Садриддин Айнӣ чунин тафсир намудаанд:

«Коргузор- касест, ки дар идораҳои ҳукуматӣ корҳоро ба коркунон тақсим карда медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат мекунад» [4,163]. Исми амали мазкур аз ду реша: исму феъл таркиб ёфтааст.

Вожаи «маъмурият» дар коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ бештар ба маънои «роҳбарият» истеъмол мешавад. Устод Айнӣ калимаи мазкурро ба маънoии васеътар тафсир намудааст:

«Маъмурият»- андозаи корҳое, ки барои иҷро ба ягон коркуни давлатӣ ва ҳукуматӣ супурда мешавад [4, 204]. Калимаи мазкур аз исм бо воситаи пасванди «-ият» сохта шудааст.

Калимаҳои истилоҳии мураккаби *муборакнома, муоҳаданома, низомнома, раҳилнома* дар «Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Айнӣ шарҳу тафсир шудаанд, ки ин истилоҳот аз ду реша сохта шудаанд ва дар сохтани онҳо калимаи исмии «нома» водаи решагӣ мебошад.

Истилоҳу вожаҳои коргузории: *нозир, парвона, сак, санад, ташкилот, фармон, чак, эълон,ярлиг, қарор* ки дар «Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ шарҳи маъноиву истилоҳӣ ёфтаанд, калимаҳои сода буда исм мебошанд. Танҳо калимаи ташкилот, сохта буда аз исм ба воситаи пасванди «-от» сохта шуддаст.

Аз таҳлилу баррасиҳои дар боло зикршуда ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки устод Айнӣ ҳамчун донандаи волои забони тоҷикӣ тавонистааст бо таҳияи «Луғати нифтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» забони коргузорӣ ва маъмурӣ будани забони тоҷикиро исбот намоянд.

Зимни таҳқиқи хусусиятҳои сохтории калимаву истилоҳоти соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ дар фарҳанги мазкур маълум шуд, зиёда аз 60 калимаву истилоҳоти соҳаи ҳуҷҷатнигориву коргузорӣ, ҳам ба маънои луғавӣ ва ҳам ба маъноӣ истилоҳӣ шарҳу тафсир шудаанд ва дар ташаккули таркиби морфологии ин калимаҳо асосҳои феъл, пешванди «дар», пасвандҳои «-ур», «-ият» ва «-от» фаъол мебошанд.

**Адабиёт**


1. Ахмедов Мирзохабиб. Толковый словарь Садриддина Айни и его лексикографические особенности: АКД- Худжанд: 2002. - 24 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷ.1. –Душанбе: Дониш, 1985. – С.231-235.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик: дар ду қисм. Қисми 1. – Душанбе: Маориф, 1982. - 462с.

4. Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ.-Душанбе, 1976. - С. 23-558.
5. Луғати осори С. Айнӣ: Тарт. Х. Рауфов, Х. Муҳаммадиева, И. Шукурова, М. Ҳайдарова ва диг. / Муҳар. Р. Ҳошим ва Х. Рауфов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 236 с.
6. Маҳмадаминов Абдулҳай. С. Айнӣ – олим. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 64 с.
7. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. - 241 с.

**Урунбоев ҚОБИЛҶОН**
*магистри курси 2-юми Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинов*

## АҚИДАҲОИ ИҶТИМОӢ - АХЛОҚИИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Сайидо Насафӣ аз худ осори пурмазмун гузаштааст, ки онҳо дурдонаҳои таърихи адабиёту фарҳанги форсу тоҷик ҳисоб меёбанд. Мероси адабии Сайидои Насафӣ бою ғанӣ буда, аз девони ашъор, куллиёт, ғазалиёт, рубоиёт, қасидаву маснавиҳо, асари тамсилии «Баҳориёт» ва «Шаҳрошӯб» иборат аст. Дар ашъори Сайидои Насафӣ норозигӣ аз сохти иҷтимоӣ ва ахлоқии замонаш бисёр вомехӯрад. Ғазалҳои ишқии бисёре низ сурудааст. Сайидои Насафӣ яке аз бузургтарин мутафаккирони қарнҳои XVII-XVIII тоҷик буда, дар нимаи аввали қарни XVII дар Насаф (Қаршӣ) ба дунё омадааст. Соли таваллуди Сайидои Насафӣ маълум нест. Солҳои кӯдакии ӯ дар Насаф гузаштаанд. Баъд аз он Сайидо ба Бухоро омада, дар мадраса таҳсил мегирад. Баъди хатми мадраса Сайидо ба зодгоҳаш барнагашта, то охири умраш дар Бухоро мемонад.

“Баҳориёт”, ё «Ҳайвонотнома» яке аз асарҳои мукаммали Сайидо буда, дар он ҷавҳари ақидаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ӯ ифода ёфтаанд, ки аз ҷиҳати сохт тамсилист, зеро персонажҳои он ҳайвонотанд. Аз тарафи дигар, «Баҳориёт» аз рӯи мазмун асари мунозиравӣ мебошад, ки дар он ҳайвоноти гуногун бо ҳам мунозира мекунанд, ки ин мунозираҳо аз муш оғоз ёфта, дар мурча ба охир мерасад, яъне ин асар баҳсу мунозираи 18 ҳайвонро дарбар мегирад, ки онҳо аввал рақибашонро сарзаниш карда, сониян худро таъриф менамоянд [5, 436]. Ҷаҳонбинии Сайидо бевосита дар зери таъсири шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии замонааш ташаккул ёфтааст. Аз ин ҷост, ки осори Сайидо, ахлоқи косибонро ба таври аниқу равшан инъикос намудааст ва хонанда метавонад нисбати сохти иҷтимоӣ – ахлоқии он замон барои худ як дарси ибрат гирад. Осори Сайидои Насафӣ оинаест, ки вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ахлоқии асрҳои XVII-XVIII-ро ба таври возеҳу равшан бо тамоми ҳастиаш тасвир намудааст.

Андешаҳои ахлоқии Сайидо бештар дар ғазалҳояш ба тарзи мушаххас баён шудаанд. Яъне ахлоқу одоби инсон мисли дарахте буда, меваи он бошад, илм аст. Пас модоме, ки худи дарахт мавҷуд набошад, меваи ӯ аз куҷо пайдо шавад.

*Илм шамъ асту адаб парвонасо,*
*Ҳардуро ҳам дӯст медорад Худо.*

Бинобар ин, ахлоқу одобро асли инсон гуфтаанд. Дар ҳақиқат асоси пойдевори инсону инсониист низ одобу ахлоқи ҳамида аст.

*Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ,*
*Бинеҳ бар сар бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ.*

Мутафаккир таъкид мекунад, ки инсон бояд меҳнат кунад ва бо обилаи кафи даст нон хӯрад.

Дар симои мӯрча бошад, ӯ қувваҳои истеҳсолкунанда, аҳли меҳнат, деҳқонон ва ҳунармандонро, ки бори ҷамъият ба дӯши онҳост, нишон додааст.

Мутафаккири Юнони Қадим Афлотун дар бораи адолати иҷтимоӣ чунин таъриф медиҳад, ки: "Ҳар фарде, ҳар миқдор истеъдод дорад, кор мекунад ва ба кораш бояд мукофот гирад" [3, 2] ва тамоми инсонҳо бояд аз ҳамин меъёр кор бигиранд.

Боғбон ҳам, ки ризқи худро ё нони худро, ба воситаи меҳнат аз боғаш ба даст меорад. Ҳатто мисли санги осиё инсон бояд ҳамеша дар ҳаракат бошад. Ва ин андешаро дар як байташ чунин меорад:

*Рӯзӣ насиби кас ба нишастан намешавад,*
*Бояд чу осиё зи пайи обу дона рафт [1 , 26].*

Инсон набояд ғафлат варзад, балки бояд мақсади муайян дошта бошад ва дар ин роҳ кӯшишу ҳаракат, ҷаҳду талош, саъю ҷадалро талаб намояд.

Сайидо таъкид мекунад, ки бе саъй, бе ҷустуҷӯ, бе ҳаракату талош ҳеҷ мақсад ба даст намеояд:

*Бе талаб, эй Сайидо, мақсад намеояд ба даст,*
*Ҷо ба маҷлис мекунад най аз фиғони хештан [1, 32].*

Аз ин ҷост, ки Сайидо илму ҳунарро тарғиб мекунад ва ҳунармандиро яке аз сифатҳои беҳтарини инсон меҳисобад. Вобаста ба ин таъкид менамояд, ки ҳунарманд аз сарсонию тараддуд фориғ аст, зеро ба коре машғул мебошад:

*Сайидо, марди ҳунарманд аз тараддуд фориғ аст,*
*Даст агар дар кор машғул аст, по осуда аст [1, 61].*

Азбаски Сайидо худ марди ҳунарманд буд, нозукиҳои онро хуб эҳсос мекард ва ба нисбати аҳли ҳунар муҳаббату самимияти зиёд дошт. Шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи ӯ дар асари “Шаҳрошӯб”-аш гувоҳи фикри боло ҳастанд. Сайидо дар ин асари манзум бештар аз дусад номгӯйи касбу ҳунарро, ки дар он рӯзгор дар Бухоро мавҷуд будааст, зикр мекунад. Дар баробари ин шоир ба шахсони коргурез, ки бори зиндагиашон ба дӯши дигарон аст ва касбу ҳунаре надоранд, нафрат дорад, онҳоро сахт накӯҳиш мекунад. Шоир мегӯяд, дасте, ки масдари эҷод нест, яъне ҳунаре надорад, шикаста беҳ:

*Паймонае, ки бода надорад, шикастанист,*
*Дасте, ки нест масдари эҷод, бастанист [2, 6].*

Дар яке аз паёмҳои худ Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд мекунад, ки: “Ҳунарҳои мардумӣ ва навъҳои гуногуни он дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хосса дошта, як падидаи фарҳанги миллии тоҷикон мебошад”.

Ҳунарҳои халқи беҳтарин ва холистарин анвои санъат буда, ҳамеша ба ҳаёти инсон алоқаманданд. Онҳо ҳисси зебоипарастии халқро таҷассум мекунад. [4, 3]

Чунон ки дар боло гуфтем, Сайидо ҳунаромӯзӣ ва меҳнатдӯстиро илқо карда, инчунин талаб менамояд, ки шахс бояд поквиҷдон, ростқавлу ростгӯ бошад ва умри хешро бо покию ростқавлӣ гузаронад. Пас ӯ метавонад ҷовид монад.

*Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,*
*Сарв агар хушк шавад, боз осо мегардад.*
*Сарв меояд ба истиқболаш аз боғи мурод,*
*Ростиро ҳар кӣ месозад асои хештан.[2, 7].*

Албатта, гузориши ин масъала аз тарафи шоир бесабаб набуд. Дар ин замоне, ки ӯ зиндагӣ мекард махсусан, дар байни соҳибмансабон порахӯрӣ, фитнаю найранг, қаллобӣ, тӯҳмат, бӯҳтон ва зулм кардан ба мардуму аҳли адаб боло гирифта буд. Ба ин восита мутафаккир онҳоро панд доданӣ шуда, ҳамзамон ҳамватанонашро ба покию покниятӣ, ростқавлӣ ҳидоят менамуд.

Сайидо дар масъалаи таълиму тарбия андешаву фикрҳои ҷолиби диққат гуфта, таъкид менамояд, ки бояд шахс дар ҷавонӣ саъю кӯшиш кунад, то ки аз тарбияи устодон, мураббиён, муаллимон, баҳраманд шавад. Вале ӯ бо таассуф хотиррасон менамояд, ки барои хондан, илм омӯхтан фарзандони камбағал

имконият надорад. Сайидо мувофиқи таҷрибаи рӯзгор дар охир ба чунин хулоса меояд, ки дар ҷамъият шахси бе такягоҳ, яъне бе мураббӣ машҳуру номдор намегардад. Ба ақидаи вай, дар ҷомеа ҳарчанд фазлу дониш дорӣ, аммо агар такягоҳ надошта бошӣ, корат ривоҷ намеёбад, ба мақсад намерасӣ, хору зор мегардӣ.

Дар таърихи илму адаб Сайидои Насафӣ барои аҳли хирад ҳамчун як шахсияти иҷтимоӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва ватанпарвар маълуму маъруф аст. Ашъори Сайидо, махсусан ғазалҳои ӯ бештар мазмуни ахлоқӣ-иҷтимоӣ дошта, дар доираи он мавзӯъҳои танқиду шикоят аз замона ва аҳли иҷтимои он, махсусан, сарватмандону ҳокимон, ҷаҳлу ҷоҳилият ва худхоҳиву худписандиҳои давлатдорони он замон, тарғибу ташвиқи илму маърифат ва касбу ҳунар, вазъи ноорому мушкили табақаҳои меҳнаткаш, беқадрии аҳли илму фарҳанг ва ғайраҳо баён гардидааст. Сайидо нисбати тарбияву рушду камолоти инсон ва наҷот ёфтани ӯ аз шарри нафсаш мефармояд, ки дар ин роҳ то худи инсон даст ба анҷоми кору амали оқилона надиҳад, насиҳату ёрии дигарон барои ӯ корсоз нест. Ҳарчи инсон оқилтар бошад, ба дараҷаи баланд мерасад. Маърифат бошад, роҳи барои расидан ба мақсаду маром аст [6, 39]. Инсон бояд ҳама сифатҳо, чун шуҷоат, парҳезкорӣ, ҷасорат, тарс, сабр, сукуту оромишро доро бошад. Инсон барои соҳиб шудан бар ахлоқи ҳасана бояд аз тамоми одатҳои паст ва корҳои ношоиста рӯ гардонад, то ки ба камолоти маънавӣ даст ёбад.

## Адабиёт


1. Мирзоиброҳим Саидзода. Ахлоқи ҳамида. Хуҷанд: 2012. – 239 саҳ.
2. Сайидои Насафӣ. Машъали нури таҷалло. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. – 172 саҳ.
3. Афлотун. Энсиклопедияи миллӣ тоҷик. http:// Donishnoma.tj
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26. 12. 2018. www. President.tj
5. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. Душанбе: 1977. – 275 саҳ.
6. Муродова Т. Афкори иҷтимоӣ ва инсондӯстии Сайидои Насафӣ ва хусусиятҳои он. Маҷаллаи Ахбори Иститути Фалсафа, Сиёсатшиносӣ ва Ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1 Душанбе: 2016 -171 саҳ.



**Қурбониён МЕҲРДОД**
*табиатшинос*

## ШОҲМОТ-БОЗИИ ЗЕҲНИИ ТОҶИКОН

Шоҳмот яке аз бозиҳои фикрии инсоният буда, дар роҳи қавӣ гардонидани майнаи сар ва сайқал додани хотираи инсон ҳамтое надорад. Дар тӯли таърих номи ин бозӣ чанд дафъа тағйир ёфтааст, лекин ба бисёр забонҳо аз забони тоҷикӣ маҳз калимаи шоҳмот (шоҳ мурд) бо каме бадалшавии овозҳо интиқол ёфтааст.

Шаҳмот дар ҷаҳони муосир яке аз намудҳои варзиши фикрии инсон шинохта шуда, ҳамасола навъҳои гуногуни мусобиқаҳо, ба монанди мусобиқаҳои миллӣ, байниқитъавӣ, байналмилалӣ ва дар чаҳорчӯбаи якчанд асотсиатсияҳо гузаронида мешаванд. Айни ҳол Федератсияи байналмилалии шоҳмот бо муасисаи ФИДЕ мусобиқаҳои байналмилалии шоҳмотро роҳандозӣ менамоянд. Аз инҷост, ки варзишгарон, рузноманигорон ва доварони соҳавӣ оид ба шоҳмот ба вуҷуд омаданд.

Шоҳмот ба қатори панҷ Бозии асосии байналмиллалии зеҳнӣ дохил мешавад. Комбинатсияҳои шоҳмот хело зиёданд ва барои ғолиб омадан ба ҳариф миқдори зиёди онро аз худ кардан зарур аст. Донистани миқдори зиёди комбинатсияҳо хотираи инсонро қавӣ менамояд, ки аз тарафи мутахасисони соҳаи мағзшиносӣ исбот гардидааст. Инчунин зуддии кори майнаи сари инсони шоҳмотбоз калонтар аст, яъне миқдори зиёди амалҳоро дар як воҳиди вакт дар майнаи сари худ таҳлил менамояд. Аз тарафи дигар, шоҳмот барои қавӣ намудани майнаи сари инсон, яъне барои бехастагии ҷисмонӣ муддати дароз фикр намудан мусоидат менамояд.

Шоҳмот барои инкишофи тафаккури мантиқии инсон мусоидат намуда, барои зиёд намудани консентратсияи диққат ва тарбияи ирода барои ғалаба ва сифоти ахлоқӣ, саҳми арзанда дорад. Дар раванди бозии шоҳмот якчанд аломатҳои рафтор,

қобилияти инсон рӯй мезанад. Аз ин ҷост, ки дар равоншиносӣ барои санҷишҳои гуногуни равонӣ ва дар кибернетика барои омӯхтани мошинаҳои ҳисоббарор истифода бурда мешавад. Назарияи шоҳмот илми ҷудогона буда, дар он тарз, роҳҳои комбинатсионии ҷойгиршавии мӯҳраҳои он омӯхта мешавад.

Шоҳмот ҳамчун маҳсули эҷодии фарҳанги мо имрӯзҳо ба як ҷузъи фарҳанги инсонӣ табдил ёфта, дар тули мавҷудияти худ таърихи бой дорад. Баъд аз ихтироъ ва такмил додани бозии дунафара ва усулҳои нави ҳаракати мӯҳраҳо гузаштагони тоҷикон номи ин бозиро шоҳмот гузоштаанд.

Дар бораи шоҳмот аввалин маротиба дар адабиёти бадеии тоҷик маълумотҳо пайдо гардидааст. Аз солҳои 550– ум сар карда шоҳмот тавонист қонуниятҳои шавқовари зиёди навро касб намуда, ба тамоми ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Ҷанубу Шарқии Осиё, Кавказ Аврупо интиқол ёбад. Дар бисёр фарҳангҳо аз забони тоҷикӣ номи шоҳмот ҷорӣ шудааст.

Баъди истилои арабҳо ва паҳн гардидани дини Ислом дар Эрону Осиёи Марказӣ муносибат ба бозии шоҳмот ба самти манфӣ тағйир ёфт. Махсусан баъд аз асри X пешрафти шоҳмот рӯ ба таназзул ниҳод. Аз тарафи аксарияти рӯҳониёни исломӣ шоҳмотбозӣ ҳамчун бозии ба истилоҳ “ҳаром” иҷозат дода намешуд ва ё аз тарафи бархе аз онҳо номатлуб (макрӯҳ) ҳисобида мешуд.

Ин раванд, яъне иҷозат надодани бозии шоҳмот дар дини насронӣ ва дигар динҳо низ ҷорӣ буд. Махсусан дар асрҳои XV-XVI зиддият ба авҷи камолоти худ расида буд. Пас аз раҳо гардидани Аврупо аз догматизм, яъне ҷудо гардидани калисо аз сиёсат, назарияи шоҳмот инкишоф ёфта, аввалин иттиҳодҳои расмии шоҳмот ба вуҷуд омаданд. Дарсҳои соҳавӣ оиди шоҳмот дар донишгоҳҳои бонуфуз ҷорӣ гардиданд. Имрӯзҳо шоҳмотбозӣ дар Аврупо ва дигар минтақаҳои ҷаҳон хеле маъмул мебошад.

Мутаассифона, бо таъсири як қисми хурофотӣ ва мазҳабии муносибати манфӣ нисбат ба шоҳмотбозӣ дар кишвари мо то ҳануз ҷой дорад. Идома ёфтани чунин муносибат ба шоҳмот хатарнок ва бар зарари пешрафти ҷомеаи мо мебошад.

Исбот шудааст, ки шоҳмот барои мантиқӣ фикр намудан, ҷо ба ҷо гузоштани миқдори зиёди объектҳои комбинатсионӣ ва зудди калони фикр намудану хотираи қавӣ мусоидат менамояд.

Бояд шоҳмот ҳамчун арзиши фарҳангии башар, ки дар ихтироъ ва пешрафти назарияи он аҷдодони мо, яъне тоҷикон саҳми калон доранд, аз тарафи ҳар яки мо ҳифз карда ва ба наслҳои оянда интиқол дода шавад.

Шоҳмот бозиест, ки ба ғайр аз фароғат бахшидан ба инсон, чанд паҳлуҳои мусбатро дорост. Шоҳмот ба водор намудани ирода барои ғалаба, роҳи баромад аз ҳолатҳои мураккаб, пешрафти хотира, зудии кори майнаи сар ва зиёд гардидани дараҷаи мантиқии фикронӣ мусоидати хуб менамояд. Пас вақти он расидааст, ки барои пешрафти соҳаи шоҳмот дар кишвар миқдори клубҳои шоҳмот зиёд карда шавад ва сатҳи хизматрасонӣ баланд бардошта шавад. Инчунин дар байни аҳолӣ бо барномаҳои мушаххас дарсҳои озод гузаронида, дар маҳалаҳо ҷойҳои махсуси шоҳмотбозӣ ташкил карда шаванд.

**Тӯхтаева МАҲНОЗА**
*магистри соли дуюми шуъбаи журналистика ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*

## МАҶАЛЛАҲОИ ИЛМИИ ТОҶИКӢ ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ

Босуръат паҳн шудани интернет ва зиёдшавии шумораи истифода-барандагони он ба пайдо шудани шаклҳои электронии нашрияҳо мусоидат намуд, ки кори дастрасии иттилоотӣ ва фаврияти паҳншавии онро осон гардонид. Чопи маводи илмӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда низ аз ин раванд берун намонда, ҷузъи рушди босуръати маводи электронӣ гаштаанд. Дар ин замина таҳқиқи маводи электронии илмии интернетӣ низ дарҳол пас аз рӯи кор омаданаш шурӯъ гардид ва имрӯз муҳиққиқони зиёд дар ин самт кор мебаранд [1,2,3,4]. Имрӯз фазои маҷозии интернетро маҷаллаҳои илмии электронӣ пур карда, аз натиҷаҳои илмӣ фаврӣ хабар дода истодаанд. Маҷаллаи электронӣ на танҳо алтернативи маҷаллаи коғазӣ, балки ҷавоб ба талаботҳои асри иттилоотӣ аст. Ин имкон медиҳад, ки монеаҳои бюрократии чопӣ ва мушкилиҳои дастрасӣ ба маҷаллаи электронӣ бартараф карда шаванд. Ба фарқ аз маҷаллаҳои чопӣ маводи илмии электронӣ чанд бартарият доранд, аз ҷумла:

- фавран дастрас будани онҳо;
- набудани хароҷот барои чоп ва масрафи коғаз, фарсудашавии дастгоҳҳои чопӣ;
- осонии ҷустуҷӯ аз рӯи номи мақола, муаллиф ва ё шумораи маҷалла;
- имкони ҷой додани аниматсияву наворҳои вобаста ба мавзӯи таҳқиқот ва ғайра;
- мавҷудияти имконияти шарҳнависӣ ва мубоҳиса атрофи мақола дар сомонае, ки мақола нашр шудааст.

Худи мафҳуми маҷаллаи электронӣ чунин шарҳ дода мешавад: “Нашрияи даврии тақризшаванда, аналогиэлектронии маҷаллаи чопӣ, ки тавассути дастгоҳи мобилӣ ва компютер

дастрас мегардад. Ба воситаи интернет ва ё дилхоҳ асбоби нигоҳдорандаи иттилоот (диск ва флешка) паҳн мегардад” [5].

Дар ҳоли ҳозир се шакли маҷаллаҳои электронӣ мавҷудаст:

1. Маҷаллаҳои нусхавӣ (нашри электронӣ ва чопӣ айнан яксонанд);
2. Баҳамовардашуда (нашри чопӣ ва электронӣ якдигарро пурра менамоянд);
3. Аслӣ ва ё беназир (маҷаллаи илмии электронӣ) [6].

Имрӯз дар Тоҷикистон шакли якумии маҷаллаҳо мунташир мешавад, яъне нусхаи электронии маҷаллаҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва Академияи илмҳои ҶТ дар сомонаҳояшон гузошта мешаванд.

Дар ҷумҳурӣ мувофиқи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 маҷаллаи тақризшаванда, ки натиҷаҳои илмии муҳаққиқони тоҷик, аспирантон ва унвонҷӯён дар онҳо нашр мешаванд, интишор мегардад: [7]

| № | Номи маҷалла | Муассиса | Соли нашр | Санаи қайд дар КОА | Сомона |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Суханшиносӣ | Институти забон ва адабиёти АИ ҶТ | 2010 (4) | 26.04.2018 | http://www.iza.tj |
| 2 | Муаррих | Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ | 2015 (4) | 26.04.2018 | http://istorik.tarena.tj |
| 3 | Ахбори АИ ҶТ | Шуъбаи илмҳои биология ва тиббӣ АИ ҶТ | 1952 (4) | 26.04.2018 | http://journals.anrt.tj |
| 4 | Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон | Вазорати тандурустии ҶТ | 1933 (4) | 26.04.2018 | нест |
| 5 | Паёми таълимоти баъди дипломии соҳаи тандурустӣ | Донишкадаи таҳсилоти кормандони соҳаи тандурустии ҶТ | 2011 (4) | 26.04.2018 | http://www.vestnik-ipovszrt.tj |
| 6 | Маҷаллаи | Институти | 2012 | 31.05.2018 | http://ifpp |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | академии ҳуқуқ | фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ | (4) | | anrt.tj |
| 7 | Гузоришҳои АИ ҶТ | Академияи илмҳои ҶТ | 1951 (4) | 31.05.2018 | http://journals.anrt.tj |
| 8 | Ахбори АИ ҶТ | Шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ватехникаи АИ ҶТ | 1952 (4) | 31.05.2018 | http://journals.anrt.tj |
| 9 | Паёми ДМТ | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 1990 (8) | 31.05.2018 | http://g.vestnik-tnu.com |
| 10 | Паёми ДМТ | Бахши илмҳои табиӣ | 2012 (4) | 31.05.2018 | http://g.vestnik-tnu.com |
| 11 | Паёми ДМТ | Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ | 1990 (4) | 31.05.2018 | http://g.vestnik-tnu.com |
| 12 | Паёми ДМТ | Бахши илмҳои филологӣ | 2012 (8) | 31.05.2018 | http://g.vestnik-tnu.com |
| 13 | Ҳаёти ҳуқуқӣ | Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ | 2013 (4) | 31.05.2018 | http://law.tnu.tj |
| 14 | Қонунгузорӣ | Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2010 (4) | 31.05.2018 | http://www.mmk.tj |
| 15 | Паёмиполитехникӣ | ДДТ ба номиМ.Осимӣ(Бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ) | 2008 (4) | 31.05.2018 | http://vp-es.ttu.tj |
| 16 | Паёми политехникӣ | ДДТ ба номиМ.Осимӣ | 2008 (4) | 31.05.2018 | http://vp-es.ttu.tj |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | (Бахши интеллект, иноватсия, инвеститсия) | | | |
| 17 | Паёми ДДТТ | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 2011 (4) | 31.05.2018 | http://www.tguk.tj |
| 18 | Ахбори АИ ҶТ | Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ | 1982 (4) | 31.05.2018 | http://www.izvestiya.ifppanrt.tj |
| 19 | Ахбори АИ ҶТ | Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АИ ҶТ | 1952 (4) | 31.05.2018 | http://journals.anrt.tj |
| 20 | Кишоварз | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур | 2000 | 26.06.2018 | http://www.tajagroun.tj |
| 21 | Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ) | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | 2000 | 29.11.2018 | http://www.hum.vestnik.tj |
| 22 | Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ) | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | 2000 | 29.11.2018 | http://www.soc.vestnik.tj |
| 23 | Осори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1998 | 29.11.2018 | http://www.avkd.tj |
| 24 | Номаи донишгоҳ (силсилаи | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи | 2001 | 29.11.2018 | http://www.uchzap.tj |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ) | Б.Ғафуров | | | |
| 25 | Проблемаҳои математикаи ҳисоббарорӣ ва амалӣ | Маркази илмӣ-инноватсионии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии Донишгоҳи технологияҳои иттилоотии Тошкент ба номи М. ал-Хоразмӣ | 2015 | 29.11.2018 | https://tuit.uz |
| 26 | Паёми Сино | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | 1999 | 13.12.2018 | http://vestnik-avicenna.tj |
| 27 | Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1997 | 29.09.2018 | http://taas.tj |
| 28 | Номаи Донишгоҳ (силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ) | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров | 1948 | 27.12.2018 | http://www.uchzap.tj |

Дар рӯйхати маҷаллаҳои овардашуда, ба ҷуз «Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон» дигар маҷаллаҳо сомонаи худро доранд ва шумораҳои солҳои охир дар шакли электронӣ ҷой дода шудаанд. Вале ҳанӯз шумораҳои солҳои пешин (то солҳои 2010-2015) ба шакли электронӣ табдил дода нашудаанд. Боиси хурсандист, ки ба ҷуз сомонаҳои худи маҷаллаҳо дар сомонаҳои

манбаъҳои электронии илмии кишварҳои дигар низ қисме аз маҷаллаҳои тоҷикӣ ҷой дода шудаанд. Масалан, дар сомонаи Китобхонаи электронии илмии Русия https://elibrary.ru ва Китобхонаи электронии илмии Киберленинка https://cyberleninka.ru. Маҷаллаҳои дар боло номбаргардида дар рӯйхати "Индекси иқтибоси илмии Русия" [8] вуҷуд доранд. Маҷаллаҳои комилан электронӣ бошад, ҳанӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надоранд.

Ба ҷуз маҷаллаҳои илмӣ дар Тоҷикистон таҷрибаи электроникунонии маҷаллаҳои илмӣ-оммавӣ низ вуҷуд дорад. Маҷаллаи академии илмӣ-оммавии "Илм ва ҷомеа", ки муассисаш Академияи илмҳои кишвар мебошад, дар як сол 4-5 шумора чоп мешавад ва аз рӯзи таъсисаш ҳар шумораааш дар сомонаи http://ravshanfikr.tj/ гузошта мешавад. Бартарияти маҷаллаи электрониро дар мисоли "Илм ва ҷомеа" барало мушоҳида кардан мумкин аст: адади нашри маҷаллаи чопӣ ҳамагӣ 200 нусха аст, вале танҳо шумораи №1 (2018)-и маҷалларо аз сомона ҳудуди 770 нафар дидаанд, ки қариб се маротиба аз шумораи чопиаш зиёд аст. Шумораи аввалинашро бошад, зиёда аз 2270 нафар хондаанд. [9]

Ҳамин тавр, дар ташаккули донишҳои нави илмӣ, афкори илмии ҷомеа нақши маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷаллаҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва Академияи илмҳои ҶТ намоён аст. Дар саҳифаҳои ин маҷаллаҳо муҳимтарин масъалаҳои илмии ҳаёти ҷамъиятии кишвар ва тамоми соҳоти фаъолияти инсонӣ инъикос меёбад.

## Адабиёт

1. Электронные журналы в библиотеках // Науч. и техн. б-ки. 1997. №10. С. 61–67.

2. Торн К. Сериальные издания в электронный век // Там же. 1999. № 4. С. 4–18.

3. Бойченко Е.Н. Периодические издания по тех- ническим наукам в Интернете: доступность электронных ресурсов // Там же. 2009. № 5. С. 31–45

4. Садчикова А.Е. Сетевые электронные журналы// Вестн. Ом.ун-та. 2012. № 1. С. 159–165.
5. https://ru.wikipedia.org/wiki/%
6. Бакланова Ю.О. Электронный научный журнал – ресурс открытого доступа // Мақалла «Управление экономическими системами», 2007,№ 1 (09).
7. Сомонаи КОА ҶТ. http://vak.tj
8. Сомонаи Китобхонаи электронии илмии Россия. https://elibrary.ru
9. Сомонаи Равшанфикр. http://ravshanfikr.tj

## ФАРҲАНГИ НАВРӮЗӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Муродова Тоҷинисо**
*ходими илмии Институти фалсафа,*
*сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи*
*А.Баҳоваддинови АИ ҶТ*

## ГУЛИ ЛОЛА - РАМЗИ ИШҚУ МУҲАББАТ ВА ЯГОНАГӢ

Гули лола дар байни тамоми гулҳои баҳорӣ ҳамчун гули « Аруси сол» ба ҳисоб меравад, зеро ки дар фасли баҳор ин гул тамоми дашту даманҳоро махмалпуш намуда, табиатро боз ҳам зебову дилкаш менамояд. Аммо ин гули худрӯи табиии зебо нисбатан умри кутоҳе дорад, чунки он на тоқати гармо ва на тоқати сармо дорад. Ин гули «Аруси сол» ҳавои баҳоронаи нарму латиф ва муътадилро дӯст медорад ва барои вай бодҳои сахту шамолҳои тунд ва офтоби сӯзон душмани ҷон аст. Гули лола гули муҳаббату ишқ ба табиат, гули ваҳдату ягонагӣ байни гиёҳону дигар гулҳои худрӯи табиат мебошад ва ӯ ҳаргиз осебе ба ҳеҷ кадоми онҳо намерасонад. Аз ин ҷо, ин гули латифу ҳассос дар фасли сол як ду моҳе рӯи қолинҳои сабзи табиат ҷавлон намуда, дар дили кас шодиву сурур, ишқу муҳаббатро нисбати табиату ватани хеш бедор намуда, дар вуҷуди инсон ҳисси меҳанпарастӣ ва ватандӯстиро боз ҳам қавитар менамояд. Инсон чи қадар дӯст медорад, ки дар айёми шукуфои ин гули «Аруси сол» ба ин дашту боғ ва сабзазорҳои пургул баромада аз зебоии табиат лаззат барад. Махсусан сурхии гули лола ва ранги сабзи сабзаҳои худрӯ хеле бо ҳам месозанд ва кудакон бошанд аз муғчаҳои навшукуфтаи он арусак месозанд ва бо шодмонӣ байни гулҳо давутоз мекунанд. Вале мутаассифона, умри ин гули зебои табиат бо андак гармову вазидани бод барои сол ба поён мерасад. Гули лола бо унвони машҳуртарин гули худру дар фарҳангу адаби тоҷику форс нуфуз ёфта, ки бисёре аз мутафаккирону шоирон рӯи лола шиносоӣ доштанд ва онро дар ашъори хеш таъбиру тасвир ва киноя карданд: лолаи доғдор, лолапуш, лоларух, лолазор, лолагун, лоласор ва ғайра.

Ҳамин тариқ, гули лоларо дар таърихи илму фарҳанги мардуми тоҷику форс шоирону мутафаккирон образҳои бадеӣ дода, дар шароиту лаҳзаҳои гуногун мавриди истифода қарор додаанд. Абуабдуллои Рӯдакӣ лоларо чунин васф намудааст:

*Бихандад лола ба саҳро,*
*Ба сони чеҳраи Лайло.*
*Бигиряд абр бар гардун,*
*Ба сони дидаи Маҷнун.*

Хайёми бузургвор дар «Наврӯзнома»-и хеш фармудаанд:

*Чун абр ба Наврӯз рухи лола бишуст,*
*Бархезу ба ҷоми бода кун азми дуруст.*
*К-ин сабза имрӯз тамошогаҳи мост,*
*Фардо ҳама аз хоки мо бархоҳад руст.*

Дар ҷои дигар омадааст:

*Аз ҳасрати лаби ширин ҳануз мебинем,*
*Ки лола медамад аз хоки турбати Фарҳод.*

Суханвари бузурги адабиёту фалсафаи тоҷик Ҳофизи Шерозӣ дар ашъори хеш низ лоларо ҳамчун рамзу тамсил истифода намудааст:

*Дил ба даври рӯят зи чаман фароқ дорад,*
*Ки чу сарв пойбанд асту чу лола дог дорад.*

Файласуф ва орифи бузурги асри ХУ111-Х1Х Ҳаким Сафо қаҳрамони лирики худро дар «Девони ашъор»-аш чунин ташбеҳ кардааст:

*Қади ту чун санавбару рӯят чун лола аст,*
*Бар лола ту гашта ду мишкин кулола аст.*

Номи гули лола аз калимаи лол ва калимаи лаъл, аз забони санскрит ба маънои «қирмиз», яъне сурх гирифта шудааст. Ҳамин тариқ, истилоҳи лола ба маънии «сурх» аст, ки дорандаи ҳамин ранг мебошад.

Лола ба туркӣ «тулипо» ном бурда мешавад, ки то ба Аврупо расидааст ва дар он ҷо ҳам ин ном машҳур аст, вале худи туркҳо дар замони ҳозир монанди мардуми тоҷику форс ин гулро лола меноманд.

Лола пурпарчам аст, баргҳои он дорои буридагии амиқ ва камаш се қисмат, ё се баргча дорад. Ҳамаи гулҳои лолаи худрӯ дорои се гулбарг ва се косабарги рангин ба шакли гулбаргҳо ҳастанд. Навъҳои ранги гули лола то дараҷае аст, ки метавон гуфт, ки ба ғайри ранги қаҳваи дигар тамоми рангҳоро доро

мебошад. Умуман, гули лола ба ҳафт ранг: сурх, сафед, норанҷӣ, суратӣ, бунафшаӣ, сабз ва зард тақсим мешавад. Ҳамаи ин гулбаргҳои рангӣ хатчаҳои сиёҳ доранд. Се номбурди гули лола – шақоиқ, шақоиқи нуъмонӣ ва лоларо медонем, ки онҳо гиёҳони мутафовута ҳастанд. Дар айни ҳол ин се гули сурх ҳамроҳ бо доғҳои сиёҳ, ки дар маркази гул ҳастанд, ба якдигар хеле шабоҳат доранд. Вале бояд гуфт, ки як донистани шақоиқ ва лола хатост, зеро шақоиқ номи илмӣ: анемоне аст ва шақоиқи нуъмонӣ – номи илмиаш папеверсез мебошад. Лолаи маъмулӣ бошад баргҳои нозуки зудранҷ ва зуд аз байн раванда дорад, аммо баргҳои гулҳои шақоиқҳо пурқувваттар ва пурбардоштар буда, умрашон дарозтар мебошад.

Маҳал ва макони гулҳои лолаи худрӯ қариб дар ҳама ҷои Тоҷикистон, махсусан дашту теппа ва боғу чаманҳои Ҳисор, Шаҳринав, Файзобод, Данғара, Фахробод, Ховар, Истаравшан, Исфара, қисматҳои кӯҳии Деваштич, теппаву доманаҳои Кӯҳистони Мастчоҳу Айнӣ, Ваҳдат, Норак, Ёвон, Ванҷу Дарвоз, Вахё, Рашт, аз кухҳои Помир то Тияншон ва ғайраҳо воқеъ аст.

Дар Ванҷ дар совети қишлоқи Водхуд дар деҳаи Узбай мавзеи бо номи «Лолазор» воқеъ аст, ки аз зебоии худ касро ба ҳайрат меандозанд. Ҳамчунин дар ноҳияи Роштқалъа (Қалъаи сурх)-и Бадахшони боло тақрибан моҳи апрел лолаҳои кӯҳистон чун арусаки сол қомат меафрозанд. Ба ҷуз ин дар ҳамин Роштқалъа маҳаллае бо номи Тусиён аст, ки макони лолаҳои ранго ранг мебошад. Бояд гуфт, ки яке аз маҳаллаҳои Файзобод, қаблан як дашту теппаи пурсабзаву пургули лолаи худрӯ буд, бо номи Лолагӣ машҳур аст, ки қисмати зиёде аз он маҳалларо ба ҷои гули лола одамон бо хонаҳои истиқоматиашон ишғол намудаанд. Аммо бо вуҷуди ин аз роҳи мошингард, ки рад шудӣ дашту теппаҳои махмалини лолаҳо дили инсонро ба ваҷд оварда, вуҷуди шахсро як ҳисси меҳру муҳаббат нисбати табиати сарзамини Ватан фаро мегирад, яъне табиат бо зебоиҳои табиии хеш ба рӯҳи инсон дар ҳар як фасли сол зиндагии нав ва тоза ба тоза мебахшад. Ҳамчунин ин гул дар Афғонистон, Туркия, Сурия, дар соҳилҳои Баҳри сурх, Дарёи Хазар, Баҳри сиёҳ, Юнон, Ҳоланд (Голандия), Италия, Испания ва ғайраҳо ба сифати худрӯ ёфт мешавад.

Соли 1981 тавассути Анҷумани салтанатии пиёзи лолаи Ҳоландӣ тақсимбандии гулҳои лола оғоз мегардад ва лолаҳо бар

асоси шакли гиёҳ ва замони шукуфтани гул ба 15 навъ тақсимбандӣ шуданд. Агар нигоҳе ба таърих андозем нақши гули лола дар қадимтарин осори бостонӣ низ ба назар мерасад. Нақши лола дар муҳрҳои сангӣ ва биринҷие, ки сабт шудааст, қадимии онҳо беш аз 20 аср пеш аз мелодиро ташкил медиҳанд. Дар садаҳои дуюм ва сеюми пеш аз мелод низ нақши гули лола бо як даста гули лола ба даври сар ва ба рӯи сикаҳо тасвир шудааст. Дар асрҳои 3-5 мелодӣ нақши гули лола дар зарфҳои нуқрагин, муҳрҳо ба се гулбарг ба тасвир кашида шудааст. Аммо дар осори аз сосониҳо боқи монда дар асрҳои 5-6 мелодӣ теъдоди гулбаргҳои нақши лола ба 5 адад афзоиш ёфтааст, ки тасвири он дар тоқи бузург гули лола бо панҷ гулбарг кандакорӣ шудааст. Дар замони ислом низ ишқу алоқа ба гули лола дар кишварҳои Эрон, Мовароуннаҳру Хуросон ба назар мерасад, ки намоёнгари он ин осори мутафаккирону шоирони асрмиёнагӣ мебошад. Дар ин бора дар боло намуна аз осори классикони тоҷик оварда шуд. Замони подшоҳии Аҳмади сеюм (1703-1730) дар императури Усмонӣ ба номи «асри лола» маъруф аст. Дар ҳамин давра таваҷҷуҳ ба гули лола дар Туркия боло мегирад.

Мувофиқи маълумоти сайти интернетӣ[1] дар ҳоли ҳозир ҳазорон навъи лола бо рангҳои мутафовут вуҷуд дорад. Дарозии қади лолаи худрӯ бештар аз 20 сонтиметр мебошад ва аз нигоҳи зоҳирӣ ҷоми гули лола ба қисматҳо тақсим мешавад: такпари финҷоншакл; пурпари қадаҳшакл; ҷомшакл; ҳошиядор; гулбарги баланду борики нозук; ситорай.[2] Муҳити зисти гули лола: гули лола нисбатан ба хунукӣ тобовар мебошад. Беҳтарин ҳарорати ҳаво барои решадиҳӣ 9 дараҷа, барои рушд 15-18 дараҷа гармӣ аст. Аммо ба муҳити ниҳоят гарм тобовар нест. Лола дар ҷойҳои офтобии дур аз чангу хок ва бод ҳосилхез аст. Навъҳои қадимии лола аз таркиби ду навъ: лолаи боғчаӣ ва лолаи арманӣ гирифта шудаанд. Хонадони лолаҳои ҷадидтар се навъанд: лолаи шинелқирмизӣ; лолаи импературӣ ва лолаи нилобӣ.

Гули лола танҳо ду моҳ дар сол шукуфон мешавад, яъне замони гулдиҳии он аз охири апрел то аввали июн вобаста ба маҳаллаҳои гарму салқин идома меёбад.

---

[1] Амана Ҳонда, Эдуард… Попов. Оризуя Д. Дон
[2] Ҳамон ҷо

**Нурзода НОЗИМ**
*фарҳангшинос*

# ҶОЙГОҲИ НАВРӮЗИ БОСТОНӢ ДАР ТАҲКИМИ РАВАНДИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Наврӯз, ки чанд сол аст, тибқи муқаррароти Созмони Милали Муттаҳид дар тамоми дунё санаи 21 март мавриди таҷлили саросарӣ қарор мегирад, дар баробари дигар муқаддасоти миллию аҷдодӣ аз муқаддасаи муҳим ва арзишманди таърихи фарҳангу тамаддуни тоҷикӣ маҳсуб ёфта, бори масъулияти ҳамзистию ҳамгироии милалу халқиятҳои қаламрави Тоҷикистонро бар дӯш дорад. Собиқаи таърихӣ ва фарҳангии ин ҷашни инсонсоз гувоҳӣ медиҳад, ки он ҳамеша ҷонибдори саодату пирӯзии навъи башар буда, инсонро ба сӯйи ҳамдигарфаҳмию вафодорӣ, некуйиву меҳрварзӣ, хирадмандию ақлгаройӣ, собитқадамию устуворӣ, хештандорию худогоҳӣ, худшиносию ҳувиятписандӣ ҳидоят намудааст ва бо гузашти қарну асрҳои мутамодӣ суннату ойинҳои Наврӯз имрӯз ҳам на танҳо дархӯри ҷомеа мебошанд, балки дар таҳрики худогоҳию худшиносии милливу мардумӣ нақши калидӣ доранд. Маҳз ҳамин нукта боис гардид, ки мақоми марбутаи Созмони Милали Муттаҳид – ин мақоми баландпояи сиёсии башарӣ ҷашни Наврӯзро ба сифати ҷашни ҷаҳонӣ шинохт ва таҷлили саросарии онро дар манотиқи мутааддади сайёра тавсия дод.

Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки худшиносӣ омӯзиши вижагиҳои инфиродии равонию ҷисмонии шахс ва ниҳоятан, шинохти худи ӯ мебошад. Он аз айёми хурдӣ шурӯъ шуда, тамоми умр идома меёбад. Дониш дар бораи худ тадриҷан аз рӯйи меъёри шинохти ҷаҳони беруна ва мутаносабан худи инсон шакл мегирад ва такмил меёбад. Ба ин тартиб, худшиносӣ эҷоди фардист ва биниши инсониро дар робита бо зиндагӣ, ҳастӣ, кайҳон ва билохира олами инсонӣ ифода мекунад. Ҳар нафар бо назардошти фаросат, фазилат, дарк, хирад ва маърифати худ ба ҷаҳону ҳастӣ менигарад ва ба ин восита ҷаҳони худогоҳию худшиносиашро тавсеа мебахшад.

Наврӯз, қабл аз он ки ба он ҷомаи кишоварзӣ, ахтаршиносӣ, кайҳоншиносӣ пӯшонанд, марҳилаи нахустини шинохту маърифати инсонӣ дар идомаи ҳастӣ будааст. Ин нуктаро донишмандони ватанию хориҷӣ, мисли Дорместетер, Кристенсен, Меҳрдоди Баҳор, Ҳошим Разӣ, Манучеҳри Ҷамолӣ, М. Рӯҳуламинӣ, М. Ҳазратқулов, К. Бекзода, М. Мирраҳим, Рӯзӣ Аҳмад, Равшан Раҳмонӣ, Дилшод Раҳимӣ ва дигарон таъйид кардаанд. Муҳим ин аст, ки Наврӯз ба сифати як ҷашни фарогир, пеш аз ҳама, баёнгари ҳувияти миллӣ дар марҳилаҳои таърихӣ мебошад.

Ба назари мо, раванди худшиносии миллиро, ки ба Наврӯз иртиботи бевосита дорад, шартан ба чанд марҳила метавон тақсимбандӣ кард:

**1.** Марҳилаи аввали худшиносии миллӣ, ки ба зуҳури Наврӯз оғоз меёбад, бо шахсияти устуравии Ҷамшеди пешдодӣ бастагӣ дорад. Аз ин ҷост, ки Наврӯзро ба шахсияти нимустуравӣ ва ниматаърихӣ Ҷамшед тавъам медонанд ва ин тавъамӣ ё пайвастагӣ бедалел нест, чаро ки Ҷамшед нахустин шаҳриёри ҳушманди ҷуғрофиёи фарҳангию сиёсии ориётаборон аст, ки тавассути илму хирад сохтани ҷаҳони навро шурӯъ намудааст. Ба сухани дигар, Ҷамшед бо овардани Наврӯз марҳилаи аввалини худшиносии миллиро дар ҷаҳони маърифати иронитаборон оғоз бахшида, таҷлили онро ҳамчун тантанаи хирад ва адолат (ду бахши муҳими ҳаёти сиёсӣ-давлатӣ ва фарҳангӣ-иҷтимоӣ) саросарӣ намудааст.

Мушкилоти ҷомеаи инсонӣ аз замони зуҳури инсонӣ то ба имрӯз дар як нукта тамаркуз мекунад ва он маргу нестӣ аст. Ҳамин мушкили аввалиндараҷа ва ба истилоҳ, калидӣ дигар мушкилотро ба дунбол дорад. Ин мушкилот (дард, ранҷ, беморӣ, сардӣ ва гармии аз ҳад зиёд, бадбинӣ ва танаффур, дурӯғгӯйӣ ва амсоли инҳо) пайваста ҳамқадами инсонанд ва ба гумони устурасозони пешин, рафъи мушкилоти фавқ аз ҷониби Ҷамшед ба вуқӯъ пайвастааст ва нахустин маротиба дар таърихи фарҳанги мо (албатта, дар қолаби устура ва боварҳои миллӣ) инсон намиранда мегардад. Дар китоби «Вандидод» (фаргарди дувум, бахши якум, банди 5), ки ба достони Ҷам ихтисос ёфтааст, Ҷамшед дар посух ба пурсиши Аҳуромаздо гуфтааст: «Ман ҷаҳони туро фарохӣ бахшам. Ман ҷаҳони туро биболонам ва ба нигаҳдории (ҷаҳониён) солору нигаҳбони он бошам. Ба шаҳриёрии

ман на боди сард бошад, на (боди) гарм, на беморию на марг» (ниг.: Вандидод, ҷилди аввал, фаргардҳои 1-8. Тарҷума ва пажӯҳиши Ҳошим Разӣ. Теҳрон, 1385. -С. 425). Ҳаким Фирдавсӣ, бо такя ба асотири куҳани аҷдодӣ дар қолаби достони Ҷам (достон шомили 74 байт буда, дар маҳдудаи абёти 48-55 зуҳури Наврӯз ва тадорукоти Наврӯзӣ ба риштаи тасвир кашида шудааст) аз дарду беморию ранҷурӣ ва марг раҳо гардидани мардумро фоли неки Наврӯзӣ дониста, аз ҷумла таъкид кардааст:

*Сари соли нав ҳурмузи фарвадин,*
***Баросуда аз ранҷ рӯйи замин.***
*Бузургон ба шодӣ биоростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд...*

(ниг.: «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди аввал. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.55-56)

Маҳз Ҷамшеди нимаустуравӣ ва ниматаърихӣ тавонист, ки бо меҳр, хирад ва дод мардумро ба хештаншиносӣ ва ҳувиятсозӣ мутамоил кунад. Ба қавли донишмандон, дар даврони Ҷамшед ва айёми Наврӯзӣ мардум ба шукуфоии иқтисодӣ ва рифоҳи молӣ мерасанд, хонаҳои бошукӯҳ барпо мекунанд, гармобаҳо месозанд, ҷавоҳирот дуруст карда, атр ба кор мебаранд ва саранҷом дар нозу неъмат ғарқ мешаванд(ниг.: Толеъ Ҳушанг. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. Теҳрон, 1386. -С.156). Ҷомеаи давраи Ҷамшед зарфи сесад сол чунон дар рифоҳу осоиши маънавию моддӣ ғарқ мешаванд, ки ранҷу дард, зулму бадӣ, заъфу нотавонӣ, пирию беморӣ ва маргу нестиро аз ёд мебароранд ва дар фазои ромишу тараб умр ба сар мебаранд. Фирдавсӣ он давраи пуршукӯҳро тайи 3 байт (достони Ҷам, абёти 56-58) хеле муассир инъикос кардааст:

*Чунин сол сесад ҳамерафт кор,*
*Надиданд марг андар он рӯзгор.*
*Зи ранҷу зи бадшон набуд огаҳӣ,*
*Миён баста девон ба сони раҳӣ.*
*Ба фармон-ш мардум ниҳода ду гӯш,*
*Зи ромиш ҷаҳон буд пуровозу нӯш.*

(ниг.: «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди аввал. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.56)

**2.** Марҳилаи дувуми худшиносӣ, ки ба Наврӯз иртибот дорад, ба давраҳои салтанати ду сулолаи бузурги миллӣ -- Ҳахоманишҳо ва Сосониён рост меояд. Баррасиҳои катибаю сангнавиштаҳои баҷоймондаи даврони Ҳахоманишӣ ҳокӣ аз онанд, ки ҷашни Наврӯз дар маҳдудаи салтанати Ҳахоманишӣ марсум будааст. Бархе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки Куруши бузург Наврӯзро дар соли 538 (қабл аз мелод) ҷашни миллӣ эълом кард ва дар ин рӯз барномаҳои вижае барои фароғати сарбозон, поксозии маконҳои ҳамагонӣ, хонаҳои шахсӣ ва бахшиши маҳкумон ба иҷро расонд. Куруши бузург маросимоти Наврӯзиро ба Бобул интиқол медиҳад ва муҳаққиқон дар ин замина таъкид мекунанд, ки ӯ ҳангоми иҷрои маросими иди Наврӯз ба эҳтироми суннати деринаи подшоҳони Бобул дасти **Bel** (Баал) – Худои бузурги бобулиёнро ламс мекунад ва қонунан дар шумори подшоҳони Бобул дармеояд(ниг.: Гиршман Роман. Таърихи Ирон аз оғоз то ислом. Тарҷумаи Маҳмуд Беҳфурӯзӣ. – Теҳрон: Ҷомӣ, 1379. –С122). Ба дунболи ин, маросими Наврӯзӣ дар замони дигар подшохони Ҳахоманишӣ низ тадовум ёфтанд. Ҳамчунин дар замони Дориюши якум маросими Наврӯзӣ дар Тахти Ҷамшед (Персе́полис, Чиҳил Манор — шаҳри бостонии форсӣ, ки асрҳои VI—V пеш аз мелод пойтахти империяи Ҳахоманишҳо будааст) баргузор мешуд ва мардум Наврӯзро ба таври шукӯҳманд таҷлил мекарданд. Муҳаққиқон ва сиккашиносон бар асоси сангнавишта ва тасвирҳо ҳадс задаанд, ки Дориюши аввал сиккае аз ҷинси тилло зарб намудааст, ки дар як сӯйи он сарбозе дар ҳоли тирандозӣ тасвир гардидааст ва ин навъ тадорукоти ҷашнӣ, ғолибан ба муносибати Наврӯзи соли 416 (қабл аз мелод) гирифта шудааст. Бархе аз пажӯҳишгарон (мисли Ҳартсфелд, Орднер, Гиршман ва Бродо) муддаӣ ҳастанд, ки Тахти Ҷамшед барои баргузор намудани ҷашни Наврӯз сохта шудааст (ниг.: fa.wikipedia.org/wiki).

Албатта, дар даврони салтанати Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ Наврӯз тобиши динӣ касб кард, аммо махсусият ва вижагии ҳувиятии худро гум накард. Дар даврони Сосонӣ маросими иди Наврӯзро байни шаш то сӣ рӯз баргузор мекарданд ва **рӯзи шашуми фарвардин ва ё Наврӯзи бузургро Хурдодрӯз** меномиданд ва ин рӯзро мутааллиқ ба фариштаи муқаддаси Хурдод медонистанд. Пайравони ойини маздоясно муътақид буданд, ки Зардушт **(650 сол пеш аз мелодии Масеҳ)** дар ин рӯз зода шуда,

дар ҳамин рӯзи муқаддас бо Худованд ба розу ниёз пардохтааст, аз ин рӯ, ин рӯз барои ирониён муқаддас ва муҳтарам шумурда мешудааст. Подшоҳони Сосонӣ низ дар дарбор ойинҳои Наврӯзро бо шукӯҳи хоссе баргузор мекарданд ва шоҳон панҷ рӯзи аввал (ба унвони **«Наврӯзи омма»** маъруф аст) бори ом медоданд ва ба рафъи ҳоҷатҳои мардум мепардохтанд. Сипас, **«Наврӯзи хоса» ё Наврӯзи бузургро,** ки аз рӯзи шашуми фарвардин шурӯъ мешуд, ба худ ва наздиконашон ихтисос дода, ба ҷашну шодмонӣ мепардохтанд ва навоҳои хосси Наврӯз дар ин айём дар дарбори подшоҳон навохта мешудааст. Дар айёми ҷашнӣ табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ бо баргузор кардани базму маҳфилҳои вижа соли гузаштаро ёд ва таҳвили соли навро фоли нек дониста, дар таҷаддуди фикрӣ ва маънавӣ мекӯшиданд.

**3.** Марҳилаи сеюми худшиносӣ, ки реша дар Наврӯзи бостонӣ дорад, ба давраи ҳукмронии сулолаи тоҷикии Сомониён марбут аст. Бояд тазаккур дод, ки дилбастагии мардуми форсу тоҷик ба суннатҳои ниёкон муҷиб шудааст, ки Наврӯз минҳайси рамзи шукӯҳ ва азамати фарҳанги миллӣ дар саросари даврони исломӣ, ҳатто дар давраи хулафое, ки эътиное ба ин русумот надоштанд, барпо мешудааст ва ошноию огоҳии фармонравоёни Уммавӣ ва Аббосӣ аз ойини ҳадя додан ба ҳокимон далеле барои гироиши фармонравоёни араб ба баргузории Наврӯз гардидааст. Бо коҳиш ёфтани қудрату нуфузи хилофати исломӣ бар давлатҳои миллӣ, ҳамчунин эҳёи давлатҳои мустақиле назири Саффориён ва Сомониён суннати таҷлили ҷашнҳои миллию мардумӣ эҳё шуда, иҷрои русумоти миллӣ сабаби шукӯҳу ҷалоли ҷашни Наврӯз дар қаламрави давлатҳои миллӣ гардид.

Дар давраи салтанати Сомониён (874-999) Наврӯз ба сифати ҷашни меҳварӣ мавриди таҷлил қарор мегирифтааст. Амирони хирадпарвари Сомонӣ хуб дарк мекарданд, ки Наврӯз на танҳо ҷашни кишоварзӣ, балки ҷашни хирадпарварӣ ва инсонсолорию инсонсозист. Ин буд, ки дар давраи салтани амирони Сомонӣ, қатъи назар аз он ки неруҳои зиддимиллӣ фаъол буданд, раванди худогоҳию худшиносии миллӣ тавассути ҷашнгирии саросарии Наврӯз дар манотиқи қаламрави давлат таҳкиму тақвият меёфт (таваҷҷуҳ шавад ба китоби Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. -Душанбе, 2012. – С.457-458). Маҳз дар замони салтанати Сомониён дар арафаи Наврӯз, бо такя ба сунани даврони Сосонӣ оташ

меафрӯхтанд, мутрибон оҳангҳои ҷашнӣ навохта, ҳофизон суруду таронаҳои Наврӯзӣ месароиданд, сайругашти идонаи мардум аз шом то ба субҳ идома меёфт. Алқисса, ин маросими наврӯзӣ айёми Хусрави Парвизи Сосониро ба лавҳи хотир меовард (ниг.: Маҷаллаи «Ҳунар ва мардум», шумораи навадум, фарвардинмоҳи 1369. -С. 31-34).

Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар замони давлатдории Сомониён худшиносии миллӣ ба марҳилаи сифатан нави таърихӣ расида, раванди таҷлили он тавассути сиёсати фарҳангии давлати миллӣ таҳкиму тавсеа ёфт. Шоирону донишмандон ба тавсифи ин ҷашн кӯшиданд, ашъори рангин сүруданд, китобҳо навиштанд (аз ҷумла китобҳои «ал-Ашъор фӣ соири Нийрӯз вал Меҳрҷон»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ, «ан-Нийрӯз вал Меҳрҷон» ва амсоли инҳо ба сифат ва мушаххасоти Наврӯз ихтисос ёфта буданд). Давлати Сомониёнро метавон ба унвони қаламрави фарҳанги Наврӯз муаррифӣ кард.

**4.** Давраи дигари наврӯзпарастӣ ва арҷгузорӣ аз ин ҷашни хирадмаоб ба охирҳои солҳою ҳафтодуми садаи бистум рост меояд, ки замони салтанати давлати Шӯравӣ буд. Аз охири солҳои ҳафтодуми асри гузашта як зумра равшанфикрони миллӣ ҷиҳати дар сатҳи иҷтимоӣ таҷлил кардани Наврӯз саъю талоши фаровон варзида, дар ин замина корҳои зиёди фарҳангию маърифатӣ анҷом доданд. Ин давра саҳифаи тозаро дар китоби худшиносии миллӣ боз кард, ки бо таҷлили Наврӯзи бостонӣ дар марҳилаи навини таърихӣ шурӯъ меёбад. Дар он замон заминаҳои рушди маросими миллӣ дар шароити нави таърихӣ гузошта шуд.

**5.** Марҳилаи Истиқлолияти давлатӣ уфуқҳои тозаро барои таҷлили саросарии Наврӯзи бостонӣ кушод ва он ба сифати бузургтарин ҷашни аҷдодӣ мавриди таҷлили ҳамагонӣ қарор гирифт. Дар даврони истиқлолият масоили шинохт, таҳқиқ, омӯзиш, арҷгузорӣ ва саросарисозии Наврӯз матраҳ гардид ва дар рушду тавсеаи он шахсиятҳои дараҷаи аввали ҷумҳурӣ, хусусан Сарвари давлати имрӯзаи Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон саҳм гузоштанд. Ин иқдомот имрӯз низ идома дорад ва шароити феълӣ аз донишмандону фарҳангиён тақозо менамояд, ки ойинҳои миллиро ба риштаи таҳқиқ бигиранд ва дар хифзу нигаҳдошти онҳо аз тамоми имконоти мавҷуда истифода бубаранд. Мусаллам аст, ки дар марҳилаи Истиқлолияти

давлатӣ тавассути пофишорию ташаббусҳои давлатҳои ҳавзаи Наврӯз, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон созмони маориф ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) Наврӯзро ба унвони ҷашни ҷаҳонӣ эътироф кард. Марҳилаи Истиқлолияти давлатӣ бо худогоҳӣ ва хештаншиносӣ пайванд мехӯрад ва аз фарҳанги Наврӯзӣ реша мегирад. Фарҳанги Наврӯзӣ фарҳанги меҳрпарастӣ, эътидол, саломатӣ, тандурустӣ, хирадварзӣ, огоҳӣ, доноӣ, муҳаббату самимият, таҳаммулу тафаккур ва шарофату адолат аст. Дар доираи фарҳанги Наврӯзӣ тамоми муқаддасоти инсонӣ ва башарӣ, ки тӯли асрҳо озмоиши таърихиро гузаштаанд, ғунҷоиш ёфтаанд. Наврӯз фарҳанги муколима ва гуфтугӯи инсонҳо буда, мардумро, новобаста аз таалуқоти нажодӣ, миллӣ, иркӣ, сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ, ақидатӣ ва идеологӣ ба ҳам фаро мехонад ва сари як суфра – хони Наврӯзӣ менишонад.

Ҳамин тариқ, Наврӯз дар силсилаи ойину маросимҳои миллӣ қадимтарину фарҳангитарин ба шумор меояд ва дигар маросим дар домони ин ҷашни инсонпарвар ва ҳувиятсоз парварда шудаанд. Ин аст, ки Наврӯз бо худогоҳию худшиносии миллӣ ба арсаи фарҳангу тамаддуни башарӣ ворид гардида, ба унвони ҳаста(ядро)-и худогоҳию худшиносии миллӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ шинохта мешавад. Ин ҷашни бостонӣ дар дарозои таърих аслу ҷавҳари худро, ки бар пояи ҳувиятсозию хештаншиносӣ устувор аст, на танҳо аз даст надодааст, балки онро бо тобишу ҷилоҳои тоза аз давра ба давра, аз марҳила ба марҳила, аз сол ба сол ва аз аср ба аср мунтақил дода, то ба замони мо беосеб оварда расондааст.

**Комил БЕКЗОДА**
*файласуф*

## НАВРӮЗИ ЗИНДАГӢ
**(Шеърҳои наврӯзӣ)**

### НАВРӮЗИ ЗАРАФШОН

Тоҷи ҳиммат ин заминро Тоҷикистон кардааст,
Партави Хуршед оламро хуросон кардааст.
Қимати мулки Зарафшонро ба зар натвон шинохт,
Оташи суғдӣ Зарафшонро зарафшон кардааст.
Наварӯсонро, ки мебинӣ чу ахтар беҳиҷоб,
Шеваи озодагӣ дар ишқ ҷавлон кардааст.
Гарчи дарди бедавои марг домангири мост,
Ҷони моро кимиёи ишқ дармон кардааст.
Хоби хуш бодо ҳалолат, эй зи маънӣ бехабар!
Хоби моро маънии байте парешон кардааст.
Кӯҳсорони ҷаҳонро дидаӣ? Санганд, санг!
Шеъри Комил сангро лаъли Бадахшон кардааст!

### ЧАШМОНИ НАВРӮЗӢ

Аз нигоҳи сабзчашме дар ҷаҳони ишқи ман,
Лолаву себарга мерӯяд саропо сабзранг.
Дар ҷаҳони ошиқӣ, оҳанги якрангӣ хатост,
Шукри ин чашмон, ки мебинам навоҳо сабзранг.
Фитнаи чашмони сабзинаш, чӣ гӯям беш аз ин,
Мерасад бар гуши дил савту садоҳо сабзранг.
Ақл мехонад маро бар оламе, бе рангу бӯ,
Дар ҳавои ишқ меболад адоҳо сабзранг.
Кас надонад ҳикмати чашмони сабзу соҳираш,
Ҷуз мани ғофил, ки дидам ин балоҳо сабзранг.
Дар ҷаҳони сокиту аз кинаҳо сарду хазон,
Чашми наврӯзӣ барангезад нидоҳо сабзранг.

## НАВРӮЗИ ҶАМШЕДӢ

Иди Наврӯз аст ёрон, бода дар соғар занем,
Бодахоронро аз ин пас, таънаҳо камтар занем.
Як қадаҳ бар ёди он, Ҷамшеди соҳибдил равост,
Дар фазои некномиҳош, болу пар занем.
Чун дирафши Кова рамзи, нангу номи миллат аст,
Парчами озодагӣ, бар рӯи бому дар занем.
Пири Тусӣ бо сухан, мулки Аҷамро зинда кард,
Сеҳру афсуни каломаш бар ҳама Ховар занем.
Суннати Ҷамшедро Хайём авҷе тоза дод,
Дар ҳавои шеъри Лоиқ наъраи дигар занем.
Мо саропо шавқу шуру ошиқу саргаштаем,
Бо чунин мастонагӣ оташ ба хушку тар занем.
Баъд аз ин лофу газофу худситоиҳо, ки рафт,
Ҷои он дорад, ки гул бар гесуи дилбар занем!

## ҲИКМАТИ БОДАИ НАВРӮЗӢ

Меравам аз ин ҷаҳону дил ба дарё мезанам,
Пушти по бар мушкилоти ҳарду дунё мезанам.
Гар ту масти бодаи рӯзи аластӣ, шод бош!
Ман зи ҷоми бодаи имрузу фардо мезанам.
Эй ки доим саргарон аз ишқи ирфони, вале,
Ман дам аз ёри нахусту ишқи Лайло мезанам.
Арзишу маънии Олам, ҳасту буди Одам аст!
Гар набудӣ одамӣ, кай лофи маъно мезанам.
Дар Замин зодиву аммо, мегурезӣ аз Замин!
З-ин фирори нангборат, водареғо мезанам.
Сар ба зону мезанӣ, аз шӯрбахтиҳои хеш,
Ман ба ёди Навбаҳорон, сар ба саҳро мезанам!
Ман аминам, мерасад рӯзе ки бо эъҷози илм,
Бодаи Наврӯзӣ бо Ҷамшед якҷо мезанам!

### Наврӯзи одамӣ

Ҷабри айёму шигифтиҳои дунё бигзарад,
Бодҳои гармселу фасли сармо бигзарад.
Бо умеди қиссаҳои ориёӣ зиндаем,
Ин ғуруру нахвати қавми Урупо бигзарад.
Аз гузашти рӯгорон гоҳ шоду гаҳ малул,
Ин шабохуни фалак аз мулки дилҳо бигзарад.
Дар гулистони вуҷуди мо навоҳо ранг-ранг,
Булбулон сармасти созу базми гулҳо бигзарад.
Баъдҳо бар ҷои ҷон, ояд ҳаёти ҷовидон!
Тарсу ларзи маргу мурдан аз сари мо бигзарад.
Боз аз нав мо ба сӯи ҷисми худ рӯй оварем,
Ҷисм монад ёдгору ҷони шайдо бигзарад!

### НАВРӮЗИ ЗИНДАГӢ

Одамиро маҳшаре бе хайру шар, зебанда аст,
Маҳшаре дур аз хурофоти башар, зебанда аст.
Бандаи мирандаро, бе илм растохез нест,
Бандаи озодаро, фатҳу зафар зебанда аст.
Ҳеҷ маъное надорад, рафтани бебозгашт,
Наслҳои рафтаро, умре дигар, зебанда аст.
Оқилу фарзонаро, мирандагӣ зебанда нест!
Амр бар сайёраву Шамсу Қамар, зебанда аст.
Ҳикмату фарзонагӣ, бе шеър мурғи бепар аст,
Ҷилваҳои фикри моро, болу пар, зебанда аст.
Шоири имрӯз масти бодаи кибру ғурур,
Хушкмағзони замонро, кару фар зебанда аст.
Ошкоро гуфтани ҳақ, кори ҳар бекора нест,
Марди майдони суханро, ин ҳунар зебанда аст.

## НАВРӮЗИ ИШҚУ ОЗОДАГӢ

Дар фазои ишқи ҷонон, баски болу пар задам,
Осмонро паст дидам, хайма болотар задам!
Ин ҷаҳони мо ки аз сӯзи дарун бегона аст,
Дар ҷавобаш оташи дилро ба хушку тар задам!
Ҳамдиёри ман чи донад, чист маргу зиндагӣ,
Аз хиҷолат назди душман, хокро бар сар задам.
Дар суроғи одамӣ, дар рӯзи равшан бо чароғ,
Хешро парвона карда, сар ба кӯю дар задам.
Гоҳ гоҳе бо дили афсурдаю фикри пареш,
Дар ҳавои базми ёрон, бода дар соғар задам.
Ёрии Ванҷӣ, ки рӯҳаш ҷовидонӣ шод бод,
Фикри нобашро шиоре, бар маҳу ахтар задам.
То ки бар Ояндагон бошад ҷиҳодам ошкор,
Саргузашти хешро бар сафҳаи дафтар задам.
Чун ғараз аз шеъри Комил, покиву озодагист,
Хомаи озодаро дар чашмаи Кавсар задам!

## БАЗМИ НАВРӮЗИ АҶАМ

Мо ба ин маҳфил насими кӯҳсор овардаем,
Аз дили лаъли Бадахшон як шарор овардаем.
Маҳфиле шоиставу боиста мебояд чунин,
Дӯстону ҳамдилон аз ҳар диёр овардаем.
Сархушӣ бодо ҳалолаш масти ҷоми ишқро,
В-андар ин хумхонаи дилҳо хумор овардаем.
Эй ҳарифон, як даме пайғоми дилро бишнавед,
Ёд аз фасли гулу меҳри нигор овардаем.
Эй худо, гар ишқ бахшӣ, бар нигори Ванҷ бахш,
З-он, ки сӯзи бекаронаш дар канор овардаем.
Зиндаю поянда бодо, базми Наврӯзи Аҷам,
Шеъри Комилро ба расми ёдгор овардаем.

## ИҚТИСОДИ ВАТАНӢ ВА РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГӢ

**Турсунов Т.Х.**
*ходими пешбари Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупо*
**Турсунова Н.Р.**
*омӯзгори фанни таърихи мактаби рақами42-и н.Фирдавсии ш.Душанбе*

# РУШДИ ТУРИЗМ ДАР ҲИНДУСТОН

Истиқлолияти миллии Ҳиндустон дар соли 1947 боиси танзими сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар гардид ва фаъолияти мустақилона дар ҳама самтҳои ҳаётан муҳим ба роҳ монда шуд. Дар ин марҳилаи муҳими таърихӣ яке аз масъалаҳое, ки барои рушди иқтисоди кишвари тозаистиқлол аҳамияти аввалиндараҷа дошт, соҳаи сайёҳӣ буд. Иқтидори мавҷуда барои густариши туризмро дар Ҳиндустон ба инобат гирифта, соли 1948 кумитаи махсуси нақлиётӣ-муассисаи махсус доир ба рушди туризм таъсис дода шуд. Дар асоси пешниҳоди ин кумита дар соли 1949, шохаи нақлиётӣ-сайёҳӣ бо шуъбаҳои минтақавӣ дар Деҳлӣ ва Мумбай созмон ёфт. Соли 1951 бошад дар Калкутта ва Ченнай низ чунин филиалҳои сайёҳӣ созмон ёфтанд. 1 марти соли 1958 шуъбаи алоҳидаи сайёҳии назди ҳукумати Ҳиндустон созмон дода шуд, ки дар доираи салоҳияти Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия қарор гирифт. Дар як вакт Шӯро оид ба рушди туризм, муассисаи машваратӣ зери роҳбарии вазир оид ба масъалаҳои туризм таъсис дода шуд. Пас аз он, ки шумораи сайёҳон нисбат ба солҳои қаблӣ ба Ҳиндустон кам гардид, дар соли 1961 ҳукумат зери роҳбарии Лакшми Кант Ҷа (котиби Департамент оид ба масоили иқтисодии назди вазорати молия) кумита таъсис дод, то сабаби кам шудани сайёҳонро мавриди омӯзиш қарор диҳад. Кумита сабабро дар таҷовузи Хитой дар муқоиса ба ҷанги чину ҳинд дар соли 1962 нисбат дод. Соли 1966

Корпоратсияи рушди туризм ҳамчун агентии функсионалии Департаменти туризм созмон дода шуд. Моҳи октябри соли 1966 сарвазир Индира Ганди Вазорати туризм ва авиасатсияи шаҳрвандӣ таъсис дод ва аввалин вазири он Каран Сингх буд. Аммо К.Сингх бо сабаби дастрас карда натавонистани воситаҳои пешбаранда ва инфрасохтори туризм ба инкишоф додани туризм муваффақ нашуд.

Ҳамин тариқ, вазорати туризми Ҳиндустон гоҳ дар алоҳидагӣ ва гоҳе дар якҷоягӣ бо вазоратҳои дигар, аз ҷумла бо вазорати хоҷагии қишлоқ, вазорати савдо фаъолият кард. Аз соли 2002 ҳамчун вазорати туризм фаъолият дорад ва дар рушди туризми Ҳиндустон нақши муассир гузоштааст.

Туризм дар Ҳиндустон яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин соҳа 39,3 миллион аҳолии кишвар фаъолият доранд, ки 7,9%-и аҳолии қобили меҳнати Ҳиндустонро ташкил медиҳад. Дар марҳилаи солҳои 1990-2011 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби туризм 229% рушд ёфтааст [15]. Аз рӯӣ таҳлилҳо дар даҳсолаи наздик ҳамасола туризми Ҳиндустон 7,7 % инкишоф меёбад. Дар соли 2011 вобаста ба интишороти *World Travel and Tourism Council (Шӯрои байналмиллалӣ доир ба туризм ва саёҳат)* соҳаи туризм дар Ҳиндустон ба буҷаи кишвар 121 миллиард доллар фоида овардааст, ки 6,4%-и ММД-и кишварро ташкил медиҳад. Дар соли 2011 *World Travel and Tourism Council* пешгӯи намуда буд, ки аз соли 2011 то соли 2021 рушди солонаи туризм дар Ҳиндустон 8,8%-ро ташкил медиҳад ва Ҳиндустон дар рӯихати кишварҳои аз нигоҳи туризм рушдёбанда дар ҷойи панҷум қарор мегирад.

Ҳамасола Ҳиндустонро аз кишварҳои гуногуни олам бо мақсади саёҳат зиёда аз 6,29 млн нафар дидан менамоянд. Сайёҳони хориҷӣ бештар аз Иёлоти муттаҳидаи Амрико (16%) ва Британияи Кабир (12,6%) мебошанд. Дар соли 2011 сайёҳон бештар ба штатҳои Махараштра, Тамилнад ва Деҳлӣ ташриф оварданд. Сайёҳони дохилӣ аксаран аз штатаҳои Андхра-Прадеш ва Тамилнад дидан менамоянд. Ченнай, Деҳлӣ, Мумбай ва Агра диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд. Дар рейтинги байналмилалӣ аз рӯи ташрифи сайёҳони хориҷӣ Ченнай дар ҷойи 41-ум, Деҳлӣ дар ҷойи 50, Мумбай дар ҷойи 57 ва Агра дар ҷойи 65 қарор гирифтаанд.

Ҳиндустон дар соҳаи туризм дар ҷаҳон миёни 139 давлат тақрибан ҷойи 28-умро ишғол менамояд. Нақлиёти ҳавоӣ ва заминии мавҷуда имкон медиҳад, ки соҳаи туризм ба дараҷаи зарурӣ инкишоф ёбад. Дар баробари ин баъзе аз соҳаҳои туризм дар Ҳиндустон заиф боқӣ мондааст. Дар Ҳиндустон дар муқоиса бо аҳолӣ ва стандартҳои ҷаҳонӣ шумораи хуҷраҳо дар меҳмонхонаҳо кам аст. Ҳукумати Ҳиндустон муайян кардааст, ки аз набудани зиёда аз 150 ҳазор хуҷраҳои меҳмонхона буҷаи кишвар ҳамасола зарар мебинад. Вазорати туризми Ҳиндустон сиёсати миллии рушд ва пешрафти туризмро коркард намудааст. Дар рафти таҳияи ин сиёсат вазорат андешаи шахони ҳавасманд, вазорату идораҳои марказӣ, агентиҳо, ҳукумати штатҳо ва ҳудудҳои иттифоқӣ ва ҳамзамон сектори хусусиро ба инобат гирифтааст. Фаъолияти дастаҷамъона боис гаштааст, ки намудҳои гуногуни туризм аз қабили туризми хоҷагии деҳот, туризми баҳрӣ, туризми тиббӣ, туризми фарҳангӣ, туризми варзишӣ ва туризми экологӣ ба роҳ монда шавад.

Вазорати туризмро ширкати Incredible India (Ҳиндустони муқтадир) дастгирӣ менамояд. Таърихи афсонавӣ ва фарҳангу ҷуғрофияи гуногунранги Ҳиндустон ҷалби сайёҳонро ба ин сарзамин бештар кардааст.

Масалан, дар штати Андхра-Прадеш теппаҳои хушманзара, ҷангалзор, мавзеъҳои оббозӣ мавҷуд аст. Ҳайдаробод ҳамчун «шаҳри дурдона» ва ё «шаҳри бонизом» дониста шуда, имрӯз яке аз шаҳрҳои рушдёфта ва маркази технологияи информатсионӣ ва биотехнология мебошад. Ҳайдаробод ҳамзамон дорои санъату фарҳанг ва таъриху санъати меъмории бой буда, макони баҳамҳоии шимолу ҷануби Ҳиндустон маҳсуб меёбад.

Дар Андхра-Прадеш бошад, маъбади Тирумали Венкатешвари –ҷойгоҳи худои Венкатешвари, дуввумин маркази динии ҷаҳон, ки одамон аз тамоми гушаҳои дунё дидан мекунанд, маъбади Вемулавадаро, ки ҳокимони сулолаи Чалукя дар солҳои 750-975 бунёд карда буданд, мавҷуданд ва макони сайёҳӣ маҳсуб мешаванд.

Марказҳои буддистии Арамаватхии округи Гунтур, Нагарҷуна-Кондаи Бхаттипролу, Мангалагири, Гхантасалаи округи Кришна, Дхуликаттаи округи Каримнагар, Лингапалеми округи Годаварии ғарбӣ ҳамчун макони сайёҳӣ нисбатан маъруф ҳастанд.

Похтахти Ҳиндустон шаҳри Деҳлӣ яке аз мавезҳоест, ки диққати сайёҳони дохиливу хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин шаҳр ҳам санъати меъмории қадима ва ҳам муосир мавҷуд аст. Деҳлӣ маркази фарҳангҳои гуногун мебошад. Зеро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ Деҳлӣ маркази империяҳои гуногун буд, ки фарҳанг ва санъати меъмории онҳоро ҳифз кардааст. То рӯзҳои мо ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангии пойтахтҳои Ҳиндустон аз қабили Туғлакобод, Қутб-Манор, Пурана-Кила, Саъди Лоди, Ҷумъа-Масҷид, Мақбараи Ҳумоюн, Қалъаи Сурх, Мақбараи Сафдарҷанг ва ғайра боқӣ мондааст. Ҳамзамон дар Деҳлӣ ёдгориҳои замони муосир аз зумраи Ҷантар-Мантар, Дарвозаи Ҳиндустон, Раштрапати-Бхаван, маъбади Лакшми-Нараяна, маъбади Лотос ва Акшардхам мавҷуд аст.

Деҳлии нав бошад бо санъати меъмории британии замони мустамликавӣ - роҳҳои васеъ, гулгаштҳои сабзу хуррам маълуму машҳур аст. Деҳлӣ ин макони фарҳанги сиёсӣ, осорхонаҳои миллӣ, маъбаҳои ҳиндӣ, муқаддасоти исломӣ, хиёбонҳои гулпӯш ва марказҳои тиҷоратии замонавӣ мебошад, ки бешубҳа ба ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ сабаб мешавад.

Яке аз маконҳое, ки диққати сайёҳонро ба худ мекашад ва ба рушди туризм сабаб гардидааст, ин Тоҷмаҳал мебошад. Тоҷмаҳал яке аз дастовардҳои муҳими санъати меъмории Ҳиндустон буда, дар шаҳри Агра, дар штати Уттар-Прадеш воқеъ гаштааст. Тоҷмаҳалро тақрибан дар миёнаи солҳои 1631 ва 1653 Шоҳҷаҳон ба хотири ҳамсараш Мумтозмаҳал бунёд кардааст. Дар Тоҷмаҳал хокистари Мумтозмаҳал нигоҳ дошта мешавад.

Ёдгории дигари тамошобоб ин шаҳри Фотеҳпур-Сикри дар штати Уттар-Прадеши Агра мебошад. Дар замони ҳокимияти Акбари I (1571-1585) ин шаҳр пойтахти Империяи Моғулҳои Бузург буд, вале вақте, ки император ба Лоҳур куч баст, дигар пойтахт набуд. Аз соли 1986 шаҳри қадимаи Фотеҳпур-Сикри ҳамчун объекти мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шинохта шудааст.

Шаҳри Варанаси низ дар штати Уттар-Прадеш ҷой дорад. Чуноне, ки Ватикан барои католикҳо арзиш дорад, Варанаси барои ҳиндуҳо чунин арзишро дорост ва онро Рими ҳиндуҳо медонад. Варанаси шаҳри муқаддаси буддистҳо ва ҷайнистҳо ба

ҳисоб рафта, яке аз мавзеъҳои муқаддас дар ҷаҳони ҳиндуизм мебошад.

Маъбади Махабодхи аз маъбадҳои машҳури дини буддоӣ буда, дар Бодх-Гая айнан дар ҷойест, ки Гаутама Сидхарта Буддо шуда буд. Бодхя-Гая дар штати Биҳор 96 километр дуртар аз Патна воқеъ аст. Ба комплекси маъбад дарахти муқаддаси Бодхи низ шомил аст. Дар соли 2002 маъбади Махабодхи ба объетҳои муҳофизатии мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

Наланда - донишгоҳи буддоӣ ва комплекси монастирӣ, ки аз асрҳои V-XII дар шимоли Ҳиндустон боқӣ мондааст ва бузургтарин маркази таълимии замони худ маҳсуб ёфта, дар он файласуфони бузурги буддоӣ аз кишварҳои гуногуни олам таълим гирифта буданд. Ёдгории таърихии Наланда дар музофоти Биҳор, 90 км дар ҷанубу шарқи Патна воқеъ мебошад.

Маъбади Брахидеешварар - ибодатхонаи ҳиндӣ, санъати меъмории дравидӣ дар шаҳри Тханҷавур дар штати Тамилнад воқеъ аст. Брахидеешварар бо фармони шоҳ Раҷараҷа Чолаи I аз сулолаи Чола бунёд карда шудааст. Дар баробари дигар муқаддасоти Чола, Брахидеешварар ба рӯихати объектҳои мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидааст.

Маъбади Айраветасвара маъбади ҳиндии санъати меъмории дравидӣ дар шаҳри Дарасурами штати Тамилнад воқеъ гардида, бо фармоиши шоҳ Раҷараҷа Чоли II дар садсолаи дувоздаҳум бунёд карда шудааст. Ин маъбад низ аз ҷониби ЮНЕСКО ҳифз карда мешавад.

Маъбади соҳилӣ - маъбади ҳиндӣ воқеъ дар штати Тамилнад, дар қатори дигар ёдгориҳои Махабалипурама соли 1984 ҳамчун мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО эътироф шудааст.

Хармандир-Сахиб маъбади маркизии дини сикхизм дар шаҳри Амритсар штати Панҷоб воқеъ аст. Дар соли 1577 гуру сикхи 4-ум Рам Дас обанбор бунёд кард, ки ҳамчун Амритсар (сарчашмаи шаҳди ҷовидона) машҳур аст. Ин ном минбаъд ба номи шаҳр табдил ёфт. Дар маркази обанбор маъбад мавҷуд аст, ки нишеманҳои болоии он бо тилло оро дода шудааст ва номи дигари он «Маъбади тиллоӣ» аст.

Маъбади Нилуфар (Лотос) маъбади асосии баҳоиёни Ҳиндустон ва кишварҳои ҳамҷавор мебошад. Ин бинои боҳашамат аз мармари сафед дар шакли шукуфтани гули

нилуфар сохта шуда, дар Деҳлӣ воқеъ аст ва сайёҳон ба тамошои он таваҷҷуҳи зиёд доранд.

Хова Маҳал - ҳарами панҷнишемаи қаноти комплекси махараҷи Ҷайпур Савай Пратап Сингх, ки солҳои 1778-1803 ҳукм рондааст, буда, аз резасангҳои гулдор дар шакли тоҷи Кришна на дертар аз соли 1799 сохта шудааст.

Тоҷ-Маҳал Палас яке аз машҳуртарин меҳмонхонаҳои Ҳиндустон дар давоми садсолаҳо буд. Он дар асри XIX бунёд шуда, дар давоми солҳои зиёд ҳунармандон, нависандагон, фаъолони сиёсӣ иҷора нишастаанд. Дар солҳои 70-уми асри XX зиёда аз 50 меҳмонхонаҳои «Тоҷмаҳал» дар Ҳиндустон ва 13 меҳмонхонаи «Тоҷмаҳал» дар миқёси ҷаҳон бунёд карда шуданд.

Ёдгории Виктория – ёдгории маликаи Британия Виктория, ки унвони императорзани Ҳиндустонро дошт. Ин ёдгорӣ имрӯз ба сифати осорхона дар Калкутта мавриди тавваҷҷуҳи сайёҳони дохиливу хориҷӣ қарор гирифтааст.

Вокзали Чхатрапати Шиваҷи- вокзали таърихӣ дар шаҳри Мумбай буда, яке аз серодамтарин вокзалҳои Ҳиндустон мебошад. Ин вокзал ба мисли бузургтарин фурудгоҳи Ҳиндустон ба номи қаҳрамони миллии Ҳиндустон Чхатрапати Шиваҷӣ номгузорӣ шудааст.

Сайёҳони хориҷиву дохилӣ бештар аз штатҳои Махараштра, Тамилнад, Деҳлӣ, Уттар-Прадеш, Андхра-Прадеш, Роҷистон, Банғолаи ғарбӣ, Биҳор, Керала, Карнатака, Химачал-Прадеш, Уттаракханд, Гуҷарат дидан менамоянд.

Табиат ва ландшафтҳои зебо боиси рушди туризми экологӣ дар Ҳиндустон гаштааст. Созмони умумиҷаҳонии тандурустии СММ туризми экологиро як шакли саёҳат дар бағали табиат номидааст, ки дар Ҳиндустон ин навъи туризм рушд кардааст. Боғҳои фарҳангӣ-фароғатии миллии Ҳиндустон, аз зумраи Казиранга, Ҷалдапара, Манас, Дачигам, Ҷавҳар, Бандипур, Нагархол, Мудумалай ва Ваянад макони рушди экотуризм мебошанд.

Туризм яке аз соҳаҳои сердаромади соҳаи иқтисоди Ҳиндустон буда, ҳамасола ба буҷаи давлат 5 миллиард доллар фоида оварда, 50 млн. нафарро бо ҷойи кор таъмин менамояд.

Ҳанӯз чанд сол қалб агар сафар ба Ҳиндустон саёҳати «Секунҷаи тиллоӣ» дониста мешуд, имрӯзҳо истироҳат дар курортҳои Ҳиндустон маъмулӣ гаштааст. Аз рӯйи хусусиятҳои

хосашон худудҳои туристӣ ба якчанд гуруҳҳо ҷудо карда мешаванд, ки дар байни онҳо ноҳияҳои курортӣ ва комплесҳои алоҳидаи табобатию санитарӣ ва комплесҳои туристии лижаронии кӯҳӣ шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Ноҳияҳои туристии наздибаҳрӣ – яке аз минтақаҳои зудинкишофёбандаи соҳаи туризм ба ҳисоб мераванд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ аз рӯйи шумораи қабули туристон ноҳияҳои наздибаҳрӣ баъд аз шаҳрҳои машҳури туристӣ ҷойи дуюмро мегиранд. Машҳуртарин курортҳо дар соҳилҳои ғарбии Ҳиндустон, бахусус дар штати Гоа ҷойгир шудааст. То соли 1963 Гоа мустамликаи Португалия буд. Ин мавзеъ аз рӯи рушди туризм миёни аврупоиён хеле маъруф гаштааст. Рушди туризм дар Гоа ба солҳои 70-уми қарни гузашта рост меояд. Зеро дар ин марҳила гуруҳи «ҷавонони тиллоӣ»-и замон хиппиҳо (аз рӯи тафсири этимологӣ hip ё hep - доно, donанда) аз тамоми гушаву канори олам ба Гоа ташриф меоварданд. Хиппиҳо баъзан аз Аврупо пиёда тариқи Эрону Афғонистону Покистон бе роҳкиро ва бе харитаи муайяни сафар ба Ҳиндустон мерасиданд. Моҳҳову солҳо дар Гоа мемонданд. Имрӯзҳо дар Гоа нафаронеро вохӯрдан мумкин аст, ки ба мисли хиппиҳои солҳои 70-ум сару либос доранд. Вақти бисер мувофиқ барои сайёҳат ба Гоа моҳҳои аз октябр то март мебошад. Дар дигар моҳҳо боронҳои дарозмуддат монеа барои истироҳат аст. Яке аз мавзеъҳои диданибоби Гоа ин мавзеи истироҳатии Морҷим аст, ки миёни Арҷум ва Арамбол воқеъ аст. Дар Гоа Морҷимро «деҳаи русҳо» мегӯянд, чунки 80%-и сайёҳон русҳо ҳастанд.

Яке аз мавзеъҳои дигари сайёҳӣ дар Ҳиндустон штати ҷанубии соҳили ғарбӣ Керала мебошад. Керала ба даҳгонаи маконҳои хушманзараи дунё шомил шудааст ва яке аз штатҳои рушдкардаи Ҳиндустон мебошад. Беҳтарин ва зеботарин кулҳо дошта, дарахтони сершумори норгили зебо дар Марави ва Ковалама қомат афрохтаанд. Инфрахохтори истироҳатӣ ва меҳмонхонаҳои барҳаво табъи дили сайёҳон аст. Курортҳои Керала бо марказҳои аюрведии худ маълуму машҳуранд.

Дар Гоа яке аз ҳолатҳои барои сайёҳон хатарзо ҳаракат дарроҳҳо мебошад. Ҳаракат дар роҳ дар Гоа аз кишварҳои пасошӯравӣ ба куллӣ фарқ дорад. Полис ба сайёҳон кор намегирад. Аз ин рӯ, аксарияти сайёҳон аз байк истифода

мекунанд ва аксаран дар ҳолати сархушӣ, ки ба дигар иштиркочиёни ҳаракат дар роҳ хатар эҷод менамояд.

Ҳамасола Ҳиндустонро сайёҳони хориҷӣ дидан менамоянд ва соли 2017 шумораи сайёҳоне, ки аз Ҳиндустон дидан намуданд, 5 млн. нафарро ташкил медиҳад ва ин шумора ҳамсола 10 % афзоиш меёбад ва ин беҳуда нест [10]. Зеро Ҳиндустон кишвари дилрабои туристӣ буда, чи барои туризми муташаккил ва чи туризми ҷудогона шароити созгор дорад. Нафаре барои тадқиқот, дигаре барои ҷустуҷӯи маънавиёт, сеюмӣ бо шавқу ҳаваси сайёҳӣ, чорумӣ барои хоҳишҳои оддӣ, панҷумӣ барои узлат, шашумӣ бо ҳисси озодӣ ва ғайра аз Ҳиндустон дидан менамоянд. Ландшафтҳои табиӣ, кӯҳу ҳамворӣ, ҷангалу теппа, соҳили уқёнус ва ҷунглӣ табиатро рангорангу диданӣ кардааст. Фарҳанги бою қадима ва санъати бузург, анъанаву урфу одат, мусиқӣ ва рақс, ҳунармандӣ ва ғайра ҷолиби диққат аст. Анъанаҳои бузурги дини ҳиндузму буддизм, ислому насронӣ, ҷайнизму зардуштӣ бемонеа нигоҳ дошта мешавад.

Аз рӯи натиҷаи соли 2017 Ҳиндустонро зиёда аз 10 миллион сайёҳони хориҷӣ дидаанд, ки 27 млрд. доллар фоида овардаанд. Дар ин хусус роҳбари Шӯрои туризми кишвар Кдж Алфонс ахборот додаст. Аз рӯӣ андешаи ӯ ММД-и Ҳиндустон аз ҳисоби сектори туризм 6,88 % буда, ҳиссаи ҷойҳои корӣ аз ин ҳисоб 12 %-ро ташкил медиҳад. Танҳо дар моҳи ноябри соли 2017 зиёда аз 1 млн. нафар аз Ҳиндустон дидан кардаанд. Аз ин ҳисоб 16,77%-и сайёҳон аз кишвари Бангладеш, 14,77% аз Амрико, 10,23% аз Британияи Кабир, 4,41% аз Русия, 4,39% аз Канада, 3,96% аз Австралия, 3,50% аз Малайзия буданд.

Қайд кардан ба маврид аст, аз ҳам намудҳои туризм дар Ҳиндустон бештар туризми тиббӣ ташаккул ёфтааст. Сайёҳон бештар аз Ғарб ба Ҳиндустон барои табобат ташриф меоранд. Зеро хизматрасонии тиббӣ дар Ҳиндустон нисбат ба кишварҳои Ғарб аз 40 то 80 % арзонтар аст. Сайёҳони тиббӣ аз Африқо ва Осиё Ҳиндустонро барои он интихоб менамоянд, ки сифати хизматрасонӣ дар сатҳи олӣ буда, кормандони соҳаи тиб баландихтисос ҳастанд ва бештари онҳо маълумотро дар кишварҳои Ғарб гирифтаанд.

На танҳо нархи пасти хизматрасонӣ боиси рушди туризми тиббии Ҳиндустон аст, ҳамзамон хизматрасонии тиббӣ дар

пешрафтатарин беморхонаҳои Ҳиндустон на камтар аз хизматрасониҳои тиббии беморхонаҳои Амрикову Британияи Кабир мебошад ва аз хизматрасонии аксари кишварҳои Осиё куллан бартарӣ дорад. Беморон аз кишварҳои Ғарб, ки муассисаҳои муосири тиббии аккредитасияшудаи Ҳиндустонро интихоб мекунанд, сатҳи баланди хизматроние, ки ба он одат карданд, мавҷул буда, духтурон ва кормандони тиббии Ҳиндустон ҷавобгӯй ба талаботи стандартии кишварҳои Ғарб мебошанд. Масалан, яке аз трансплантологи ҷаҳонӣ Муҳаммад Рела ҳаст, ки барои ивази ҷигари кӯдаки 5-рӯза ба китоби рекордҳои Гиннес ворид гардида, то имрӯз зиёда аз 4 ҳазор ҷарроҳии ивази узвҳои инсонро гузаронидааст. Ҳамасола дар Ҳиндустон зиёда аз 20 000 ҷарроҳии ивази узвҳои инсон гузаронида мешавад, ки дар муқоиса бо Германия (15 000 маротиба) ва Белорусия (300 маротиба) бештар аст. Нархи ивази ҷигар дар Германия 290 ҳазор доллар, дар Белорусия 120 ҳазор доллар ва дар Ҳиндустон 40 ҳазор доллар аст.

Стандарти аккредитатсияро дар Ҳиндустон Федератсияи тандурустии Ҳиндустон, Шӯрои туризми тиббии Ҳиндустон ва Вазорати тандурустии Ҳиндустон назорат менамоянд. Аккредитасияи беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои тиббиро Шӯрои миллӣ доир ба аккредитатсияи беморхонаҳо ва провайдерҳои хизматрасонии тиббӣ (NABH), ки ба Шӯрои ҳиндӣ доир ба сифат (QCIN) шомил аст, ба амал мебарорад. Баъзе аз беморхонаҳо дорои аккредитасияи Комиссияи муттаҳидаи байналмиллалӣ, Созмони умумиҷаҳонӣ оид ба стандартикунонӣ (ISO), Институти бритонӣ доир ба стандартикунонӣ буда, аксари беморхонаҳо бо муассисаҳои тиббӣ ва ширкатҳои суғуртавии Амрико ва дигар кишварҳои Ғарб ҳамкорӣ доранд.

Тақрибан ба 60%-и сайёҳони табобатгиранда беморхонаҳои шахсии пешрафта хизмат мерасонад.

Яке аз провайдерҳои бузурги хизматрасонии тиббӣ дар Осиё Apollo мебошад, ки инфрасохтори муосиртаринро ба кишварҳои ҷаҳони сеюм пешниҳод менамояд. Беморхонаҳои Apollo аввалин аз муассисаҳои аккредитатсияшудаи Комиссияи муттаҳидаи байналхалқӣ (JCI) буданд ва пешрафтатарин беморхонаҳоро дар Банғалор, Ҷеннай, Ҳайдаробод, Деҳлӣ, Панҷоб ва Калкутта

муттаҳид мекунад. Ширкати Apollo ҳамзамон бо беморхонаҳои Johns Hopkins Medicine International ҳамкорӣ дорад.

Ба шабакаи беморхонаҳои Fortis Healthcare зиёда аз 10 беморхона дар шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон, аз қабили Деҳлӣ, Мумбай ва Ҷеннай шомил мешавад. Чор беморхонаи Fortis аз тарафи Комиссияи муттаҳидаи байналхалқӣ (JCI) аккредитатсия шудаанд ва аксарияти онҳо муассисаҳои муосири тиббӣ мебошанд.

Ширкати Columbia Asia як қатор беморхонаҳои Ҳиндустон ва дигар кишварҳои Осиёро идора мекунад. Клиникаи пешсаф дар Ҳиндустон беморхонаи Columbia Asia Referral дар Банғалор мебошад, ки аз ҷониби Шӯрои миллӣ доир ба аккредитатсияи беморхонаҳо ва провайдерҳои хизматрасонии тиббӣ аккредитатсия кардааст.

Беморхонаҳои шабакаи Wockhardt як беморхона дар Банғалор ва як беморхона дар Мумбайро фаро мегирад. Ин беморхонаҳои сатҳи олӣ буда, бо Harvard Medical International - шуъбаи байналхалқии мактаби тиббии Гарвард ҳамкорӣ дорад. Wockhardt ҳамзамон бо ширкати суғуртавии Blue Cross Blue Shield ҳамкорӣ дошта, ба сайёҳони тиббии америкоӣ хизмат мерасонад.

Ҳиндустон ба беморон табобати бемориҳои ҷарроҳии ортопедӣ (иваз кардани буғуми рон, зону ва ғ.), бемориҳои дил, ҷарроҳии дил, ҷарроҳии косметикӣ-пластикии рӯй, қафаси сина, дандондармонӣ, ҷарроҳии кам кардани вазн, касалиҳои раг, бемориҳои чашм, нейрохирургия, ҷаррорҳии умумӣ, нефролгия ва ивази гурда ва дигар бемориҳоро пешниҳод мекунад.

Духтурони Ҳиндустон барои фаъолияти касбӣ мутобиқи қонун ҷавобгаранд. Дар Ҳиндустон хатогӣ ва саҳлангории духтурон дар судҳои махсус оид ба ҳуқуқи истифодабаранда мавриди таҳқиқи мунсифона қарор мегирад.

Ҳиндустон имрӯз яке аз се кишвари пешрафтаи Осиё дар соҳаи туризми тиббӣ мебошад ва дар соҳаи дастовардҳои трансплантологӣ ба китоби рекордҳои Гиннес шомил гардидааст.

Туризм падидаи мураккаби иқтисодию иҷтимоии замони муосир мебошад ва вобаста ба беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ инкишоф меёбад. Туризм чун дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар

баробари густариши тамаддуни инсонӣ тағйирёбанда буда, он навгониҳои ҳаёти муосирро таҷассум менамояд.

Афзалияти рушди туризм дар он аст, ки бо сармояи нисбатан кам даромади калони пулӣ ба даст меояд ва шумораи зиёди мардум бо кори дорои музди баланд таъмин мешаванд. Дар мавриди рушди туризм иртибот бо Корпоратсияи давлатии туристии Хиндустон натиҷаи дилхох мебахшад. Ин корпоратсия дар Ҳимолой дорои объектҳои сершумори ҷаҳонгардист ва дар самти ҷалби сайёҳон таҷрибаи ғанӣ дорад.

Хуллас, дар Ҳиндустон туризм ба дараҷаи лозимӣ рушд кардааст ва барои боз ҳам густариш ёфтани он ҳукмати кишвар чораҳои зарурӣ дида истодааст. Дар ҳоли ҳозир чи туризми дохилӣ ва чи туризми байналмиллалӣ рӯ ба инкишоф аст. Дар кишвар барои рушди туризм ташкили инфрасохтор бо маром идома дорад. Ба ақидаи иқтисодчиёни Шурои иқтисодии Созмони Миллали Мутаҳид давлат дар сурате туризмро хуб инкишоф дода метавонад, ки агар 87%-и неъматҳои моддии зарурии туристон аз истеҳсолоти миллӣ таъмин карда шавад. Бунёди меҳмонхонаҳои нав, кушодани тарабхонаҳои нави замонавӣ идома дошта, алоқаи нақлиётӣ байни мавзеъҳои туристӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон хатсайрҳои нав барои сайёҳон коркард шуда, сифати хизматрасониҳои туристӣ баланд гардидааст, ки боиси боло рафтани имиҷи байналхалқии Ҳиндустон мебошад.

Ҳукумати Ҳиндустон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки ёдгориҳои фарҳангиро азнавсозӣ карда, сарватҳои табииро ҳифз ва омилҳои ногувори таъсиррасон ба муҳити зистро бартараф намояд. Ба Ҳиндустон зарар аст, ки барои қабули гуруҳҳои калони туристии маҳаллӣ ва хориҷӣ ҳоло ҳам бештар заҳмат кашад. Шумораи зиёди туристони дохиливу хориҷӣ ба табиат ва як қатор мавзеҳои туристӣ таъсири номутаносиб мегузоранд. Аз ин лиҳоз дар бисёр маврид хизматрасонӣ ба сайёҳон дар сатҳи олӣ ба роҳ монда намешавад. Дар маҷмуъ, туризм ба пойдории сулҳ миёни халқҳо мусоидат намуда, ба рушди иқтисоди миллӣ сабабмешавад.



**Номвар ҚУРБОНОВ**
табиатшинос

# ИҚТИСОДИ «САБЗ» - ЗАМИНАИ БУНЁДИИ РУШДИ УСТУВОР

Иқтисоди сабз яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, тайи ду даҳсолаи охир ба арсаи илм ворид гардидааст ва дар доираи он бахшҳои дигари иқтисод, ки аз ҷузъҳои табиати муҳити атроф вобастагӣ доранд, баррасӣ мешаванд. Аз ин рӯ, солҳои охир ибораи иқтисоди сабз вирди забони олимон, сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ, энергетика, иқтисод ва ҳоказо мечархад. Консепсияи иқтисоди сабз ғояҳои мухталифи улуми иқтисод ва фалсафа, аз ҷумла иқтисоди феминистӣ, иқтисоди захиравӣ, иқтисоди экологӣ, иқтисоди муҳити зист, постмодернистӣ, зиддиистеъмолот, муқобил ба ҷаҳонишавӣ, анархияи сабз, сиёсати сабз ва назарияи муносибатҳои байналмилалиро дарбар мегирад. Ҳамин аст, ки барои амиқан ифода кардани иқтисоди сабз то ҳанӯз фаҳмиши ягонаю умумӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, назарияи иқтисоди сабз аз се аксиома - 1) васеъ намудани майдони таъсир дар фазои маҳдуд ғайриимкон аст; 2) афзоиши бемеъёри талаботҳои қонеъкунанда дар шароити маҳдуди захиравӣ ногузир аст ва 3) ҳам чизҳо дар сатҳи Замин бо ҳам алоқаманданд, асос ёфтааст.

Айни замон ҷомеа моҳияти ибораи иқтисоди «сабз»-ро ба маъноҳои мухталиф фарқ мекунад. Гурӯҳи аввал чунин меҳисобанд, ки ин соҳаи нави иқтисод буда, табиати муҳити зистро бехтар мегардонад. Тарафи дуюм ин ифодаро ҳамчун технологияи нав ва як навъи экосистема, ки ба кӯмаку фоидаоварӣ ба табиат даъват мекунад, мефаҳманд. Гурӯҳи сеюм чунин мепиндоранд, ки он марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосиаш истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза

аст. Дар маҷмуъ, иқтисоди сабз ба технология тоза ё «сабз» асос ёфтааст.

Баробари рушди иқтисоди сабз тарафдорони он низ сол аз сол зиёд мегарданд, ки Мюррей Букчин (ҷомешиноси иртиҷоии амрикоӣ), Ҷейн Ҷекобс (нависандаи канадагӣ-амрикоӣ), Эрнст Шумахер (иқтисоддони британӣ), Рейчел Карсон (биологи амрикоӣ), Дэвид Кортен (профессори тиҷорат), Роберт Костанса (иқтисоддони экологии амрикоӣ), Линн Маргулис (биологи амрикоӣ), Деннис Медоуз (профессори идоракунии система), Герман Дэйли (иқтисоддони экологии амрикоӣ), Амос Тверски (равоншиноси исроилӣ) ва Светлана Липина (иқтисоддони Русиягӣ) аз аввалинҳо мебошанд. Ҷонибдорони иқтисоди сабз аз соли 2006 ин ҷониб маҷаллаи International Journal of Green Economics нашр мекунанд ва ҳамзамон, Институти иқтисоди сабзро таъсис додаанд.

Дар баробари ин, мушкилоти мухталифи глобалии экологӣ, амнияти озуқаворӣ, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо неруи барқ ва ҳоказо тамоми созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва кишварҳоро маҷбур сохтааст, ки барои бартараф кардани ин проблемаҳо, коҳиш додани таъсироти манфӣ ба муҳити зист ва мутобиқ гардонидани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба тағйирёбии глобалии иқлиму баландшавии ҳарорат ҳарчи зудтар ба модели нави иқтисодӣ рӯйи оранд. Чунки зарурати коркарди модели нави рушди иқтисодӣ, яъне иқтисоди сабзро афзудани хатарҳои экологӣ ва таъсири манфӣ ба муҳити зист ба миён овардааст. Аз ин рӯ, қисме аз коршиносон иқтисоди сабзро ба маънои васеъ, тарзи фаъолияти хоҷагидорие меҳисобанд, ки ба боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон хатарро ба муҳити зист ва харобшавии табиат коҳиш медиҳад. Ба маънои маҳдуд бошад, ҳамчун технологияи коркард, истеҳсолу истифодабарии таҷҳизот барои назорат ва коҳиш додани партовҳои ифлоскунандаю газҳои гулхонаӣ, мониторинги тағйирёбии иқлим ва инчунин, технологияҳои энергиясарфакунанда ва энергетикаи барқароршаванда маънидод карда мешавад.

Фаҳмиши иқтисоди сабз ба ҳарду маъно, ҳам бо манои васеъ ва ҳам бо маънои маҳдуд истифодаи васеъ дошта, он дар ҳардуи маъно ба самти мутобиқ гардонидани шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ ба тағйирёбии иқлим, коҳиш додани таъсироти

манфӣ ба муҳити атроф ва солимии ҷомеа, истифодаи босамари захираҳои табиию инсонӣ, ҳифз кардани тавозуни биомасса, истеҳсолу истифодаи маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза ва рӯй овардан ба манбаъҳои алтернативии энергия нигаронида шудааст. Барои амалӣ гардидани ин нақшаҳо ва ноил шудан ба аҳдофи гузошташуда дар барномаҳои Созмони Милали Муттаҳид гузариш ба «иқтисоди сабз» («green economy») ва «рушди сабз» («green growth») пешниҳод шудаанд. Ин пешниҳодот аз як тараф барои рушди иқтисоди сабз заминаҳои меъёриву ҳуқуқиро дар саросари ҷаҳон таъмин мекунад ва аз ҷониби дигар тамоми мамолики ҷаҳонро водор менамояд, ки дар марзи худ рушди сабзро тақвият диҳанд. Ва мусаллам аст, ки ҳадафи ягонаю умумӣ ҳифзи табиати сайёра, солимии аҳолӣ ва чун сабзу зебо ба мерос гузоштани хонаи умеди башарият - сайёраи Замин ба насли ояндаи инсоният мебошад.

Таърих гувоҳ аст, ки дар тақдиру толеъи инсоният ҳеҷ гоҳ монанди имрӯз барои рушду инкишоф додани сохтори афкору андеша имконият фаро нарасида буд. Тавре ба назар мерасад, бо вуҷуди он ҳама комёбиҳои беназир, боз яккатор муаммоҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологӣ инсониятро ба ташвиш оварда, олимон, мутахассисону сиёсатмадорон барои бартараф намудани онҳо ғояҳои рушдро пешниҳод менамоянд, ки яке аз онҳо маҳз иқтисоди сабз аст. Дар иқтисоди сабз ба фаъолияти он хоҷагидорие афзалият дода мешавад, ки дар баробари таҷдид ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ба баланд шудани сифати ҳаёт ва беҳбудии муҳити зист мусоидат намояд. Дар ҳуҷҷатҳои расмии кишварҳои мухталиф ҳадафҳои иқтисоди сабз аз ҳам тафовут доранд. Масалан, барои кишварҳои рушдёфта ҳадафи асосӣ - рақобат ва таъмини ҷойҳои корӣ ва дар ҳуҷҷатҳои кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳадаф - расидан ба рушди устувор, коҳиш додани масоили камбизоатӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Вале дар ягон ҳуҷҷат қазияҳои экологӣ, бахусус маҳдудияти экологии рушд дар мафҳуми иқтисоди сабз ишора нагардидааст. Ин исботи он аст, ки омили асосӣ дар иқтисоди сабз - худи иқтисод ва соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, иқтисоди сабз ба таъминоти талаботҳои инсон бо назардошти алоқамандӣ бо муҳити зист ташаккул меёбад.

Бинобар ин, яке аз принсипҳои асосии иқтисоди сабз волоияти арзиши истеъмолӣ ва сифат мебошад, ки он ба истеъмолгари ниҳоӣ ва беҳдошти муҳити зист нигаронида шудааст. Дар иқтисоди сабз усулҳои ғайрисамаранок ва исрофкоронаи ташкили ҳама гуна бахши иқтисод ҷоиз нест. Тибқи ин консепсия дар табиат партов вуҷуд надорад, анҷоми як раванд ё ҷараён ин оғози равандҳои дигар мешавад. Яъне, ин чунин маъно дорад, ки партовҳо ба сифр баробар мешаванд. Принсипи дигари иқтисоди сабз ба гуногунӣ рабт дорад ва ин мафҳум ба ҳамаи сатҳҳои зиндагӣ (гуногунии намудҳо, экосистемаҳо, минтақаҳо) ва инчунин, гуногунии иҷтимоию экологӣ дахл дорад. Бо экологикунонии ҷомеа ҳудудҳои сиёсию иқтисодӣ аз байн рафта, ба иқтисоди биоминтақавӣ табдил меёбад. Дар иқтисоди сабз бештар ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти саноати «сабз» ва энергияи барқароршаванда афзалият дода мешавад. Аз ин рӯ, ҷанбаи тағйироти иҷтимоию экологиро дар консепсияи иқтисоди сабз дар якҷоягӣ дида баромадан мумкин аст. Дар консепсияи рушд ба ягон бахши ҷамъиятию хусусии иқтисод афзалияти махсус дода намешавад. Чунки, бахшҳои давлатию хусусӣ дар бозор таваҷҷуҳи худро бояд ба арзишҳои иҷтимоию экологӣ равона намоянд. Ва дар ин раванд ҳамкории зич миёни давлат бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таҳаввулоти инноватсионӣ вуҷуд дошта бошад. Барои амалӣ кардани ин таҷриба бояд тарҳи нави раванду қоидаҳои иқтисодӣ тартиб дода шаванд ва рафтори экологиро ташаккул дода, дар ҳаёти ҳаррӯзаи иқтисодӣ татбиқ намоянд.

Омили дигари амалӣ шудани иқтисоди сабз барои бартарафсозии камбизоатӣ имкони хуб фароҳам меорад. Зеро байни бартарафнамоии камбизоатӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиию экосистемаҳо робитаи мустақим вуҷуд дорад, чунки аз афзоиши сармояи табиӣ барои қишри камбизоати аҳолӣ манфиати бевосита мерасад. Дар баробари ин, тадбирҳои гузариш ба иқтисоди сабз ва дар ҳудуди 2 дараҷа нигоҳдории гармшавии глобалӣ имкон медиҳанд, ки то соли 2030 24 млн ҷойи нави корӣ ташкил мешавад. Бино ба иттилои Созмони байналмилалии меҳнат ҷойҳои нав дар натиҷаи дигаргунӣ дар бахши энергетика ба вуҷуд омада, зарурат ба кормандон дар

соҳаҳои тозасозии ҳаво, об, замин ва инчунин, ҳифз аз офатҳои хусусияти табиидошта низ хоҳад афзуд.

Зеро тибқи гузориши Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ зиёда аз 80% талафоти оқибатҳои офатҳои табиӣ дар саросари ҷаҳон ба обу ҳаво, иқлим ва об: тӯфонҳо, обхезиҳо ва хушксолиҳо робита доранд. Давоми 30 соли охир шумораи ин офатҳо се маротиба зиёд гардида, дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулодаи табиии солҳои 90-уми асри XX зиёд аз 600 000 нафар ҷон бохтаанд. Ин боиси зиёдшавии басомади шиддатноки боронҳои сахт, шамолҳои сахт, афзоиши шумораи рӯзҳои беҳад гарм, миқдори ниҳоят баланд ва хеле пасти ҳаҷми маҷро ва ҳамчунин Гурӯҳи коншиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлими Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ тасдиқ менамояд, ки ин тамоил дар оянда низ идома меёбад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93%-и ҳудуди онро кӯҳҳо ишғол мекунанд, ҳолатҳои фавқулода хусусияти табиидошта ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ таъсироти манфии зиёд мерасонанд ва ҳадафҳои рушди устуворро коҳиш медиҳанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон ҳолатҳои фавқулода аз ҳама бештар дар Бадахшон ва Зарафшон ба вуҷуд меоянд. Масалан, аз шумораи умумии офатҳои табиии дар тамоми ҷумҳурӣ 6,5%-и онҳо ба Зарафшон рост меояд.

Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент обхезии калонмиқёс соли 2012 ба қайд гирифта шуд, ки хисороти иқтисодии он 4,66 млн доллари ИМА буд. Дар ноҳияи Айнӣ чунин ҳолат соли 2002 бо зарари иқтисодии зиёда аз 3 млн доллари ИМА мушоҳида гардид. Ё бар асари офатҳои табиии соли 2005 баамаломада дар ноҳияи Ҳамадонӣ 266 хонаи истиқоматӣ хароб гардида, 2025 нафар бесарпаноҳ монданд. Ва ё 16.07.2015 дар ноҳияи Шуғнон сел 6 мағоза, роҳу хатти барқ ва 41 хонаро вайрон карда, 56 оиларо аз манзил маҳрум сохт. Ё ин ки дар натиҷаи номусоид омадани обу ҳавои солҳои 2007-2008 беш аз 40 ноҳияи Тоҷикистон дучори офатҳои табиӣ гардиданд, ки хисороти иқтисодии ин офатҳо беш аз 100 млн доллари ИМА-ро ташкил дод. Ҳамин тавр, соли 2017 дар Тоҷикистон 883 офати табиӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар ин ҳаводис беш аз 30 нафар ба ҳалокат расидаанд. Аз шумораи умумии ин ҳодисаҳо 56 ҳолат ба хоҷагии халқ ва аҳолӣ зарари моддии ҷиддӣ

расонидаанд. Аз шумораи умумии офатҳои бақайдгирифташуда 20,2% - заминларза; 19,1% - сел; 19,1% - сангрез; 16% - фаромадани тарма; 8,5% - обхезӣ; 5,3% - шамолҳои шадид; 4,3% - ярч; 3,2% - боришоти барфи зиёд ва хунукиҳо; 3,2% - намнокӣ ва 1,1% - баландшавии сатҳи оби дарёҳоро ташкил медиҳанд.

Дар боробари ҳолатҳои фавқулода яке омилҳои асосие, ки раванди тағйирёбии иқлиму мушкилоти оби нӯшокиро тезонида, барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор монеагӣ эҷод мекунад, обшавии пиряххо ва коҳиш ёфтани майдони яхбандиҳо мебошад. Ин раванд дар навбати аввал боиси серобии дарёҳо, шусташавии соҳил ва харобшави киштзор гардида, баъдан ба хушкшавии рӯдҳои хурд, хушксолиҳо ва норасоии об барои киштзорҳо оварда мерасонад. Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки давоми солҳои 1970-2015 камшавии майдони пиряхҳо ва афзудани шумораи офатҳои табиӣ бештар ба назар мерасид ва маҳз дар ин давра масоҳати пиряхҳои кӯҳҳои Помиру Олой 11-16% ва ҳаҷмашон соле аз 12 то 17% кам шудааст. Агар ин вазъ ба чунин тарз ифдома ёбад, то соли 2050 тахмин 30%-и пиряхҳои Тоҷикистон аз байн раванд.

Мусаллам аст, ки мушкилоти мавҷуда масъалаи як бахши муайяни илм набуда, аз масоили гуногуни маҷмӯии байнисоҳавӣ иборат аст, зеро тағйирёбии иқлим на танҳо ба коҳишёбии пиряхҳо, соҳаҳои кишоварзию иқтисодӣ, балки ба саломатии одамон низ таъсири манфии зиёд дорад. Ба андешаи доктори илмҳои тиб, профессор Абдулҳамид Қаюмов, дар натиҷаи гармшавии иқлим хатари паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла табларза, меафзояд ва бемориҳои гузаранда ба мавзеъҳое паҳн мешаванд, ки қаблан дар он ҷо ба назар намерасиданд. Зиёдшавии намнокӣ бошад, боиси афзоиши дарди буғумҳо ва бемории диққи нафас мешавад. Илова бар ин, солҳои охир дар натиҷаи гармшавии иқлим ва кам боридани борон дар фасли тобистон зуд-зуд хокбориш рӯй медиҳад, ки дар ин ҳолат беморони дилу рагҳо, фишори хун ва роҳи нафас худро бад ҳис мекунанд. Ҳамчунин, хокбориш ба нашъунамои сабзавот ва сифати меваҷот низ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар бораи сабабҳои тағйирёбии иқлим фикру ақидаҳои хеле гуногун ҷой мавҷуданд. Масалан, як гурӯҳи олимон зиёдшавии гази карбонатро дар ҳаво сабаби гармшавии иқлим меҳисобанд. Тарафдорони ин фарзия ақида доранд, ки дар натиҷаи сол то сол

зиёд сӯхтани газ, нафту ангишт ихроҷи гази карбонат ба ҳаво зиёд мешавад ва бад-ин сабаб соле зиёда аз 20 млрд тонна оксиген нобуд шуда, ҳаҷми гази карбонат зиёд мешавад. Ба ақидаи гурӯҳи дигари олимон омилҳои маҳаллӣ метавонанд сабаби гармшавии иқлим гарданд. Масалан, аз соли 1912 то соли 2007 ҳаҷми пиряхҳои кӯҳи Килиманҷаро (Танзания) 85% кам шуда, чоряк ҳиссаи он ба давраи аз соли 2010 ба ин ҷониб рост меояд. Сабаби босуръат коҳиш ёфтани майдони пиряхии Килиманҷаро буридани ҷангалзор бо мақсади бунёди қаҳвазору бананзор мебошад. Дар натиҷаи буридани дарахтони сӯзанбарг намнокии ҳаво кам шуда, гармсел пиряхҳоро об намудааст.

Чунин ҳолатро дар мисоли баҳри Арал низ метавон мушоҳида кард, ки солҳои Ҳокмияти Шӯравӣ бо мақсади гирифтани ҳосили зиёди пахта заминҳои асрҳо бекорхобидаи Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ба майдони кишти пахта тадбил дода шуданд. Оби дарёҳои Амударё ва Сирдарё ба пахтазору шолизори ин ҷумҳуриҳо ҷорӣ шуда, то баҳри Арал намерасид. Дар натиҷа, чорумин кӯли калонтарини ҷаҳон ба хушкшавӣ сар кард. Соҳили бахр аз шаҳри Муйнаки Ӯзбекистон 100 км қафо рафт. Яъне, масоҳати 100 км ба биёбони сӯзони пур аз таҳшини заҳрхимикату намакҳо табдил ёфт. Охири солҳои 80-уми асри XX сатҳи оби Арал кам гардида, бахр ба ду қисмат: Арали хурд (шимол) ва Арали калон (ҷануб) ҷудо шуд. То соли 2007 ҳаҷми Арали калон аз 708 км$^3$ то ба 75 км$^3$ кам шуда, шӯрнокии об аз 14 то ба 100 г/литр расид. Ҳангоми вазидани тундбод миқдори зиёди чангу ғубор ва заррачаҳои намаки масоҳати холишудаи баҳри Арал ба фазо бархеста, ба сари як қисм сокинони Осиёи Марказӣ мерезад ва заррачаҳои намак боиси зуд об шудани пиряхҳои Тоҷикистону Қирғизистон мегарданд.

Яке аз роҳҳои мубориза ба ин хатари бузург ва мутобиқ намудани соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ба тағйирёбии иқлим кам кардани партовҳои саноатию маишӣ, афзун намудани ҷангалзорҳо, гузариш ба манбаъҳои алтернативии энергия ва истеҳсолу истифодаи маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ба шумор меравад. Ба андешаи директори Маркази омӯзиш ва тадқиқи манбаъҳои барқароршавандаи энергияи Институти физикаю техникаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ Қурбонҷон Кабутов, дар Тоҷикистон

истифода бурдани энергияи офтобу шамол, дарёҳои хурд ва биогаз дурнамои хуб дорад. Мисол, истифодаи обгармкунаки офтобӣ дар шаҳру деҳот боиси сарфаи ҳезуму барқ мешавад. Аз поруи чорво ба ҷои таппак кардан метавон биогаз ҳосил кард, ки самараи он даҳчанд аст. Ва ё тавассути бунёди неругоҳҳои барқи обии хурд метавон чанд хонаводаро тамоми сол бо барқи арзону тоза таъмин кард. Марказ барномаи давлатии «Барномаи комплексии мақсаднок доир ба истифодабарии васеъи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ба монанди энергияи дарёҳои хурд, офтоб, шамол, биомасса, энергияи манбаъҳои зеризаминӣ барои солҳои 2007-2015»-ро иҷро карда, дар доираи он давоми солҳои 2009-2010 се лоиҳаро дар ноҳияҳои Ш.Шоҳин, Муъминобод ва Ховалинг амалӣ намуд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масоҳати 142,6 ҳазор км$^2$ дорои захираи бузурги барқароршавандаи энергия мебошад. Мувофиқи ҳисобҳои назарӣ иқтидори захираҳои алтернативии энергия дар Тоҷикистон: энергияи обӣ - 527 млрд кВт*ст/сол, энергияи офтобӣ - 3103 млрд кВт*ст/сол, энергияи биомасса - 2 млрд кВт*ст/сол, энергияи бод - 25-150 млрд кВт*ст/сол, энергияи геотермалӣ - 450 млрд кВт*ст/сол мебошад. Ҳатто қисман истифодабарии ин захираи бузурги энергетикӣ ҳама гуна фаъолиятҳои ба энергия эҳтиҷёдоштаи кишварро бо неруи барқ таъмин мекунад ва боқимондааш тавозуни энергетикию вазъи экологии минтақаи Осиёи Марказиро устувор мегардонад. Маҳз ин иқтидори бузурги энергетикиро ба назар гирифта, созмонҳои байналмилалии соҳавӣ нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи истеҳсоли «энергияи сабз», яъне неруи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қатори шаш кишвари пешсафи сайёра шомил мебошад. Чунки дар кишвари мо истеҳсоли неруи барқ танҳо аз ҳисоби энергияи обӣ 98%-ро ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёна 99,56% неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол шудааст.

Ҳамин тавр, истифодаи васеи манбаъҳои таҷдидшавандаи «энергияи сабз» ба рушди иҷтимоиву иқтисодии тамоми кишварҳо ва ташаккули «иқтисоди сабз» дар онҳо мусоидат менамояд. Ҳамчунин, истифодаи босамари партовҳои истеҳсолӣ ва экологикунонии ҷараёни истеҳсолот низ яке аз самтҳои

амалисозии «иқтисоди сабз» маҳсуб ёфта, дар якҷоягӣ бо мутобиқ намудани соҳаҳои фаъолият ба тағйирёбии иқлим барои рушди устувор заминаи бунёдию шароити мусоидро таъмин менамояд.

**Ашӯров АРДАМЕҲР**
*ходими калони илмии Институти омӯзиши масоили кишварҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ РОБИТАҲОИ ИЛМИВУ АДАБӢ МИЁНИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ФАРОНСА

Робитаҳои илмиву адабӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса таърихӣ қадима доранд.

Вақте сухан аз боби равобити тоҷикону фаронсавиён ба миён меояд, нуктаи ҷолиб ин аст, ки дар асрҳои XII ва XIII шоир ва мутафаккири бузурги тоҷик Ҷалолиддини Балхӣ бо фаронсавие вохӯрда будааст. Ё ба гуфтаи Аҳмади Афлокӣ, дигар файласуф ва орифи бузург Хоҷа Мавлоно Муҳаммад ибни Алӣ ибни Маликдоди Табрезӣ, ҳангоми дар Димишқ будан бо фаронсавие суҳбат намуда ӯро ҳамчун дӯст пазируфтааст.

Дар асрҳои минбаъда аниқтараш дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX яке аз ҷавонбухориён ва шоири машҳур Мирзо Сироҷи Ҳаким дар соли 1902 ба кишварҳои Ғарб сафар намуда, ҳамзамон чанд рӯз дар Фаронса мемонаду аз шаҳри Порис дидан мекунад. Вақте Мирзо Сироҷ ба Бухоро меояд асареро таълиф мекунад бо унвони «Туҳфаи аҳли Бухоро» ва дар ин асар фарҳанг ва маданияти Фаронсаро тарғиб намуда таъкид менамояд, ки омӯхтани забони фаронсавӣ дар Бухоро ба манфиати аст. Аз ин бармеояд, ки таваҷҷуҳ ба фарҳанг ва забони франсавӣ дар Аморати Бухоро низ ҷой доштааст.

Робитаҳои адабӣ ва рафтуомадҳои дипломатӣ миёни халқиятҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса таърихи чандинасра дорад. Чуноне дар мақолаи дотсент С.А. Султонзода доир ба ин мавзӯъ қайд гардидааст: «қисмати зиёди адабиёти классикиии мо доир ба фаронсавиён ва фарҳанги ин сарзамин калимаи «фаранг»-ро истифода бурдаанд, ки ин инъикоскунандаи калимаи қадимаи «фаронсавӣ» мебошад». Маврид ба зикр аст, ки Амир Темур дар замони салтанати худ ба шоҳи Фаронса

Карли 6 (1380-1422) дар таърихи 15 июни соли 1403 нома навишта будааст. Мазмун ва муҳтавои номаи Темур ба Карли 6 дар он ифода ёфтааст, ки Темур аз шоҳи Фаронса даъват менамояд, ки робитаҳои тиҷоратӣ ба роҳ монда шаванд ва бозоргонони фаронсавӣ метавонанд бе мушкилӣ ба қаламрави кишвари Темур рафтуомад намоянд. Дигар он ки нома ба забони ноби тоҷикӣ навишта шуда будааст, ки он вақт забони тоҷикӣ дар аҳди Темур мақоми давлатиро доро будааст. Соли 1996 нусхаи аслии ин нома аз ҷониби Президенти Фаронса ба Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ҳангоми мулоқот ва вохӯрӣ дар яке аз ҷамъомадҳои ЮНЕСКО супорида мешавад.

Метавон гуфт, ки Шарқ ва хусусан Мовароуннаҳр дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарият ва олимони Фаронса қарор доштааст. Зеро, дар асри XIII шоҳ Людовики IX роҳиби фаронсавӣ Гиёме де Рубрукро бо Осиё сафарбар карда буд. Дар натиҷа якчанд санад доир ба рафтуомад ва муомилоти озод байни фаронсавиён ва мардумони Осиёи Марказӣ, ки бо забони лотинӣ асос ёфта буданд, амалӣ гардиданд.

Ҷои дигар, зикри нуктаеро зарур мешуморем, ки тасаввурот доир ба Шарқ дар Фаронса аз таърихи нахустин дастнависи Марко Поло ба забони фаронсавии қадима «Оид ба рангорангии дунё» тақрибан (1298) маншаъ гирфтааст ва ин руйдоди таърихӣ дар китобхонаи миллии Париж нигаҳдошта шудааст.[1]

Дар Фаронса ҳанӯз дар асри XVI мактаби аврупоие созмон ёфта буд, ки фаъолияташ ба шарқшиносӣ равона шуда буд. Олимони фаронсавӣ ашъор ва маҳсули илмии олимони тоҷику ӯзбекро ба монанди Ибни Сино, Хоразмӣ, Берунӣ, Улуғбек, Навоӣ ва дигаронро ба забони лотинӣ ва фаронсавӣ тарҷума намуданд. Ҳамчунин беш аз 92 асари яке аз олимони барҷастаи тоҷик Имом Бухорӣ дар солҳои гуногун бо фаронсавӣ баргардон шуда, ҳоло дар китобхонаи миллии Фаронса нигаҳдорӣ мешавад.[2]

Далели дигари заминаҳои таърихии равобит миёни фаронсавиён ва мардуми Осиё Марказӣ дар он аст, ки дар асри

[1] Лаумулин М.Т. Центральная Азия в зарубежной политологии и мировой геополитике-Т.1. Алматы: КИСИ при Президенте РК, 2005. – 356 с.- с 31.
[2] Blanc E. Notes de voyage en Asie Centrale // Revue de Deux Monde. 1895. – 260 p. c. 89-90.

XVIII дар чандин шаҳри кишварҳои Осиёи Марказӣ сайёҳон, муҳаққиқон ва зиёиёну санъаткорони фаронсавӣ муддате сукунат дошта, ҳаёт ва фарҳанги ин минтақаро хуб омухтаанд. Масалан, дар шарҳи Тошкент то кунун маҳсули сохтумони ҳунармандони фаронсавӣ, Алексис Бенуа (меъмор) ва Албер Бенуа (рассом) ҳифз гардидаанд. Ҳамчунин, дар ин шаҳр ховаршинос ва мутарҷим Мишел Сале ва мусиқинавоз Станислав Совари, ки шарҳвандони Фаронса мебошанд, зандагонӣ ва эҷод намудаанд.[3]

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар шаҳри Тошкент яке аз фаронсавии машҳур бо номи Жозеф Антуан Кастане истиқомат доштааст. Ин фаронсавӣ забони модариашро дар ин минтақа тадрис мекардаасту дар мураттаб кардани харитаи археологии Осиёи Марказӣ саҳм доштааст.

Таваҷҷуҳ ба таърих, фарҳанг ва омӯзиши забони ӯзбекӣ низ аз ҷониби муҳаққиқони фаронсавӣ чи дар замони Шӯравӣ ва чи дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба таъхир гузошта нашудааст. Дар ин сарзамин олимон, ховаршиносон, муҳаққиқон ва рӯзноманигорони фаронсавӣ иқомат карда фаъолият ва эҷод намудаанд. Аз ин тоифа метавон Андре дю Ре, Пер Воте, Антуан Галлан, Бартолеми д'Эрбело, Клод-Этен Савари, Антуан Силвестр де Саси, Франсуа Шармуа, Шарл Шефер, Пер Обри, Мишел де Саси, Жан-Пол Ру, Бэйк Грэммон, Люсен Керен, Екатерина Пужол ва дигаронро намбар кард, ки доир ба таърих, фарҳанг ва санъати халқи ӯзбек таҳқиқоти пурарзиш анҷом додаанд.[4]

Ҳамин тариқ, муносибатҳои адабӣ миёни Ӯзбекистон ва Фаронса таърихи қадима доранд. Зеро, соли 1932 романи нависандаи фаронсавӣ Франсуа Дюшена таҳти унвони «Моҳтоб» бо забони ӯзбекӣ тарҷума шуд. Дар нимаи аввали асри 20 хонандагони ӯзбек аллакай ба эҷодиёти адабиёти классикии фаронсавӣ, чун Моппасан, Золя ва Молер ошно буданд. Баъдтар

---

[3] Histoire de lAsie Centrale. 1740—1818. Par Mir Abdoul Kerim Boukhari, texte Persian et traduction par Ch. Schefer. 2 vols. — Paris: Leroux, 1876.- 87 p. c.22.
[4] Histoire de lAsie Centrale. 1740—1818. Par Mir Abdoul Kerim Boukhari, texte Persian et traduction par Ch. Schefer. 2 vols. — Paris: Leroux, 1876.- 87 p. c.25.

ба онҳо муяссар шуд, ки бо забони ӯзбекӣ эҷодиёти Дюма, Волтер, Барбюсса ва Балзакро хонанд.[5]

Соли 1796 бо ташаббуси шарқшинос Л. Ланглэ дар Париж «Мактаби забонҳои зиндаи шарқӣ» таъсис меёбад, ки минбаъд маркази омӯзиши Шарқ ба шумор меравад. Ин мактаб яке аз муассисаҳои асосии аврупоӣ буд, ки ховаршиносони касбиро тайёр менамуд. Масалан шарқшиносони машҳури Фаронса ба монанди С.де Саси, Л. Ланглэ, Ш. Дефремери, Н. Семеле, Л. Любо, К. Хуарт, Ж. Моль ва дигарон ин мактабро хатм намуда, дар ин ҷо дарс гуфтаанд.

Соли 1820 бошад, асари Муҳаммад Юсуф Муншӣ «Тарих-и Муксим-хани» бо забони фаронсавӣ тарҷума гардид, ки ин асар яке аз манобеҳои асосӣ роҷеъ ба таърихи Бухоро ба шумор мерафт. Дар ин солҳо инчунин доир ба Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон аз сарчашмаҳое, ки бо забони русӣ интишор шуда буданд истифода мебурданд. Соли 1823 дар Париж китоби М. Муравев «Саёҳат дар Туркманистон ва Хева» аз чоп баромад. Соли 1831 дар маҷаллаи «Азиатик» ёддоштҳои А. Левшин доир ба қазоқҳо таълиф шудааст.[6]

Ховаршиносони машҳури фаронсавии асри XIX Габриэл Бонвало ва Гийом Капу доир ба кишварҳои Шарқ ва Казоқистон дар охирҳои асри XIX таҳқиқот бурдаанд. Г. Бонвало асаре бо номи «Осиё» дар соли 1895 ва Г. Капу асаре бо унвони «Помир - боми ҷаҳон» соли 1892 таълиф менамоянд, ки дар ин асарҳо саёҳат ва таассуроти муаллифон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва нисбат ба забону фарҳанги ин халқият тасвир ёфтааст.

Олими дигари фаронсавӣ, ки доир ба омӯзиши таърих ва тамаддуни мардуми Осиёи Марказӣ дар нимаи аввали асри XX таҳқиқот бурдааст, Рене Грюссет (1895-1952) мебошад.[7]

Ин далелҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки равобити илмиву адабӣ ва ба вижа муносибатҳои дӯстонаи мардуми минтақаи

[5] Рахимов М.А. Международное сотрудничество истана в контексте обеспечения стабильности и устойчивого развития в Центральной Азии. – Ташкент: Yangi Nashr, 2011. – 234 с. с -109.
[6] Маданова М.Х. Казахстан — Франция. Малоизученные страницы общения народов в XIX веке. — Алматы: Казахстан, 1993. — С. 44—46.
[7] Лаумулин М.Т. История Казахстана и Центральной Азии в мировой ориенталистике (к 50-летию Казахского ханства). — Астана: КИСИ, 2015. — 416 с. с. - 63.

Осиёи Марказӣ ва Фаронса аз давраҳои пеш, марҳилаи куҳанро фаро мегиранд.

Дар замони салтанати шӯравӣ бошад, робитаҳои мутақобила миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса вуҷуд доштаанд. Ин муносибатҳо дар самти илм ва адабиёт бештар густариш ёфтаанд. Ба тариқи мисол метавонем ҳамкориҳои олимони фаронсавӣ ва шӯравиро дар соҳаи омӯзиши кайҳон ишора намоем. Масалан, дар пойгоҳи Фаронса, ки дар ҷазираи Каргелен дар уқёнуси Ором ва дар Гивианаи фаронсавӣ сохта шуда буданд, нуқтаҳои советӣ баро назорати ғайрирасмии моҳвораи замин мавҷуд буданд. Дар ду «Лунохода» -и советӣ инъикоскунандаҳои лазерии фаронсавӣ истифода шуда буданд, ки масофа дурустро миёни Замин ва Моҳ муайян мекарданд.

Мавриди қайд аст, ки вақте нависандаи машҳур, асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ аз Бухоро ба Самарқанд меояд, дар ин ҷо ба мударрисӣ машғул мешавад. Дар ин шаҳри қадима дар шафати мадрасаи Шайбонихон мактаби мусиқие мавҷуд будааст, ки он ҷо баъзан сурудҳои инқилобӣ суруда мешуданд, «Марселеза» низ дар ин миён суруда мешудааст. Аз ин рӯ, дар асоси оҳанги Марселеза нависандаи тоҷик С. Айнӣ «Марши ҳуррият» -ро иншо намудааст. Аз ин бармеояд, ки сабки суруди фаронсавии Марселеза ба матни суруди Айнӣ таъсир намудааст. Ҳамчунин тарҷумаи «Ёддоштҳо» -и Садриддин Айнӣ ба забони фаронсавӣ яке аз аввалин тарҷумаи асари бадеӣ аз адабиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ бо забони аврупоӣ буд. Нависандаи машҳури фаронсавӣ, муҳаққиқ ва публитсист Андре Вюрмсер дар мақоли худ «Шарқ», ки дар маҷаллаи «Летғ Фғонсез» (1956, 27, 12), интишор гардидааст, қайд менамояд, ки реализми Айнӣ шакли эҷодии Раблеро дар асарҳояш «Гаргантюра и Пантагрюэле» инъикос менамояд. Яъне аз ин бармеояд, ки Айнӣ ба мазмун ва муҳтавои асарҳои нависандаи фаронсавӣ Рабле хуб ошно будааст. Асари дигари нависандаи барҷастаи тоҷик Садриддин Айнӣ «Марги судхӯр» ном дошта, бо тарҷумаи В. Вуано ва С. Бродина дар шаҳри Париж соли 1975 ба нашр расидааст. Нависандаи тоҷик Садриддин Айнӣ дар нимаи дуввуми солҳои 50-уми асри XX яке

аз асоситарин адибони шинохта ва хондашаванда аз адабиёти замони Шӯравӣ дар Фаронса ба ҳисоб мерафт.[8]

Ҳамин тариқ, ховаршиносони фаронсавӣ роҷеъ ба омӯзиши адабиёт ва фарҳанги мардуми минтақаи Осиёи Марказӣ саҳми намоён доранд. Зеро, ба ақидаи академик Бартолд омӯзиши забонҳои шарқ дар донишгоҳҳои Фаронса ҳанӯз дар асри XVI вуҷуд доштааст.[9]

Илму адабиёти форс тоҷик на фақат дар роҳи тараққиёти минбаъдаи халқҳои Шарқ, балки мамлакатҳои Аврупо ва Ғарб ҳам таъсири судманде гузоштааст. Онҳо аз ҷумлаи муҳимтарин сарчашмаҳои файзбахше буданд, ки ҳам боиси мазмунрангу бӯ ва ҳусн таровати тоза касб кардани осори адабию илмии суханварон ва донишмандони мамлакатҳои мазкур шудаанд ва ҳам омили ба зинаҳои нави камолот расидани маърифати он халқҳо гардидаанд. Бесабаб, нест, ки осори тиббии Ибни Сино аз асри XII то садаи XVII тӯли беш аз панҷсад сол дар мамлакатҳои Аврупо ва Ғарб ҳамчун энсиклопедияи илмҳои тиббӣ хизмат кардааст. Бесабаб нест, ки асарҳои шоирони шаҳири форс-тоҷик, аз асри XVII сар карда то замони мо боиси таваҷҷуҳи махсуси шарқшиносон ва тарҷумонҳо, адибон ва мутафаккиронои кишварҳои Аврупо ва олами Ғарб қарор гирифтаанду борҳо тарҷумаю нашр ва таҳқиқу тадқиқ гардидаанд. Бесабаб нест, ки дар фонди бузургтарин китобхонаҳои ҷаҳон китобҳои нодири асарҳои адабӣ ва илмии шоирон ва донишмандони Шарқ мавқеи босазое ишғол кардааст.[10]

Нуктаи дигаре ҷолиби қайд аст, ки олими барҷастаи тоҷик, профессор Шокир Мухтор дар омӯзиши адабиёти форс-тоҷик бо забони фаронсавӣ ва ҳамчунин таҳқиқи фаъолияти илмии олимони фаронсавӣ дар замони шӯравӣ ва дар даҳсолаи истиқлолияти миллӣ саҳми арзанда гузоштааст. Аз асри XX сар карда то инҷониб асарҳои бузурги адабиёти классикии тоҷик ба забонҳои гуногуни аврупоӣ аз ҷумла забони фаронсавӣ тарҷума

[8] Раҷабова И. С. Таджикистан-Франция: Интеркультурный диалог. Душанбе, 2008. - 32.с. с. - 22-23.
[9] Бартольд В.В. История изучения Востока и Европе, и России: -2-е изд.-Л.,1925. -317 с. с.- 15.
[10] Бартольд В.В. История изучения Востока и Европе, и России: -2-е изд.-Л.,1925. -317 с.

шудаанд. Имрӯз «Шоҳнома» -и безаволи Фирдавсӣ, назми баландпарвози Хайём, маҳсули илмӣ ва адабии Ибни Сино, «Гулистон» ва «Бустон» -и Саъдии Шерозӣ ва ҳамчунин каломи баландмазмуни Ҳофиз дар тамоми Аврупо ва хусусан дар Фаронса шуҳрату мақоми хосаро касб намудаанд. Доир ба таҳқиқ ва омӯзиши осори оламшумули шоир, асосгузори адабиёти классикии форс-тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки ҳанӯз дар қарни XIX оғоз шуда буд, олими намоён ва ховаршиноси фаронсавӣ Дермстердам хизматҳои арзандаро сомон додааст.

Фаронсавиён бори аввал соли 1867 бо эҷодиёти шоир ва олими барҷастаи тоҷик Умари Хайём шиносоӣ пайдо намудаанд. Дар ин солҳо шарқшиноси фаронсавӣ Ж.Б. Никола 464 рубоиёти Хайёмро бо забони фаронсвӣ тарҷума намуд, ки ин яке аз аввалин тарҷумаи назми тоҷикӣ бо забони фаронсавӣ буд. Дар асрҳои гузашта дигар ховаршиносони фаронсавиро ба монанди Перл Сегерс, Гарсиа де Тасси, Теофил Готей, Э. Ренан Чарльз Гролл, Фернанн Анри, Жорж Фрайли, Мартол Ш метавон номбар намуд, ки ашъори Хайёмро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Бояд қайд кард, ки аз тарҷумаи аввали «Гулистон» -и Муслиҳиддин Саъдӣ Шерозӣ дар Фаронса се аср гузаштааст. Ин асар бори аввал аз ҷониби Андре де Риё тарҷума шуда, соли 1634 дар шаҳри Париж ба нашр расидааст.[11]

Ба ақидаи яке аз тарҷумонҳои франсавии ғазалиёти Ҳофиз Артюр Ги, тарҷумаи нахустини франсавии шеърҳои шоир танҳо дар охири асри XVIII соли 1799 сурат гирифтааст. Соли 1858 шарқшиноси фаронсавӣ Шарл Дефремери дар маҷаллаи «Журнал Азиатик» мақолае бо унвони «Назаре ба ҳаёт ва навиштаҷоти Ҳофиз» чоп карда, дар он зимнан чанд тарҷумаи ғазалу байтҳои ҷудогонаи Ҳофизро ҷой додааст. Соли 1932 бошад, яке аз тадқиқотчиёни беҳтарини адабиёти форс-тоҷик Анри Массэ бист ғазали Ҳофизро ба забони фаронсавӣ тарҷума мекунад.

Маврид ба зикр аст, ки осори сардафтари муосири адабиёти тоҷик Сардиддин Айнӣ низ дар Фаронса шинохта шудааст.

[11] Мухтор Шокир. Адабиёти тоҷик дар Франция: Маҷмуи мақолаҳо. - Душанбе: Ирфон, 1985. 160 с. с. – 55.

Тарҷумаи осори Айнӣ дар Фаронса ҳануз ҳангоми зиндагии ӯ оғоз гардидааст. Порае аз «Ҷаллодони Бухоро» соли 1941дар шумораи чоруми маҷаллаи «Ревью де Моску» дар тарҷумаи Е.М. Дессин ва К. Урбетис ба табъ расида буд.[12]

Соли 1934 нависанда ва рӯзноманигори фаронсавӣ Пол Низан ҳамроҳи ҳамсараш Сусанн Мор дар Анҷумани якуми иттифоқи нависандагони Тоҷикистон иштирок намуда, аз минбар чунин гуфта буд: «Ман Анҷумани нахустини нависандагони Тоҷикистонро аз номи Иттиҳодияи байналхалқии нависандагони умимиҷаҳон ва Партияи коммунистии Франция табрик мегӯям… Ман хурсандам, ки дар ин ҷо рафиқон Айнӣ ва Лоҳутиро, ки аз услубҳои куҳнаи адабӣ ба адабиёти револютсионӣ ва аз сохтмони сотсиализм музаффарона гузаштаанд, табрик гӯям».

Пол Низан пас аз сафараш ба Тоҷикистон таҳти унвони «Сафари Тоҷикистон» мақолае менависад. Дар он мақола нависандаи фаронсавӣ дар бораи Айнӣ навиштааст, ки: «ӯ шахсест, ки дар забони тоҷикӣ нахустин бор романи револютсионӣ офаридааст».[13]

Нависанда Элза Триолэ (завҷаи Арагон) дар навбати худ изҳор карда буд, ки дар Париж ҳатто дар дӯконҳои китобфӯрушӣ асарҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Умари Хайём, Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Хисравро дарёфт кардан мушкил аст, чунки онҳо хонандаи зиёд дошта дар як лаҳза харидорӣ мешаванд.

Устод шодравон Шокир Мухтор қайд менамоя, ки пас аз Саъдию Ҷомӣ, ки шуҳраташон дар Фаронса барвақт оғоз шуд, Фирдавсӣ сеюмин адибе аст, ки франсавиёнро бо сарвати маънавии адабиёти форс-тоҷик ошно кард. Нахустин мутарҷим ва муҳаққиқи Фирдавсӣ дар Фаронса шарқшиноси номӣ Л. Ланглэ аст. Ҳамчунин дар ин самт дигар шарқшиносон ба монанди С.Л. Валенбург, А. Журден ва хусусан Жюл Мол саҳми калон доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки асарҳои Садриддин Айнӣ сазовори баҳои баланди шоир, нависанда ва муҳаққиқи номии

---

[12] Ҳамон ҷо. Саҳ 56.
[13] Мухтор Шокир. Адабиёти тоҷик дар Франция: Маҷмуи мақолаҳо. - Душанбе: Ирфон, 1985. 160 с. с. – 55. С. - 45.

Фаронса Луи Арагон (1897-1982) низ гаштаанд. Луи Арагон бо адиб шахсан шинос ва ҳамсуҳбат шуда буд, ки ин соли 1949 дар даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москав воқеъ гардидааст. Дар ин даҳа дар қатори нависандагони намоёнӣ советӣ Л. Деонов, И. Эренбург, А. Фадаев, П. Антокольский нависандагони фаронсавӣ Луи Арагон ва Элза Триолэ низ ҳамчун меҳмон ширкат доштанд. Айнӣ дар байни Фадаев ва Арагон нишаста буд. Ҳангоми ба музокира баромадани А. Фадаев, Арагон ҳар гоҳ ба сӯи Айнӣ менигарист. Ва пас аз шиносой бо ин олими фаронсавӣ устод Айнӣ мегӯяд, ки нависандагони тоҷик аз иштироки Луи Арагон ва Элза Триолэ дар ин маҷлиси адабӣ хело сипосгузоранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши Шарқ дар Аврупо, хусусан дар Фаронса таърихи қадима дорад. Фарҳанги қадимаи Шарқ кайҳо боз диққати пажӯҳишгарон ва олимонеро, ки дар ин самт фаъолият доранд ба худ ҷалб намудааст.

Агар сухан аз боби омӯзиши адабиёти замони Сомониён дар Фаронса ба миён ояд, метавон гуфт, ки дар нимаи дуввуми асри гузашта ин паҳлуи таҳқиқот барои фаронсавиён равшантар гардидааст. Далели дигаре он аст, ки доир ба эҷодиёти Рӯдакӣ фаронсавиён тавассути «Китобхонаи Шарқӣ» -и Д. Эрбело дар асри 18 маълумот пайдо карда буданд.

Ҳамкориҳои бостоншиносӣ миёни Ӯзбекистон ва Фаронса соли 1989 бо оғози кофтуковҳои бостоншиносӣ дар шаҳраки Афросиёб (Самарқанди қадима) оғоз гардидаанд. Имрӯз дар ҳудуди Ӯзбекистон панҷто пойгоҳи бостоншиносӣ дар якҷоягӣ амал мекунанд. Инҳо пойгоҳи бостоншиносии ӯзбеку фаронсавии Суғдиён, пойгоҳи бостоншиносии ӯзбеку фаронсавии шимоли Бохтар, пойгоҳи бостоншиносии ӯзбеку фаронсавии Аҷинапета оид ба неолизасия дар Осиёи Марказӣ пойгоҳи бостоншиносии ӯзбеку фаронсавии пез аз таърихӣ ва пойгоҳи бостоншиносии ӯзбеку фаронсавии дар Бухоро мебошанд.[14]

[14] Debize (Lt.col.) Étude sur lAsie Centrale // Bulletin de la Société de Géographie de Lyon. 1877. Vol. 2, pp. 521—572; 1879. Vol. 3, pp. 1—32.

Ин пойгоҳҳои бостоншиносӣ, ки бостоншиносони ӯзбек ва фаронсавӣ роҳбарӣ мекунанд, дар заминаи институти бостоншиносии ба номи Яҳё Гулямов мавҷуд ҳастанд.

Ҷои дигар бояд тазаккур дод, ки таҳқиқоти ховаршиносони аврупоӣ ба монанди Х. Эте, Х. Пургшталь, Дж. Дурместерер, С. Шеффер, А. Журден, П. Хорн, Ян Рипки, С. Деффремери де Саси, А. Масс, В. Джексон Ф. Лазара А.М. Schimmel, V.Sundermann, B. Brentes, B. Fragner, C. Pandera, P.G. Гейсса роҷеъ ба омӯзиши тамаддуни шарқ ва ғарб нақши арзанда доранд.[15]

Ҳанӯз солҳои 1978-1980 дар заминаи лоиҳаи ЮНЕСКО доир ба асари шашҷилдаи «Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ» олимони бостоншиноси тоҷик ва фаронсавӣ барои анҷом додани ин кори муҳим якҷоя шуруъ намуданд. Моҳи феврали соли 1980 коммисияи якҷояамалкунандаи шӯравӣ-фаронсавӣ доир ба гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши Бохтари қадим аз аз замони неолит то замони омадани Искандари Мақдунӣ таъсис дода шуд. Аз байни олимони шӯравӣ яке аз ташаббускорони ин лоиҳа аз Тоҷикистон Н.Н. Неъматов ҳамчун аъзои комитети Советӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар назди ЮНЕСКО буд. Мувофиқи ин лоиҳа корҳои якҷоя баҳори соли 1981 бо ҷамъомади илмии олимони шӯравӣ ва фаронсавӣ дар шаҳри Париж оғоз мешавад. Ва соли 1981 корҳои асосӣ дар ҳудуди Тоҷикистон сар мешаванд. Ин тадқиқоти илӣ дар Бохтар, ки ба ҳудуди Осиёи Марказӣ пайваст мебошад дар асоси лоиҳаи ЮНЕСКО оид ба омӯзиши «Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ» ба амал бароварда мешавад. Бо ин назардошт дар охири соли 1983 ба Тоҷикистон бостоншиноси фаронсавӣ Б. Лионне ташриф овард, ки ин ин бостоншинос бо коллексияҳои зиёди богонӣ ва этнографии Институти таърихи ба номи А. Дониш, ки аз асри биринҷӣ то рушди асрҳои миёнаро дар бар мегирифтанд шинос гардид.[16]

Мавриди зикр аст, ки вақте сафири Фаронса дар Тоҷикистон ҷаноби Оливе Мейтланд Пелен омӯзгорони забони фаронсавиро даъват карда, доир ба густариши минбаъдаи ҳамкориҳо ишора

[15] Вохидова Санавбарбону. Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы (XV-начало XXI вв.). Душанбе: «ЭР-граф», 2014. -504 с. с. 358.
[16] Roux Jean-Paul, L'Asie centrale, histoire et civilisation, Fayard, 1997.- 248 p. p. 162.

намуд, ҳамзамон қайд карда буд, ки «Шаҷараи нажодии мо аз ориёҳое, сарчашма мегирад, ки аз ин ҷо баромада дар Ғарб фаъолият кардаанд».[17]

Агар рушди робитаҳои илмӣ ва адабиро миёни Тоҷикистон ва Фаронса дар замони соҳибистиқлолӣ таҳлил намоем, метавон гуфт, ки ин ҳамкориҳо ҳамчун омили муҳимтарини ба ҳам пайвастани тоҷикон ва фаронсавиён ба шумор рафта дар марҳилаи нави муносибатҳо ҷараёни инкишофёбанда доранд.

Дар ин раванд аз метавон чандин олимон ва мутарҷимони тоҷикро қайд кард, ки дар рушд ва тақвияти равобити илмӣ ва адабӣ миёни Тоҷикистон ва Фаронса дар солҳои соҳибистиқлолӣ саҳми арзанда доранд. Масалан, устоди забони фаронсавӣ, профессор ва олими намоёни тоҷик шодравон Шокир Мухтор, ки қисмати асосии эҷодиёташ дар даврони шӯравӣ рост меояд, дар даҳаи аввали соҳибистиқлолӣ низ хизмати ин олим кам нест.

Дар ин миён метавон мутарҷими варзида шодравон Шамсиддин Ҳақназар, олим ва мутарҷими машҳур Туйчибой Ҷумъазода, дотсент ва файласуф Султонзода Соқибой, устоди забони фаронсавӣ Тоҷиддин Муҳиддинро зарк намуд, ки дар самти рушди ҳамкориҳои илмӣ ва адабӣ миёни Тоҷикистон ва Фаронса саҳми босазо доранд.

Масалан, монографияи дотсент С.Султонзода «Фалсафаи ибни Сино» моҳи июни соли 2015 дар шаҳри Саарбрюкени Олмон дар ҳаҷми 200 саҳифа ба нашр расида, ба китобхонаҳои асосии олам фиристода шудааст.

Ё ин ки, дар солҳои гуногуни соҳибистиқлолӣ Туйчибой Ҷумъазода тавонистааст, ки чандин асарони адибон ва нависандагони фаронсавиро ба забони тоҷикӣ тарҷума карда барои хонандаи тоҷик пешниҳод намояд. Соли 2005 мутарҷим «Қиёми сабзи дарахт», соли 2006 «Парвози шабона» -и Антуан Экзиюпери, соли 2007 «Бегона» -и Алберт Камю, соли 2009 романи «Наваду саввум» -и Виктор Гюго. соли 2016 Дурдонаҳои дарёи Сена (адибони адабиёти потенсиалии Фаронса) ва соли

[17] Раҷабова И. С. Таджикистан-Франция: Интеркультурный диалог. Душанбе, 2008. - 32.с.

2018 Номаҳо аз Осиёби ман. Алфонс Додеро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Агар сухан аз боби равобити Ӯзбекистон ва Фаронса дар соҳаи адабиёт ва санъат ба миён ояд, мавриди зикр аст, ки ҳанӯз аз соли 1988 инҷониб дар Фаронса Ҷамъият доир ба омӯзиши санъат ва таърихи замони Темуриён вуҷуд дорад. Моҳи апрели соли 1998 дар шаҳри Тошкент ҷамъияти дустии Ӯзбекистону Фаронса таъсис ёфт, ки минбаъд барои густариши муносибатҳо дар самти илму адабиёт заминаи қавӣ гузошт.[18]

Дар Қазоқистон бошад, чунин ҷамъият миёни Қазоқистон ва Фаронса соли 2010 бунёд ёфтааст, ки яке аз механизмҳои асосии тақвияти ҳамкориҳо миёни мардуми қаззоқ ва фаронсавӣ дар самти илм ва адабиёту санъат ба ҳисоб меравад. Агар таъсиси фаъолияти ҷамъияти дустии Тоҷикистон ва Фаронсаро бубинем, аён аст, ки ин ҷамъият соли 2013 ташкил ёфтааст. Дар назди ҷамъият фаъолияти тарҷумонӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин бозгуи густариши равобити устувори адабӣ миёни Тоҷикистон ва Фаронса мебошад.

Ҳамин тавр, муносибатҳои илмиву адабӣ дар ҷараёни асрҳои гузашта ва марҳилаи нави давлатдорӣ миёни мардуми минтақаи Осиёи Марказӣ ва Фаронса вуҷуд доштанду боз дар марҳилаи нав рушд меёбанд. Ин ҳамкориҳо хосатан дар замони муосир хислати инкишофёбандаро доро буда, дар маркази таваҷҷуҳи ҷонибҳо афзалият ва имконияти бештар доранд. Метавон гуфт, ки Фаронса барои кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз шарикони калидӣ ва боэътимод дар Аврупо ба ҳисоб меравад. Дар доираи ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Фаронса миёни онҳо фазои дӯстӣ ва эътимод ба вуҷуд омада, ин омил ба робитаҳои таърихии ин кишварҳо дар марҳилаҳои гуногуни таърих ва ҳамчунин таваҷҷуҳи онҳо ба Фаронса, таъриху фарҳанги он эҳтироми манфиатҳои миллӣ, азми ҷонноксозии муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ вобастагӣ дорад.

---

[18] Рахимов М.А. Международное сотрудничество истана в контексте обеспечения стабильности и устойчивого развития в Центральной Азии. – Ташкент: Yangi Nashr, 2011. – 234 с. С. 71.

**Мирзоёров МИРЗОЁР**
*магистри соли дуюми ихтисоси сиёсати беруна ва дипломатия Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо*

## РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГӢ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ОЛМОН

Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил баъд аз соҳибистиқлол гардидан муносибатҳои дипломатии худро бо кишварҳои олам ба роҳ монд. Аз ибтидои соҳибистиқлолӣ барои кишвари мо фарҳанг, илм ва маориф соҳаҳои муҳим ва зарурӣ мебошанд, зеро фарҳанг ва илму маориф арзишҳои муҳим ва зарурӣ барои кулли мардуми олам буда, барои дуруст рушду нумуъ намудани бахшҳои мухталифи ҷомеа ҳарду арзишҳои калидӣ мебошанд. Имрӯз ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷи дуру наздик ба таври рӯзафзун инкишоф меёбанд. Яке аз кишваҳои мутараққӣ дар арсаи ҷаҳонӣ Олмон мебошад. Ҳадафи мақолаи мо таҳқиқу баррасии робитаҳои фарҳангӣ ва илмии Тоҷикистон бо ин кишвари аврупоӣ мебошад.

Чун ба муносибатҳои Тоҷикистон бо Олмон таваҷҷуҳ менамоем маълум мешавад, ки Тоҷикистон соли 2005 аз ҷониби Ҳукумати Олмон кӯмаки бебозгашт дар ҳаҷми 5 млн евро барои низоми маълумоти миёнаи ҳатмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо шуда буд. Дар самти ҳамкориҳо дар соҳаи маориф, ҳамчунин Хадамоти олмонӣ оид ба мубодилаи академиявӣ накши фаъол дорад. Ҳамасола дар доираи барномаи мазкур даҳҳо донишҷӯён ва аспирантҳои муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисоси худро дар Олмон баланд мебардоранд. 20 сентябри соли 2010 бори нахуст ҳафтаи фарҳангии Олмон дар Тоҷикистон барпо гардид, ки барои муносибатҳои минбаъда заминаи мусоид фароҳам овард.

11 апрели соли 2015 «Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Филиппси шаҳри Марбурги Олмон» ба имзо расид, ки самти наверо дар табодули илмӣ боз намуд.

Аз таърихи муносибатҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистон ва Олмон назар менамоям, маълум мегардад, ки дар тӯли қарнҳо олмониён таърих ва фарҳанги мардумони Осиёи Марказиро аз ҷумла тоҷиконро ҳаматарафа меомӯзанд. Шиносоии олмониён бо Тоҷикистон нахустин бор соли 1928 ба вуқуъ пайваста буд. Соли 1928 як гӯруҳ олимони олмонӣ бо олимони Шӯравӣ таҳти унвони «Экспедисияи илмӣ тадқиқотии Помир» буд, ки иштирокчиёни ин лоиҳа бо роҳбарии Павел Лукнитски барои омӯхтани мардумшиносӣ, иқлим, ҳайвоноту наботот, анъанаҳо, ҳунарҳои мардумӣ тоҷикон, расму оин сафари нафақат Бадахшони Кӯҳӣ, балки тамоми қаламрави Тоҷикистонро кардаанд. Баъд аз сафари хеш Павел Лукнитски китоби «Саёҳат ба Помир»-ро чоп намуд[ 1.66]

Дар ҳамаи давраҳои таърихӣ, махсусан дар давраи нав, шахсиятҳои маъруфи илму фарҳанги Ғарб, аз ҷумла олмониён кишварҳои Шарқро ҳаматарафа таҳқиқ намуда барои худ арзишҳои безаволи ақидаи – экстетики мероси фарҳангии мардумони тоҷикуфорсро кашф намуданд ва онро бо комёбиҳои фарҳанги пешрафтаи кишварҳои худ алоқаманд мекарданд.

Чунонки муҳаққиқони соҳаи дипломатия медонанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «Дарҳои кушода» - ро қариб ба ҳамаи кишварҳои олам пеш гирифтааст.

Дар ин замина Олмон яке аз аввалин кишварҳо мебошад, ки муносибатҳои дипломати худро бо таъйини Сафири фавқулода ва худмухтори худ Александр Бекманн дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 1993 оғоз ва ба роҳ мондааст. Саҳми собиқ дипломат Александр Бекманн ва собиқ роҳбари Хадамоти мубодилаи академикии Олмон (DAAD) доктор Кай Франке махсусан дар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон ва рушди ҳамкориҳои тарафайн хело назаррас мебошад. Дар доираи барномаҳои мухталифи хадамоти мазкур бисёр ҷавонону устодон аз Тоҷикистон барои такмили ихтисос ба донишгоҳҳои Олмон сафару таҳсил карданд [1.67]

Собиқ вазири корҳои хориҷии Олмон Клаус Кинкел ба муносибати баргузории рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Федералии Олмон дар Осиёи Марказӣ соли 1996 аз ҷумла Тоҷикистон қайд кард, ки «Рӯзҳои Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар минтақае баргузор мегардад, ки аз қадиммулайём чаҳоррохи тамаддуни мухталиф будааст. Баргузор шудани рӯзҳои фарҳангии

Тоҷикистон дар сентябри соли 1996 ва рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Олмон моҳи июни соли 1997 ба наздикшавӣ ва ҳусни тафоҳуми ду мардуми дӯст гардид. Рушди ҳамкориҳои байни ду кишвар, ёрии беғаразии иқтисодӣ ва башардӯстонаи Олмон ба Тоҷикистон мусоидат намуд. Маълум аст, ки обрӯю эътибори Олмон дар Аврупо ва дар тамоми ҷаҳон нафақат бо иқтидор ва захираи иқтисодиаш, балки бо мероси маънавӣ ва фарҳанги он муайян мешавад. Аз ин рӯ, роҷеъ ба ҳамкорӣ сухан ронда мо нафақат робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, балки табодули мутақобила дар соҳаҳои фарҳангу ҳунар, илму донишро дар назар дорем. Таваҷҷуҳи Олмон ба Тоҷикистон баъд аз эълони истиқлоли ҷумҳурӣ вусъат ёфта ва характери расмии давлатӣ- ҳуқуқиро ба худ гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки Олмон аз ҳама бештар санади ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Олмон  ба имзо расонидааст, ки маҳсули онҳо 40 санади дуҷониба мебошанд.

Барои рушди ҳамкориҳои дуҷониба Президенти Ҷумҳурии Федералии Германия Франк- Валтер- Штайнмайер 1-уми апрели соли 2016 ба шаҳри Душанбе ташриф оварда, ба доираи стратегияи миёнамуҳлати рушд дар давраи 2016-2022 ва чанд созишномаҳоро ба имзо расонидааст [1.68]

Тӯли 20 соли охир Ҷумҳурии Федералии Олмон дар баробари саҳмгузорӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ба тадриҷ нақшу нуфузи худро дар ҳалли муҳимтарин масоили сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ боло мебарад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои густариши робитаҳои бо кишварҳои Аврупо ҷаҳду талош дорад. Дар доираи густариши равобити хориҷӣ табодули афкор ва омӯзиши таҷриба ва дастовардҳои илмии олимон тарғибу ташвиқи забон, фарҳанг, таърих ва адабиёти халқи тоҷик аз 17-уми сентябр то 5-уми октябр соли 2018 дар заминаи «курсҳои тобистона» 15 нафар олмониён аз донишгоҳи Ҳумболди Олмон дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд [1.68]

Зикри ин нукта ба маврид аст, ки  ки донишгоҳи ба номи Ҳумболдтҳо соли 1810 аз ҷониби бародарон Александр ва Вилҳелм фон Ҳумболдт таъсис дода шуда барои рушду нумуи илм 27 соҳиби ҷоизаи нобелиро тарбия намудааст, ки Алберт

Эйнштайн, Нилс Бор, Макс фон Планк ва дигарон аз ҷумлаи машҳуртарини онҳо мебошанд. Ҳадаф аз зикр намудани ин ҳодиса он аст, ки сол то сол робитаҳои фарҳангӣ, маориф ва илмӣ миёни Тоҷикистон ва Олмон густариш меёбанд, зеро барои ин ҳам заминаҳои мусоиди илмӣ ва ҳам заминаи фарҳангиву сиёсӣ имкон медиҳад. Барои тақвияти андешаҳои болоӣ қайд намудани фаъолияти пурсамари маркази иттилоотии кишвари Олмон дар шаҳри Душанберо зарур мешуморем. Пуриқтидорӣ, рушди босуръати иқтисодӣ ва тавоноии инноватсионии Олмон дастоварди мутахассисонии бомаҳорат, ландшафти фаъоли илмӣ-тадқиқотӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мубодилаи илмӣ мебошад.

Хадамоти мубодилаи академии Олмон (DAAD) иттиҳоди мактабҳои олии Олмон ва калонтарин ташкилоти умумиҷаҳонӣ мебошад, ки ҳамкории байналмиллалии мактабҳои олиро дастгирӣ мекунад. Ба он 236 мактаби олӣ ва 124 ташкилотҳои донишҷӯён тааллуқ доранд. Ғайр аз ин, DAAD намояндагии миллӣ барои барномаҳои мутаҳаррики Иттиҳоди Аврупо мебошад. Буҷети DAAD дар солҳои охир мунтазам зиёд гардида истодааст ва аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Олмон, Вазорати федеролии маориф ва тадқиқот, Вазорати федеролии ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ, Иттиҳоди Аврупо ва дигар сармоягузорон маблағгузорӣ карда мешавад. Аз аввали таъсисёбии DAAD дар соли 1925 то имрӯз дар дохил ва хориҷи кишвар барои олимон ва донишҷӯён зиёда аз 1,5 миллион идрор ҷудо карда шудааст. Соли 2012 DAAD дар тамоми олам зиёда аз 75.000 олмониён ва хориҷиёнро дастгирӣ кардааст.

Зиёда аз 500 омӯзгорони мактабҳои олӣ дар кори комиссияи озод баҳри интихоби идроргирандагон ва лоиҳаҳо аз рӯйи сифат ва меъёри комёбии дархостҳо ширкат меварзанд. Тавассути ҷудо намудани стипендияҳо ба шахсони воқеӣ ва дастгирии ҳамкориҳои байни муассисаҳои илмӣ DAAD қариб 90 сол дар шабакаи илмие қарор дорад, ки ландшафти маориф ва илми Олмонро бо ҷамъияти илмии ҷаҳонӣ мепайвандад.

Маркази иттилоотии DAAD дар Душанбе дар ҳамкории зич бо Сафоратхонаи Олмон дар Душанбе вазифаҳои маркази сиёсати фарҳангӣ, илмӣ, маориф ва рушди хориҷиро дар Тоҷикистон иҷро мекунад. DAAD аввалин лекторро соли 1997 ба Душанбе фиристод. Ҳавасу таваҷҷуҳи зиёди аҳолӣ водор

кард, ки соли 2004 дар пойтахти давлат Маркази иттилоотии DAAD кушода шавад. Аз соли 2005 тими DAAD бо дастгирии ассистентҳои забон ва аз соли 2011 бо дастгирии волонтёрҳои барномаи Вазорати корҳои хориҷӣ «kulturweit» (фарҳанги беҳудуд) устувортар шуда истодааст.

Вазифаҳои асосии Маркази иттилоотии DAAD дар шаҳри Душанбе аз:

-машварат доир ба таҳсил ва тадқиқот дар Олмон;

-ташкил ва гузарондани чорабиниҳои иттилоотӣ оиди имкониятҳо таҳсил дар Олмон

-иштирок дар ярмаркаҳои таълимӣ:

-идораи барномаҳои стипендиявӣ;

-тайёр намудани стипендиягирандагони DAAD, ки барои таҳсил ба Олмон сафар доранд:

-дастгирии робитаҳои мустаҳкам байни хатмкунандагони барномаҳои DAAD (Alumni)

-ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои Тоҷикистон

-ҳамкорӣ бо муассисаҳои миллӣ ва байналхалқии таълимӣ

-гузарондани семинарҳо ва мактабҳои тобистона

-дастгирии омӯзиши забони олмонӣ дар мактабҳои олӣ

-ташкили чорабиниҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони забони олмонӣ

-гузаронидани санҷишҳои TestDaF, onDaF ва TestAS

-таъмини китобхона бо маводи таълимӣ, махсус, бадеӣ ва инчунин бо филмҳои олмонӣ иборат мебошад[3].

Чунонки аз муҳтавои фаъолияти Маркази иттилоотии DAAD дар Душанбе маълум мегардад, Олмон ҳамчун кишвари мутараққии аврупоӣ имкон ва қудрати иқтисодиву илмиро соҳиаст. Ин имкон медиҳад, ки барои боз ҳам тақвият додани нуфузу эътибори Тоҷикистони соҳибистиқлол робитаҳои фарҳангӣ ва илмӣ дар доираи созишномаҳои баёнидавлатӣ тақвият ёбанд.

Хулоса, тадқиқу омӯзиши робитаҳои фарҳангӣ ва илмии Тоҷикиистон нишон медиҳад, ки давлати Олмон ҳамчун яке аз кишварҳои мутараққии Аврупоӣ дорои фарҳанг ва тамаддуни қадима ва ғанӣ буда, метавонад барои тавсеаи муносибатҳои фарҳангӣ ва илмӣ Тоҷикистон бо кишварҳои дигари Аврупо пайвандгар бошад.

**Адабиёт**

1. Воҳидова С. Олмониён бо таърих ва фарҳанги тоҷикон аз наздик ошно шуданд // Маҷаллаи академии илмию оммавӣ Илм ва Ҷомеа № 5 (13), 2018 с.66-71.

2. Германия и Центральная Азия. https://www.auswaertiges-amt.de/blob/1496766/0d6dfe436f770728278d88b2ae387c91/zentralasien-rus-data.pdf

3. Информационный центр DAAD в Душанбе. https://www.daad.tj

4. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе. «Ирфон», 2013, -160 с.

5. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. - Душанбе: «Ирфон», 2011, С.82-124.

## АЗ СИЛСИЛАИ РАВШАНФИКРОНИ МУОСИР



Комил
БЕКЗОДА
*файласуф*

***Таҳия ва таҳқиқи:***



Дидавар
БЕКЗОДА
*равоншинос*



**Вил Дюрант**
**(1885−1981)**

Вил Дюрант файласуф ва муҳаққиқи сатҳи ҷаҳонии Амрикост. Осори ӯ чун **"Дарсҳое аз таърих"**, **"Таърихи фалсафа"**, **"Лаззатҳое аз мутолиаи фалсафа"** ва китоби 27 ҷилдаи **"Таърихи**

**тамаддун дар ҷаҳон”** ба аксарияти забонҳои зиндаи олам тарҷума шудаанд. Аз ҷумла ба забонҳои арабӣ ва форсӣ. Боби “Ҳуссерл ва Ҳайдеггер–бунёдгузорони фалсафаи вуҷудӣ” –ро аз китоби дигари ӯ бо номи **“Тафсирҳои зиндагӣ”** (1970) барои хонандагони арҷманд таҳия намудем.

**Навиштаи: ВИЛ ДЮРАНТ**

## ЭДМУНД ҲУССЕРЛ ВА МАРТИН ҲАЙДЕГГЕР–БУНЁДГУЗОРОНИ ФАЛСАФАИ ВУҶУДӢ



**Эдмунд Ҳуссерл (1859–1938)**



**Мартин Ҳайдеггер (1889–1976)**

Ҳодисаҳои ҷузъӣ ҷараёни экзистенсиализмро кумак намуданд ва қудрат бахшиданд. Дар романи “Бародарон Карамазовҳо” навиштаи Достоевский (1880) Иван муоризаҷӯӣ ва эътирози ҳайратовареро дар фалсафа матраҳ кард: “Агар Худо набошад, пас ҳама чиз маҷоз ва мумкин аст”. Ин сухан ба ин маъност, ки қоидаҳои ахлоқӣ бидуни пуштувонаю заминаи эътиқодӣ, назорат ва кайфару ҷазои илоҳӣ, беасар ва бетаъсир хоҳад буд. Магар он ки бар ҳар инсон нигаҳбоне гуморида ва таъин карда шавад, ки он ҳам таҳаммулнопазир аст. Ин

масъалаест, ки экзистенсиализм натавонистааст, ки ҳал кунад. Анри Бергсон дар китоби “Таҳаввули ахлоқ” (1906) ва осори дигараш “улуми механикӣ”–ро рад мекунад ва иродаи озодро мавриди таъйид ва пуштибонӣ қарор медиҳад. Ва огоҳиро паноҳгоҳи фалсафа эълом мекунад. Ҳайдеггер таҳти таъсири Достоевский қарор гирифт, ва Сартр таҳти таъсири Бергсон ва ҳарду–Ҳайдеггер ва Сартр–таҳти таъсири Эдмунд Ҳуссерл қарор доштанд. Ҳуссерл ҳангоме, ки дар донишгоҳи Гуттинген ва Фрейбург дарс мегуфт, ба шарҳи назарияе пардохт, ки ба пайравӣ ва тақлид аз Гегел онро “падидашиносӣ” номид. Мутолиаи огоҳӣ, асоситарини ҳамаи илмҳост. Чаро ки ҳеҷ чиз барои мо шинохта намешавад, магар ба унвони “вазъият” ё муҳтавои огоҳӣ,–яъне ба унвони падида (феномен ва ҳодиса). Вале огоҳӣ ҳаргиз огоҳии мустақил ва тиҳӣ (холӣ) нест, балки ҳамвора огоҳӣ <u>АЗ ЧИЗЕ</u> аст. Ин огоҳӣ <u>ҚАСД ВА ҲАДАФ</u> дорад,–ба самту тарафи чизе гироиш ё ҷиҳат (майл) дорад. Бидуни ин чиз (ки мумкин аст шайъ, чиз, робита, шахс ё ҳолати зеҳнӣ бошад), огоҳӣ муҳтаво надорад. Бидуни огоҳӣ, ин чиз мазмун ва муҳтавое надорад.

Мартин Ҳайдеггер яке аз маҳбубтарин шогирдони Ҳуссерл дар донишгоҳи Фрейбург буд. Ҳайдеггер аз соли 1889 дар Месскирш Блек Форест (дар минтақае дар ҷанубӣ–ғарбии Олмон) ба дунё омад. Ва ҳамчун як католик бор омад ва бо хондани “Маҷмуаҳо” –и Сейн Томас Аквинос (Тома Аквиний) ба шиддат таҳти таъсири фалсафаи схоластикӣ қарор гирифт. Баъдҳо эътиқод ба Худоро аз даст дод, аммо табу тобашро нисбат ба моварои табиат ва метафизика ҳифз кард. Ба гуфтаи худи ӯ гуфтугуҳояш бо Ҳуссерл “таҷрибаи бевоситае буд, ки ба нигориши китоби “Ҳастӣ ва замон” анҷомид” (1927). Дар ин китоб, ки нахустин асари классикии фалсафаи экзистенсиализм (вуҷудӣ) аст, изҳор дошт, ки пажӯҳишҳояш “танҳо бар пояи он чи Эдмунд Ҳуссерл бино ниҳода буд, мумкин шудааст”.

“<u>ҲАСТӢ</u> ва <u>ЗАМОН</u>” дар суннату анъанаи шинохтшиносии Кант <u>қарор дорад</u> ва монанди китоби “<u>НАҚДИ ХИРАДИ НОБ</u>”, бо канор гузоштани бисёре аз истилоҳоти анъанавӣ ва бо ба кор гирифтани калимоте бадеъ (ихтирошуда), таркиботе вазин (душвор), ба печидагӣ ва ибҳоми (ношинохтагии) китоб меафзояд. Содатарин истилоҳе, ки Ҳайдеггер ба кор мегирад, худи <u>ҲАСТӢ</u> аст. <u>ҲАСТӢ</u> дар

васеътарин, муҳимтарин ва тиҳитарину холитарин мафҳуми худ яъне "ҲАСТАН" ҳар чизе, ки ҳаст, истифода шудааст.

Ин ҳастан иборат аст аз ҳастии орӣ ва холӣ аз ҳар гуна аломати мушаххас ва конкретӣ ё шакле хос, яъне ҳастии тамоми вуҷудҳо ва ҳастиҳо, ки "фи нафсиҳи зот нест",–яъне "бо худии худ вуҷуд ва ҳастию зот нест". Ҳайдеггер мегӯяд: "Дар китоби "Ҳастӣ ва Замон", масъалаи ҳастӣ ба унвони савол барои нахустин бор дар таърихи фалсафа матраҳ ва пешниҳод мешавад ва такомул меёбад". Инсон ҳайвоне мовароуттабиат ва метафизикӣ аст. То он ҷо, ки медонем, ҳеҷ организми дигаре ҳаргиз то ҳадди пурсиши "ҲАСТӢ ЧИСТ?" суъуд–ё нузул яъне боло ё поён намеравад.

Ҳайдеггер мегӯяд, ки мо ҳастиро мустақиман ва бевосита аз тариқи огоҳии худамон, ба сурати "ҳаст" –и мубҳам ва норавшан аммо нофиз (раво ва корсоз) ба мисли қавли маъруфи "ман фикр мекунам, пас ҳастам" –и Рене Декарт мешиносем. Ҳуссерл дуруст мегӯяд, ки тамомии фалсафа бояд падидашиносона (феноменологӣ) бошад. Фалсафа бояд мутолиаи зеҳн ё воқеиятҳоро ба сурате, ки бар зеҳн ошкор мешаванд, таҳқиқ намояд. Огоҳии фард бевоситатарин ва ногузиртарини тамоми воқеиятҳост. Ҳайдеггер фарди инсон ва беш аз ҳар чиз огоҳии ӯро "ВУҶУД" меномад. Яъне огоҳии як инсони фард ва танҳо "ВУҶУД" аст.

Ҳар кас, қабл аз он, ки аслан аз моҳияти хеш чизе бидонад, ҳастии хешро мешиносад, чаро, ки моҳияти инсон ба унвони фард ба тарзе мутароким, пайваста ва лаҳза ба лаҳза бо таҷрибаҳои шахсияш ва вокунишҳою аксуламалҳояш халқ мешавад. Моҳияти инсон, таърихи ӯ ва тамоми гузаштаи ӯст.

Аммо наметавонем худро ба унвони фарди маҳз ва холису ноб дарк кунем. "Ҳолати аслии вуҷуд, ҳастӣ дар ҷаҳон" аст. Ҳар огоҳӣ, аз воқеияти хориҷии худ "мутталеъ, бохабар ва огоҳ" аст. Ба ақидаи Ҳуссерл, огоҳӣ ҳадафдор аст ва огоҳӣ ба хориҷ аз худ ишора дорад. Ва бидуни чунин мазмун ва муҳтавое, ҳеҷ аст. Вале бо доштани муҳтаво, неруҳо ва қудратҳои хос ва мушаххас ба фарде дорад. Огоҳӣ метавонад ҳар чиз ва шайъеро бо "раду инкор" –табдил кардан ба ҳеҷ–он чи ба шайъ ва чизи мавриди назар номарбут нест, онро аз муҳити худ тамиз диҳад ва фарқ гузорад. Огоҳӣ метавонад замонро танг ва ё густурда кунад. Метавонад ба гузашта ва оянда, ба унвони "замони ҳол", гӯё ки

акнун аст, бияндешад. Аммо огоҳӣ тобеи замон, дигаргунӣ, завол ва марг қарор дорад.

Ҳар як аз мо зери таъсир ва ҳукми мафҳуми ҳудус ва навшавӣ қарор дорем. Далеле дар даст нест, ки чаро бояд ба дунё омада бошем. Мо тасодуфи маҳз ва сирф ҳастем ва ба ҳеҷ ваҷҳ дар тарҳи ашё зарурӣ нестем. Бидуни иҷозат ва хоҳиши худамон ба даруни ҳастӣ партофта шудаем ва бидуни иҷозат ва хоҳиши худамон аз он хориҷ мешавем. Аз ин "партобшудагӣ" нафрат дорем ва аз дармондагии тараҳумангези худамон дар ҷараёни тағйири шаклҳо ранҷ мебарем ва нобуд мешавем. Андешаи марг, ногузир зиндагиамонро тираву тор мекунад. Ва гарчи худро то ҳадде озод эҳсос мекунем, вале ин озодӣ ба боре, ки бар душ дорем, меафзояд–чаро, ки масъулияти ончиро ки анҷом медиҳем, ба гарданамон меандозад. Нигаронӣ ва ташвиш тақрибан ҷавҳари огоҳӣ аст. Ва изтироб даст аз сарамон бар намедорад, чаро ки метавонем ба пасу пеш бингарем. "Мо дар ҷустуҷу ва ташна" –и дилгармӣ, умед, амният ва бехатарӣ ҳастем. Дар миёни мардум зиндагӣ мекунем, аммо ҳар як аз мо асосан эҳсоси танҳоӣ ва дар ниҳоят эҳсоси дармондагӣ ва оҷизӣ мекунем. Шароити зиндагии мо бадтар аз асрҳои аввалин аст, чаро, ки акнун барои бисёре аз мо "Худо дигар худое зинда нест" ва арсаи ҳастӣ, ғайришахсӣ шудааст. Ва дигар на паноҳгоҳе вуҷуд дораду на ваъдаи наҷот ва растгорӣ. Мо ки дар зиндагӣ ба марги хеш огоҳӣ пайдо кардаем, хирадмандонатарин вокуниш ва аксуламаламон пазируфтану қабул намудани бешакку шубҳаи сарнавишти хеш ба унвони қисме аз назму тартиби табиат ва ҷиҳати муштарак барои ҳамаи инсонҳо аст. Ва танҳоии худро метавонем бо майли "будан бо дигарон" ва қабул намудани масъулиятҳо ва таваҷҷуҳу муроқибати мутақобил бо дигарон, таскин диҳем. Ҳамчунин, метавонем бо сарфи назар кардан аз лаззатҳои дунявӣ ва гардан ниҳодан ба ахлоқиёти худбаста, гуноҳамонро кам ва коҳиш диҳем. Чун "гардан ниҳодан ба маҷмӯае аз қонунҳо, олитарин шакли озодӣ аст".

Ба нишонаи сипос аз андешаҳояш, дар таърихи 28 майи соли 1933 шӯрои олии донишгоҳи Фрейбург Ҳайдеггерро ба раёсати донишгоҳ баргузид. Аммо ӯ як сол баъд истеъфо дод, то вақти худро сарфи тадрис ва таълим кунад. Ба ҳизби натсионал–сотсиалист пайваст ва аз донишҷӯёни хеш хост то

Адолф Гитлерро ба унвони “воқеияти кунунӣ ва ояндаи Олмон” ва суханони ӯро ба “унвони қонун” бипазиранд.

ᴗꙮᴗ

Дар ҷараёни такомули экзистенсиализм аз Ҳайдеггер то Сартр ду шахсият кам аҳамияттар зоҳир шуданд: Карл Ясперс (1883–1969) устоди фалсафа дар Ҳейделберг ба соли 1931 китоби “Шароити рӯҳии замон” (тарҷумаи англисиаш ба номи “Инсон дар асри навин”, 1933) ва дар соли 1938 “Фалсафаи вуҷудӣ” –ро мунташир кард. Ӯ ҳарду мактаби исботгарой (позитивизм) ва рафторгарой (бихевиоризм) –ро ки кӯшида буданд, огоҳиро нодида бигиранд, ва ҳамчунин идеализмро, ки вуҷуди дунёи хориҷиро ба унвони ҳолате сирфан зеҳнӣ (субъективӣ) инкор мекард, мардуд ва ботил мешумурд. Инсонро таркибе аз зеҳн ва ҷисм тавсиф мекард, ки иродаи озод, аммо маҳдуд ба ирсият ва муҳити атроф дорад. Ясперс эҳсос мекард, ки имрӯза инсон махсусан ба тавассути тудаҳои шаҳрӣ ва заруратҳои технологии саноатӣ зери таъсир ва дастхуши “ҳамсоншудан” қарор гирифтааст. Озодии кофии фардӣ ба мо эҳсоси масъулият, гуноҳ ва аз худбегонагӣ медиҳад. Ва ин омилҳо ҳамроҳ бо тарс аз марг моро ба ҷустуҷуи ёрӣ ва имдодҳои фавқуттабиӣ (метафизикӣ) мекашонад. Мо набояд эътиқоди умумӣ ба Худоро заиф гардонем ва онро нодида бигирем.

Ба ростӣ, ноқис будани дониши мо далолаткунанда ва нишондиҳандае бар вуҷуди ҲАСТИИ МУТАОЛ (Transcendent, Худо) аст, ки муодили (эквиваленти) мубҳаму норавшани “улуҳият” (худовандӣ) дар назари файласуфон аст. Дар соли 1937 ҳукумати натсионал–сотсиалист Ясперсро аз мақоми устодӣ хориҷ намуд. Ӯ ҳашт сол дар гумномӣ ва фаромушӣ зиндагӣ кард. То он ки пас аз фурупошии режими Гитлер мақоми худро дубора ба даст овард.

ᴗꙮᴗ

Габриэл Марсел ба мафҳуми масъалаи фалсафии Киркегор, яъне ҷустуҷуи худое, ки ба зиндагии инсонӣ маъно, такягоҳ ва пуштибонӣ бидиҳад, боз мегардад. Ӯ дар соли 1889 аз падаре фаронсавӣ ва модаре яҳудӣ ба дунё омад. Солҳо бо беморӣ дасту панҷа нарм кард, то худро муолиҷа намуд. Довталаби Салиби Сурх шуд ва дар Ҷанги Ҷаҳонии аввал ширкат кард ва ҳеҷ гоҳ натавонист манзараҳои ваҳшиёна ва дардноки ҷангро фаромуш кунад. Дар китоби “Рӯзномаи метафизикӣ” (1927) ба шарҳи

эътиқоде мепардозад, ки ба назар мерасад, шар ва пучиро таҳаммулпазир мекунад. Франсуа Мориак нависандаи романҳо ва мақолоте, ки гироишот ва майлҳои католикӣ дошт, аз ӯ пурсид: "Чаро ба мо намепайвандӣ?". Дар соли 1929 Марсел дар калисои католикӣ пазируфта шуд ва шаш сол баъд дар китоби "ҲАСТӢ ВА ДОНИШ" навмедии фалсафаи муосирро натиҷа ва хулосаи он донист, ки мусобиқаи ба даст овардани молу сарват ва колоҳои моддӣ ҷои дин ва мазҳабро гирифтааст. Ва шахсияти инсон қурбонии моликият ва дороии ашёҳои моддӣ шудааст. Инчунин, рӯҳи инсон дар печу хами инсонҳо ки ӯро ба абзоре ва инструменте вобаста ба абзорҳои дигар табдил карда, хурду хароб шудааст.

"Ишқ ҳамчун омилест, ки таниш ва мухолифат байни "худ" ва "дигарон"–ро мешиканад. Густариши алоқа ва ҳамкорӣ ки ҳастиамонро ғанӣ ва шодоб месозад, бисёр хирадмандона аст. Ҳангоме, ки Сартр китоби "ҲАСТӢ ВА НЕСТӢ" –ро (1943) мунташир кард ва дар он, робитаи табиии байни инсон ва инсонро навъе зиддият эълон кард ва пучӣ, ранҷ ва беҳудагии зиндагиро мавриди таъкид қарор дод ва аз маҳви тадриҷии Худо сухан гуфт. Марсел ӯро (Сартр) –ро ба ин далел, ки пуштибонии мазҳабӣ назму тартиби иҷтимоӣ ва шахсияти инсониро бепарво нобуд мекунад, мавриди ҳамла қарор дод. Ба ақидаи Марсел, тамаддуни навин танҳо бо гардан ниҳодан ба калисое муқтадир ва имоне қавӣ метавонад худро дар ҷараёни шак ва тардид, муборизаҳои табақотӣ, ҷангҳои густурда ва инқилобҳои пурошуб, аз фурупошӣ наҷот диҳад. Сартр дар мавқеи хеш побарҷо монд ва дар тафаккураш низ монанди Ҳайдеггер экзистенсионализм ба шакли мутолиаи "падидашиносонаи" (феноменологи)-и ҳастии инсони маҳрум аз Худо, даромад.

Сарчашма: Тафсирҳои зиндагӣ.
Навиштаи: Вил ва Ариэл Дюрант.
Тарҷумаи: Иброҳим Мушъирӣ.
Виростаи: Манучеҳри Яздонӣ.
Интишороти: Нилуфар.
Чопи аввал: 1369=1990, (593 с).
Аз саҳифаи 415 то 422.

## НАМОЯНДАГОНИ МАКТАБИ ФАЛСАФАИ ВУҶУДӢ



Сёрен Керкегор
(1813-1855)



Карл Ясперс
(1883-1969)



Габриэл Марсел
(1889-1973)



Жан Пол Сартр
(1905-1980)



Эдмунд Ҳуссерл
(1859–1938)



Мартин Ҳайдеггер
(1889–1976)



Вил Дюрант
(1885–1981)



Вил Дюрант ва Ариэл Дюрант
(1885–1981) (1898-1981)

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95, 915-99-99-91
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 03.04.2019*
*Барои нашр имзо шуд 04.04.2019*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 14. Андоза 70х100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 200 нусха. Супориши №55.*

*ҶСК «Чопхонаи Дониш»*
*ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, бинои 2*

***www.ravshanfikr.tj***

**Илм ва Ҷомеа**___________________________________________